**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВБД:** 343.98:629.2(575.3)
**ТКБ:** 67.99(2)94:39.808(2тоҷик)
**С**–20

Бо ҳуқуқи дастнавис

**САИДЗОДА РАҶАБАЛИ ҲОКИМҶОН**

# ТАҲҚИҚОТИ КРИМИНАЛИСТИИ УСУЛИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲОИ МАРБУТ БА ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОИДАҲОИ ҲАРАКАТИ РОҲ ВА ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент Қодирзода Д.С.

**ДУШАНБЕ – 2026**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ..........................3**

**МУҚАДДИМА...................................................................................4-15**

**БОБИ 1. ТАВСИФИ КРИМИНАЛИСТИИ ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОИДАҲОИ ҲАРАКАТИ РОҲ ВА ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ......................................................................................16-76**

1.1. Таҳқиқи умуминазариявӣ-криминалистии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт..............................................16-29

1.2. Тавсифи криминалистии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт......................................................................29-60

1.3. Ҳолатҳое, ки дар раванди тафтиши парвандаҳои ҷиноятии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт бояд исбот карда шаванд**..........................................................................................................60-76**

**БОБИ 2. АСОСҲОИ ТАШКИЛӢ ВА БАНАҚШАГИРИИ ТАФТИШИИ ҶИНОЯТИ ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОИДАҲОИ ҲАРАКАТИ РОҲ ВА ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ..............................................77-104**

2.1. Хусусиятҳои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва ташкили тафтиши ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт..........................................................................................................77-93

2.2. Вазъиятҳои намунавии тафтишӣ ва банақшагирии тафтиши вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт.............................93-104

**БОБИ 3. ТАФТИШИ ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОИДАҲОИ ҲАРАКАТИ РОҲ ВА ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ.......................................105-176**

3.1. Хусусиятҳои тактикии амалҳои алоҳидаи тафтишӣ дар тафтиши ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт.......................................................................................................105-146

3.2. Таъйин намудани экспертизаи судӣ дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт.......................................................................................................146-176

**ХУЛОСА.......................................................................................177-179**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.....................................................................................179-181**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)....................................................182-205**

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ..........................................................................................206-207**

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ** – Кодекси ҷиноятӣ

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҲМ ҶТ** – Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМҶ ҶТ** – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**КМҶ** – Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ

**АМО ҶТ** – Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ДМТ** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**ШКВД** – Шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ

**БДА** – Бозрасии Давлатии автомабилӣ

**ВН** – Воситаи нақлиёт

**ЭСТ**– Экспертизаи судӣ-тиббӣ

**ғ.** – ғайра

**с.** – сол

**с.** – саҳифа

**қ.** – қисм

**б.** – банд

**м.** – модда

**н.** – ноҳия

**ш.** – шаҳр

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Яке аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоию иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) то ҳол таъмини  бехатарии ҳаракат дар роҳ боқӣ мемонад. Афзоиши устувори шумораи воситаҳои нақлиёт дар солҳои охир боиси зиёд гардидани ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ ҳам дар шохроҳҳо ва ҳам дар кӯчаҳои маҳалҳои аҳолинишин гардида, дар натиҷа ба расонидани зарари ҷиддии ҷисмонӣ ва маънавӣ, инчунин дар баъзе ҳолатҳо  ба оқибатҳои вазнин ва бебозгашт барои ҳаёт ва саломатии инсон оварда мерасонад

Ҳамзамон, соҳаи нақлиёт дар низоми иқтисоди миллии кишвар ҷойгоҳи муҳимро ишғол намуда, ба рушди соҳаҳои вобаста ва сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ таъсири назаррас мерасонад. Дар ин замина, нақлиёти мусофиркаш аҳаммияти махсус дорад, зеро дар маҷмуъ он 66,8 % –и ҳаҷми умумии ҳамлу нақлро дар ҷумҳурӣ ташкил медиҳад, ки аз ин ҳиссаи асосӣ – 54,4 % ба нақлиёти автомобилӣ рост меояд.

Дар ҷараёни баргузории Конфронси якуми умумиҷаҳонии вазирони корҳои дохилӣ, ки ба масъалаҳои бехатари дар  роҳ бахшида шуда буд, ба вазъи садаманокӣ дар кишвар баҳои танқидӣ дода шуда, он ҳамчун ҳолати ниҳоят номусоид ва таҳдидкунанда ба амнияти ҷамъиятӣ эътироф гардид. Тибқи маълумоти оморӣ, ҳар сол дар ҷаҳон шумораи зиёди одамон бар асари ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ ба ҳалокат мерасанд. Ҳамчунин зикр гардид, ки ҳар сол садҳо кӯдак қурбонии чунин ҳодисаҳо мегарданд. Сарфи назар аз корҳои анҷомдодашуда ҷиҳати коҳиш додани сатҳи садаманокӣ, мушкилоти ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон  ҳамоно аҳаммияти худро нигоҳ медорад. Афзоиши шумораи воситаҳои нақлиёти баландсуръат вазъи роҳро ба таври ҷиддӣ мураккаб мегардонад. Илова ба ин, ба омилҳое, ки ба зиёд шудани шумораи садамаҳои роҳу нақлиётӣ ва ҷароҳатҳои вазнин ба саломатии одамон мусоидат мекунанд, метавон афзоиши нақлиёти боркаш ва мусофиркаш, сатҳи пасти касбият ва малакаи ронандагон ва як қатор омилҳои дигарро нисбат дод.

Таҳлили омори расмӣ нишон медиҳад, ки дар солҳои охир сатҳи ҷароҳатбардорӣ дар натиҷаи ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ дар кишвар ба сатҳи  баланд расидааст: аз соли 2018 то моҳи июли соли 2024 дар садамаҳои роҳу нақлиётӣ зиёда аз 6000 нафар ба ҳалокат расидаанд, ки аз ин шумора беш аз 800 нафарро кӯдакон ташкил медиҳанд. Ба

ҳисоби миёна, дар як шабонарӯз дар роҳҳо зиёда аз нӯҳ ҳодиса ба қайд гирифта мешавад, ки боиси ҳалокати чанд нафар ва расонидани осеби ҷисмонӣ ба якчанд иштирокчии дигари ҳаракат мегардад.

Тибқи маълумоти омории Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «дар соли 2018 – 2365 ҷиноят, дар соли 2019 – 2721, дар соли 2020 – 2613, дар соли 2021 – 2991, дар соли 2022 – 3021, дар соли 2023 – 3312 ва дар шаш моҳи соли 2024 – 1863 ҷиноят вобаста ба вайрон намудани бехатарии ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ба қайд гирифта шудааст» [21].

Дар айни замон, мафҳуми ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракати роҳ содда ва якхела боқӣ мемонад, ки ин ҳолат ба бандубасти дурусти ҷиноятҳо таъсири манфӣ расонида, эҳтимоли ба миён омадани хатогиҳои тафтишӣ ва судиро зиёд менамояд.

Ҷанбаҳои тавсифи криминалистии ҷиноятҳои мавриди баррасӣ таҳлили амиқи назариявиро талаб менамоянд. Амалия нишон медиҳад, ки дар марҳилаи ибтидоии мурофиаи ҷиноятӣ ҳамоно мушкилоти зиёд ба миён меоянд, ки ба сифати паст ва вокуниши саривақтии мурофиавӣ нисбат ба иттилооти воридшуда дар бораи ҷиноят вобаста мебошанд.

Ҳамзамон, механизми ягона ва дақиқи ҳамкории байни хадамоту сохторҳои гуногун ҳангоми анҷом додани амалҳои аввалини тафтишӣ дар ҷойи ҳодиса, инчунин дар раванди ташкил ва таъйини экспертизаҳои судӣ то ҳол таҳия нагардидааст. Масъалаҳои марбут ба марҳилаи ташкилию санҷишӣ ва зинаҳои минбаъдаи тафтиши ҷиноятҳои зикршуда, аз ҷумла таҳияи нақшаи тафтишӣ, ки ба ҳолатҳои воқеии парванда мутобиқат дошта бошад, дар муҳити илмӣ ва амалӣ ҳамоно баҳснок боқӣ мемонанд.

Таҳлили амалияи тафтиш нишон медиҳад, ки гузаронидани амалҳои тафтишӣ бо асосноккунии дурусти тактикӣ ва бо истифодаи донишҳои махсус аҳаммияти муҳим дорад.

Мавҷуд будани чунин мушкилоти ҳуқуқтатбинамоӣ зарурати дарки назариявӣ ва такмили танзими ҳуқуқии раванди тафтиши ҷиноятҳои вобаста ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифода воситаҳои нақлиётро ба миён меорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ва криминалистии

давраи шӯравӣ ва давраи истиқлолият ба таҳлили масъалаҳои тафтиши ҷиноятҳои нақлиётӣ диққати кам дода шудааст. Ҷанбаҳои алоҳидаи тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи нақлиёт мавзуи таҳқиқоти илмии баъзе олимони ватанӣ (Д.Д. Давлатов) Д.Д. Давлатзода [156], Ҷ.М. Зоир [32], З.Ҳ. Искандаров [36], Д.С. Қодирзода [58], А.Қ. Назаров [139], Р.Ҳ. Раҳимзода [79], Ҳ.С. Салимов [85], ва олимони хориҷӣ Р.Ю. Ачмиз [152], Ю.Н. Багдасарян [153], В.Н. Герасимов [20], Е.В. Зубенко [158], А.Г. Колчурин [162], Ю.Г. Корухов [46], А.А. Коссович [163], И.С. Лаврентева [166], Т.А. Моховая [169], Д.А. Никитас [140], А.П. Онучин [156], Е.А. Попов [173], Е.П. Ишенко [77], Н.П. Яблоков [151] ва дигарон қарор гирифтааст.

Олимони зикршуда дар омӯзиши масъалаҳои тафтиши ҷиноятҳое, ки бо вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт алоқаманд мебошанд, саҳми назаррас гузоштаанд. Бо вуҷуди ин, бояд қайд намуд, ки дар адабиёти соҳавӣ ин мавзуъро наметавон ба таври кофӣ таҳлилшуда ҳисобид. Дар ин самт як қатор масъалаҳо мавҷуданд, ки ба омӯзиши мустақили илмӣ ниёз доранд. Ҳамаи ҷанбаҳои тафтиши ҷиноятҳои нақлиётӣ ба таври пурра мавриди таҳқиқ қарор нагирифта, то имрӯз хусусияти баҳснок дошта, таҳлили минбаъдаи илмиро талаб менамоянд.

Бояд таъкид кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз таҳқиқоти бунёдии илмие, ки ба масъалаҳои тафтиши ин гуна ҷиноятҳо, бандубасти онҳо ва роҳҳои такмили қонунгузории миллии ҷиноятӣ дар ин самт бахшида шуда бошанд, вуҷуд надоранд.

Ҳамин тариқ, тафтиши ҷиноятҳое, ки бо вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт вобастаанд, дар шароити муосир яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб рафта, анҷом додани таҳқиқоти диссертатсиониро талаб менамояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон аз рӯйи мавзуи «Мушкилоти назария ва амалияи усули тафтиши ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт барои солҳои 2020-2025» омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқот дар асосноккунии илмии заминаҳои методикӣ ва тактикии тафтиши ҷиноятҳо, ки бо вайрон намудани бехатарии ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт алоқаманд мебошанд, бо назардошти хусусиятҳои криминалистии онҳо ва ниёзҳои амалияи ҳуқуқтатбиқкунанда ифода меёбад.

Бо дарназардошти мақсади баланди таҳқиқот, доираи васеи вазифаҳо муайян карда шудааст, ки ҳаллу фасли назариявӣ ва амалии онҳо муҳтавои асосии ин диссертатсияро ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бо дарназардошти мақсадҳои зикршуда, дар доираи диссертатсия вазифаҳои зерин баррасӣ мегарданд:

– таҳқиқоти умуминазариявӣ ва криминалистии вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт;

– таҳияи аз назари илмӣ асоснокӣ тавсифи криминалистии ҷиноятҳое, ки ба бехатарии ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт таҷовуз мекунанд;

– асосноккунии низоми ҳолатҳое, ки дорои аҳаммияти исботкунӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои ин гурӯҳ мебошанд;

– муайян намудани хусусиятҳои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва ташкили тафтиши ҷиноятҳо, ки бо вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт вобастаанд;

– муайян ва низомноксозии ҳолатҳои намунавии тафтишӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин таҳияи тавсияҳо оид ба банақшагирии тафтиш;

– таҳияи маҷмуи қарорҳои тактикӣ, ки ҳангоми анҷом додани амалҳои алоҳидаи тафтишӣ дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳои вобаста ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт татбиқ мегарданд;

– ошкор ва асоснок намудани хусусиятҳои таъйини экспертизаҳои судӣ бо назардошти хусусиятҳои криминалистии тафтиши ҷиноятҳои ин гурӯҳ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ошкорсозии самаранок ва ҳамаҷониба ва тафтиши ҷиноятҳо, ки бо вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт вобастаанд, ба ҳисоб меравад. Ин фаъолият дар доираи тафтиши пешакӣ ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ амалӣ мегардад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ шаклҳои объективии содир намудани ҷиноятҳое мебошанд, ки бо вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт алоқаманданд, инчунин механизми содир намудани ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани ҳаракати роҳ аз ҷониби ронандагон, манбаъҳои иттилоот дар бораи ҷиноятҳо ва иштирокчиёни онҳо, ҳамчунин шаклҳои ҷамъоварӣ, таҳқиқ, баҳогузорӣ ва истифодаи далелҳо дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо мебошанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи криминалистика ва экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Кор бар рӯйи диссертатсия аз соли 2019 оғоз ёфта, ин ҳолатро нашрияҳои муаллиф оид ба мавзуи таҳқиқот тасдиқ менамоянд. Таҳқиқот давраи рушди тафтиши ҷиноятҳо, ки бо вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт вобастаанд, аз замони ба даст овардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯзро дар бар мегирад. Ҳамчунин марҳилаи шӯравии танзими муносибатҳо дар соҳаи тафтиши ҷиноятҳо, вобаста ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии диссертатсияро андешаҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи криминалистика, ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Дар ҷараёни таҳқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, инчунин маводи конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ омӯхта шудаанд.

Ҳамзамон, ҳамчун асоси назариявӣ корҳои чунин олимон истифода шудаанд: Р.Ю. Ачмиз, Ю.Н. Багдасарян, В.Н. Герасимов, Е.В. Зубенко, А.Г. Колчурин, Ю.Г.

Корухов, А.А. Косович, И.С. Лаврентева, Т.А. Моховая, Д.А. Никитас, А.П. Онучин, Е.А. Попов, Е.П. Ишенко, Н.П. Яблоков.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ маҷмуи усулҳои умумӣ ва махсуси шинохти илмии воқеияти ҳуқуқиро дар бар мегирад. Дар кор усулҳои таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, мантиқӣ, диалектикӣ, оморӣ, ҳуқуқӣ ва расмӣ-ҳуқуқӣ истифода шудаанд.

Дар таҳқиқот, инчунин усулҳои умумиилмӣ, аз қабили мушоҳида, муқоиса, таҷриба, усулҳои мантиқӣ, вазъиятӣ, низомӣ ва таърихӣ татбиқ гардидаанд. Ба сифати усулҳои махсуси илмӣ усулҳои оморӣ истифода шудаанд. Ба усулҳои махсуси омӯзиши предмети таҳқиқот усулҳои таҳлили ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-меъёрӣ мансубанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Асоси эмпирикии таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиш ва таҳлили амалияи судии судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рӯи 150 парвандаи ҷиноятӣ дар солҳои 2018–2025 дар бар мегирад. Дар ҷараёни таҳқиқот маводҳои Маркази иттилоотию таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маводҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Оид ба омӯзиш ва ҷамъбасти амалияи судӣ аз рӯйи парвандаҳое, ки бо тафтиши ҷиноятҳо, вобаста ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт алоқаманд мебошанд», ки аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ дар солҳои 2018–2025 баррасӣ шудаанд, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудаанд.

Ҳамчунин, парвандаҳои ҷиноятӣ аз рӯйи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз ҷониби судҳои шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ баррасӣ гардидаанд, омӯзиш ва таҳлил карда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Таҳқиқоти мазкур аввалин диссертатсияи ватанӣ мебошад, ки ба омӯзиши ҷиноятҳои вобаста ба нақлиёт бахшида шудааст. То имрӯз чунин масъалаҳо, аз қабили ҷавобгарӣ барои содир намудани ҷиноятҳои нақлиётӣ, инчунин тарзи ташкил ва анҷом додани тафтиши ҷиноятҳои мазкур, дар сатҳи монографияҳо ё диссертатсияҳои илмӣ ба таври ҳамаҷониба таҳлил нагардида буданд. Дар ин кори диссертатсионӣ мафҳуми тафтиши ҷиноятҳои нақлиётӣ, унсурҳои асосии он, ҳамчунин заминаҳо, тартиби ташкил ва идоракунии чунин тафтиш ба таври

муфассал мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Илова бар ин, роҳҳои муайян намудани хусусиятҳои ҳуқуқии танзими қоидаҳои ҳаракат низ таҳлил шудаанд.

Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар сатҳи таҳқиқоти монографикии диссертатсионӣ дар илми ҳуқуқи ватанӣ кӯшиши омӯзиши ҳамаҷонибаи тафтиши ҷиноятҳо, ки бо вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт алоқаманд мебошанд, анҷом дода шудааст.

Нуктаҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд. Дар асоси натиҷаҳои зикршуда, дар диссертатсия барои баррасӣ ва ҳимоя навгониҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд:

1. Дар асоси таҳлили қонунгузорӣ дар соҳаи қоидаҳои ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, номгӯйи ҳолатҳое таҳия гардидааст, ки бояд ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат муқаррар карда шаванд. Ин ҳолатҳо намудҳои гуногуни рафторҳои зиддиҳуқуқиро дар бар мегиранд, аз ҷумла: баланд намудани суръат, риоя накардани нақшаи ҳаракат, ба вуҷуд овардани вазъиятҳои хатарнок, ки боиси ҳодисаи роҳу нақлиётӣ ё расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии инсон мегарданд. Аз ҷумла: 1) воқеаи ҷиноят дар заминаи муқаррар намудани тартиби ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва фаъолияти марбут ба ҳамлу нақли мусофирон; 2) таҳлили муносибати руҳии гунаҳгор нисбат ба вайронкуниҳои содиршуда, аз ҷумла бо назардошти иштироки эҳтимолии шахсоне, ки барои ҳолати техникии воситаҳои нақлиёт ва бехатарии ҳаракат масъул мебошанд; 3) таҳлили оқибатҳои зарароваре, ки дар натиҷаи ҷиноят ба вуҷуд омадаанд, аз ҷумла расонидани зарари молумулкӣ ва осеб ба саломатии ҷабрдидагон, бо баҳогузории миқдорӣ ва сифатии онҳо.

2. Таҳлили анҷомдодашудаи назарҳои илмӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ дар соҳаи тафтиши ҷиноятҳо, ки бо вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт вобастаанд, имкон медиҳад тасаввурот дар бораи сохтори тавсифи криминалистии онҳо ташаккул ёбад. Унсурҳои ҷудошуда имконият медиҳанд, ки механизми ҳодиса барқарор карда шавад, субъектҳои воқеаро тавсиф намоянд, қонуниятҳои ба вуҷуд омадани изҳоро муайян созанд, шароити физикӣ ва ҳуқуқии муҳити ҷойи ҳодисаро арзёбӣ кунанд, ҳамчунин воситаҳои ҳангоми содир намудани ҷиноят истифодашударо муайян намоянд.

Тавсифи криминалистии ҷиноятҳое, ки бо вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт вобастаанд, низоми мураккаб, махсус ва байнисоҳавиро ифода месозанд. Ин низом маҷмӯи маълумотро дар бораи механизми ташаккули ҷиноят, амалҳои иштирокчиён дар лаҳзаи содиршавӣ ва пас аз он, динамикаи рушди ҳодиса ва ташаккули аломатҳои ҷиноят вобаста ба вазъият дар бар мегирад. Ба сохтори тавсифи криминалистии ин гурӯҳи ҷиноятҳо маълумот дар бораи субъектҳои ҳодиса: ҳам шахсе, ки вайронкунӣ содир намудааст ва ҳам ҷабрдида, инчунин маълумот оид ба воситаҳои истифодашуда ҳангоми содир намудани кирдор ва усулҳои татбиқи онҳо дохил мешаванд.

Таҳлили ин гурӯҳи ҷиноятҳо имкон медиҳад, хулоса бароварда шавад, ки онҳо аз ҷиҳати мазмун ва тарзи амалӣ гардиданашон аз дигар кирдорҳои ҷиноятии ҷазододашаванда ба таври ҷиддӣ фарқ мекунанд. Содир гардидани онҳо бо механизми функсионалии махсус алоқаманд аст, ки дар шароити муҳити динамикии роҳу нақлиётӣ ташаккул ёфта, бевосита аз таъсири мутақобилаи инсон, воситаи нақлиёт ва инфрасохтори роҳ вобаста мебошад. Хусусияти хоси ин ҷиноятҳо беқасд будани расонидани зарар аст, ки он махсусияти баҳодиҳии ҳуқуқӣ ва интихоби чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣҷиноятиро пешакӣ муайян мекунад.

3. Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки ошкор ва тавзеҳ додани сабабҳои вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт муносибати байнисоҳавиро талаб менамояд. Дар баробари таҳлили андозаҳои техникӣ ва ҳолатҳои барои криминалистика аҳаммиятнок, омӯзиши ҳолати равонии ронандагон, тамоюлҳои рафтории онҳо ва муҳити иҷтимоии атроф аҳаммияти махсус касб мекунад. Дар ин замина, рафтори зиддиҳуқуқӣ дар соҳаи ҳаракат аксаран зери таъсири маҷмуи омилҳои иҷтимоӣ ва равонӣ-ҳаяҷонӣ ташаккул ёфта, танҳо ба хатогиҳои идоракунии воситаи нақлиёт ё нуқсонҳои техникии он маҳдуд намешавад.

Ҳамин тариқ, тафтиши ҳодисаи роҳу нақлиётӣ бояд ҷанбаҳои равонӣ ва иҷтимоии рафтори инсонро ба назар гирад, аз ҷумла таъсири муҳити корӣ, рафтори иҷтимоӣ, муносибатҳои байнишахсӣ дар муҳити нақлиётӣ ва сатҳи фарҳанги ҷамъиятӣ, ки ба амалҳои хавфноки ронандагон мусоидат мекунанд. Танҳо бо дарназардошти ин

омилҳо таҳқиқоти ҳамаҷонибаи ҳодисаи роҳу нақлиётӣ имконпазир гардида, риояи қоидаҳои бехатарии ҳаракат таъмин карда мешавад.

**4.** Амалияи тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи бехатарии ҳаракат гувоҳӣ медиҳад, ки таҳия ва татбиқи тавсияҳои тактикии дақиқсанҷида оид ба анҷом додани амалҳои тафтишӣ дар таъмини пурра ва холисона бурдани тафтиш нақши муҳим мебозанд. Татбиқи муваффақонаи чунин тавсияҳо танҳо дар сурате имконпазир аст, ки онҳо ба хусусиятҳои криминалистии кирдорҳои мавриди баррасӣ мутобиқ гардонда шаванд.

Тафтши ҷиноятҳои ин гурӯҳ диққатро ба маҷмуи амалҳои афзалиятноки тафтишӣ талаб менамояд, ки муайян намудани механизми ҳодиса ва ҳолатҳои дорои аҳаммияти мурофиавиро таъмин мекунанд. Дар ин раванд, азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ва пурсиши гумонбар (айбдоршаванда) аҳаммияти асосӣ доранд, зеро онҳо ҳамчун манбаъҳои асосии иттилооти ибтидоӣ ва такмилёбандаи исботнамоӣ баромад мекунанд.

Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ба қатори амалҳои ибтидоии тафтишӣ дохил шуда, ба ошкорсозӣ, сабт ва таҳлили изҳои моддӣ, ҳолати воситаҳои нақлиёт ва дигар унсурҳои муҳити ҳодиса равона мегардад. Ин амал имкон медиҳад, ки вазъияти роҳу нақлиётӣ барқарор карда шуда, доираи шахсони эҳтимолан марбут ба ҳодиса муайян гардад.

Пурсиши гумонбар (айбдоршаванда) вазифаи аниқсозии ҳолатҳои воқеии ҳодисаи баамаломадаро иҷро намуда, омилҳои субъективии рафтори зиддиҳуқуқиро ошкор месозад ва нақши шахси мушаххасро дар воқеаи ҷиноят муайян мекунад. Ҳамчунин, ин амал ҳамчун воситаи санҷиш ва мушаххас намудани маълумоте хизмат мекунад, ки тавассути дигар усулҳои мурофиавӣ ба даст оварда шудаанд.

Татбиқи оқилонаи тавсияҳои тактикии криминалистика ҳангоми пурсиш, ки ба далелҳои қобили қабул асос меёбад, фаҳмиши амиқтари механизми кирдори ҷиноятӣ ва хусусиятҳои рафтори шахси гумонбаршударо таъмин менамояд.

Ҳамкории муфаттиш бо кормандони воҳидҳои оперативӣ ва нозироти давлатии бехатарии ҳаракат аҳаммияти махсус дорад, зеро он ҳамкории самаранокро бо мақомоти дахлдор дар раванди ошкор намудани ҷинояткор ва муайян кардани воситаи нақлиёти истифодашуда ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ

таъмин менамояд. Чунин ҳамкорӣ ба муайян намудани робитаҳои ҷинояткор бо муҳити ҷиноятӣ, ошкор кардани воситаи нақлиёти истифодашуда, боздошт намудани гунаҳгорон ва ҳалли парванда мусоидат мекунад.

Таҳлили амалияи тафтиш зарурати густариши истифодаи донишҳои махсусро ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи бехатарии ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт тасдиқ менамояд. Тафтиши самараноки чунин кирдорҳо ҷалби мутахассисони тибби судӣ, пайшиносҳо ва автотехникҳо, инчунин гузаронидани таҳқиқоти компютерии криминалистии воситаҳои нақлиёт ва унсурҳои инфрасохтори роҳро талаб мекунад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар имконияти истифодаи хулосаҳо ва пешниҳодҳои он дар таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ, ки ба тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи бехатарии ҳаракат вобастаанд, ифода меёбад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти қонунгузорӣ, дар ҷараёни таълими фанҳои криминалистика, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, криминология ва курсҳои махсус, инчунин дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (Вазорати корҳои дохилии ҶТ, Прокуратураи ҶТ), судҳо, Бозрасии давлатии автомобилӣ ва муассисаҳои экспертизаи судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Маводди таҳқиқот барои баргузории семинарҳо, конференсияҳо ва мизҳои мудаввари илмӣ-амалӣ низ муфид хоҳанд буд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифодаи усулҳои муосир, ки ба мақсад ва вазифаҳои кор мутобиқанд, таъмин карда мешавад. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳодҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ такя мекунанд. Тафсир ва таҳлили амалияи судӣ-тафтишӣ бо истифодаи усулҳои муосири коркарди иттилоот ва омӯзиши амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ анҷом дода шудаанд.

Эътимоднокии таҳқиқот, инчунин, бо истифодаи доираи васеи амалияи судӣ-тафтишӣ тасдиқ мегардад, ки дар шакли ҷамъбасти маводҳои амалияи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва моҳияти таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар иштироки мустақими ӯ дар таҳқиқот, пешниҳоди ғояҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва мавқеъҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ифода меёбад. Ин саҳм ҳамчунин бо нашрияҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ тасдиқ мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи криминалистика ва экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ омода ва мавриди муҳокима қарор дода шудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърузаҳои илмӣ пешниҳод гардида, дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои илмӣ баррасӣ шудаанд, аз ҷумла:

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо» – маъруза дар мавзуи «Баъзе хусусиятҳои тактикаи ташкил ва гузаронидани пурсиш аз рӯйи парвандаҳои вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» (Душанбе, 2022);

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «15-солагии Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъ ва дурнамо» – маъруза дар мавзуи «Ҳолатҳое, ки ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо, вобаста ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт бояд исбот карда шаванд» (Душанбе, 2024).

– Конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ «Ҳуқуқи инсон ва мушкилоти замони муосир» – маъруза дар мавзуи «Тактикаи азназаргузаронии воситаи нақлиёт дар мавриди тафтиши вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаи нақлиёт» (Душанбе, 2025);

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 6 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз онҳо 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 мақола дар дигар нашрияҳо ба забонҳои тоҷикӣ чоп шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия – 207 саҳифа.

# БОБИ 1. ТАВСИФИ КРИМИНАЛИСТИИ ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОИДАҲОИ ҲАРАКАТИ РОҲ ВА ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

## 1.1. Таҳқиқи умуминазариявӣ-криминалистии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт

Муҳиммияти таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ бо истифодаи воситаҳои нақлиёт аҳаммияти хосса дошта, бо соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳаёти ҷомеа пайваст мебошад. Оқибат садамаҳои нақлиётӣ бо ҳалокшавӣ ва захмӣ шудани одамон, талаф шудани арзишҳои моддӣ марбутанд, ки ба иқтисоди кишвар зарари ҷиддӣ мерасонанд.

Имрӯзҳо мавҷудият ва нақши воситаҳои нақлиёт омили асосии пешрафти давлат мебошад. Вобаста ба ин, низоми таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ бо истифодаи воситаҳои нақлиёт мушкилоти ҷиддитареро ба вуҷуд меорад, ки бо вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт алоқамандаид. Ин қоидавайронкуниҳо боиси як қатор мушкилиҳои соҳаҳои ҳуқуқ (ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иқтисодӣ, ҳуқуқи маданӣ ва ғ.) мегарданд, ки зарурати таҳияи тадбирҳои давлатиро бо мақсади кам кардани таъсири оқибатҳои истеҳсоли воситаҳои нақлиёт ба вуҷуд меорад. «Истеҳсол ва истифодаи воситаҳои нақлиёт дар ин ё он кишвар, ки ба ҳалли мушкилоти ҳамлу нақли мусофирон ва бор нигаронида шудааст, боиси пайдо шудани мушкилотҳои таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳо гардида истодааст» [169]. Зеро ба ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрвандон (ҳаёт ва саломатӣ) зарба мезананд.

Тибқи нишондоди оморӣ, «дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт (боби 23-и КҶ ҶТ) ҷиноятҳои вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиёт (моддаи 212 КҶ ҶТ) аз ҳама зиёд содир ва ба қайд гирифта мешаванд. Аз соли 2018 то 2024 шумораи садамаҳои нақлиётӣ, ки оқибати ҷавобгарии ҷиноятиро ба миён меоранд, 52,6% афзоиш ёфтааст» [169].

Мақсади асосии таъмини амнияти ҳаракат дар роҳ, пеш аз ҳама, ба огоҳсозӣ, пешгирӣ ва рафъи падидаҳо ва вазъиятҳои хатарнок равона шудааст. Ҳамзамон, он бартараф кардани оқибатҳои чунин ҳодисаҳоро дар бар мегирад, ки метавонанд ба ҳаёт ва саломатии инсонҳо, моликияти шаҳрвандон, инчунин муассисаву ташкилотҳо таҳдид карда бошанд. Бехатарии ҳаракат дар роҳ, ки дар раванди истифода аз воситаҳои гуногуни нақлиёт таъмин мегардад, ҳифзи ҳаёт ва амволи шаҳрвандонро, инчунин ҳимояи ҳуқуқ, манфиатҳои қонунӣ ва моликияти онҳоро дар бар гирифта, аз афзалиятҳои калидии санадҳои танзимкунандаи ҳаракат дар роҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мамлакатҳо маҳсуб мешавад.

Системаҳои иҷозатдиҳӣ дар соҳаи амнияти ҳаракат дар роҳ ба хотири коҳиши хавфу садамаҳои нақлиётӣ, кам кардани зарар ва оқибатҳои онҳо бо мақсади мазкур таъсис дода мешаванд. Бар ин асос, таъмини амнияти ҳаракат дар роҳ бояд бо назари конститутсионӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз ҷузъҳои кафолати ҳуқуқи конститутсионии инсон ба зиндагӣ арзёбӣ гардад. Муҳиммияти масъала боз ҳам боло меравад дар вақте ки ҳалли он ба коҳиш додани омори марг дар роҳҳо иртибот дорад. Бо назардошти ин ки масъалаи беҳтар намудани бехатарии ҳаракат дар роҳ имрӯз яке аз проблемаҳои доғи рӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, истифода аз таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ барои таҳким ва танзими ҳуқуқии соҳаи ҳаракат дар роҳ як иқдоми муҳим ва саривақтӣ маҳсуб меёбад. [128, с. 62-64].

«Ҳифзи ҳаёт ва саломатии шаҳрвандонро бо роҳҳои гуногун таъмин кардан мункин аст. Батяев А.А. иброз медорад, ки ин кор тавассути пешгирии садамаҳои нақлиётӣ ва ҳар чи зудтар расонидани ёрии тиббӣ ба ҷабрдидагони садамаҳои нақлиётӣ амалӣ карда мешавад (аз ҷумла, қонунгузорӣ муқаррар кардааст, ки ҳар як воситаи нақлиёт танҳо дар сурате иҷозати ҳаракат кардан дорад, ки маводи зарурии ёрии аввалияи тиббиро ронанда дар нақлиёти худ дошта бошад)» [177].

Мафҳуми бехатарии нақлиёт дар Қонуни ҶТ «Дар бораи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ» аз 4 ноябри соли 1995 №196 ҳамчун татбиқи низоми аз ҷониби давлат

муайяншудаи тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва дигар чорабиниҳо дар соҳаи комплекси нақлиёт, ки ба таҳдиди содир намудани кирдори нақлиёт мувофиқанд, маънидод шудааст.

Ҳаракат дар роҳ ҳамчун як фаъолияти мураккаб дар роҳҳо тасниф мешавад, ки дар он ҳаракати нақлиёт, одамон (пиёдагардон) ва мусофирон ба таври катъӣ бо қоидаи муқарраршуда танзим карда мешавад.

Дар адабиёти илмӣ ва китобҳо марбут ба масъалаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ, таърифҳо ва мафҳумҳои мухталиф бахшида шудаанд, аммо бо таҷассуми ин таъриф ихтилофу фарқиятҳои мазкур бартараф карда шуданд.

Бояд қайд кард, ки «ин фаъолияти афроди алоҳида не, балки раванди фаъолияти низоми ягонаи роҳу нақлиёти кишвар мебошад. Бисёрҷанбаву гуногун будани иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин раванд манфиатҳои одамони гуногун, ташкилотҳо ва дар маҷмуъ ҷомеа бо ҳам алоқаманд мешаванд ва баъзан ба ҳам бархӯрд мекунанд. Чунин падида зарурати идоракунии ҳаракатро дар роҳ ҳамчун соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ асоснок мекунад» [84, с. 7].

Мушкилотҳои ҳаракат дар роҳ ва таъмини бехатарии он то андозае мураккаб аст. Ба гуфтаи Гусейнов С.А., «дар баробари таблиғот ва маҷбуркунии ҳуқуқӣ тағйир додани тамоми инфрасохтори ҳаракати нақлиёт (сохтани роҳҳо ва мошинҳо, ҳаракат ба шакли муосир, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги техникӣ ва ғайра дар ин самт) муҳим аст. Дар масъалаи воситаҳои ҳуқуқӣ бошад, набояд барои манъкунӣ ва сахттар кардани ҷавобгарӣ, балки бештар барои фароҳам овардани шароите, ки рафтори қонунии иштирокчиёни ҳаракат дар роҳро то ҳадди аксар таъмин намоянд. Ҳамзамон, бояд шароите муҳайё карда шавад, ки дар он кори бидуни садама аз ҷиҳати иқтисодӣ судманд ва ҳамаҷониба сабаби ҳавасмандӣ бошад» [155, с. 17].

Мафҳуми «бехатарии ҳаракат дар роҳ» ба унвони як фаъолияти барномавӣ таъриф мешавад, ки ҳадафи асосии он пешгирӣ кардан аз омилҳои ба вуҷуд овардании садамаҳои нақлиётӣ ва коҳиш додани шиддати оқибатҳои онҳо мебошад» [155, с. 17].

Ба ин васила, ҳаёти инсонҳо ҳимоя ва амнияти ҳаракат таъмин мешавад, ки ин ҷанбаи муҳим дар самти идоракунии нақлиёт ва истифодаи роҳҳо ба шумор меравад.

Вобаста ба муқаррароти бандҳои 13 то 15 Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ: «шахсони мансабдор ва дигар ашхосе, ки барои ҳолати нигоҳдории роҳҳо, гузаргоҳҳои роҳи оҳан ва дигар иншооти марбут ба роҳ масъуланд, вазифаҳои зеринро ба зимма доранд:

– Дар мувофиқа бо талаботи стандартӣ, меъёрӣ ва қоидаҳои техникӣ, ҳифзи ҳолати бехатарии роҳҳо ва гузаргоҳҳои оҳаниро таъмин намуда, шароитҳои зарурираро барои ҳаракати бехатар фароҳам оваранд.

– Тавассути воситаҳои техникӣ, нишонаҳои иттилоотӣ ва расонаҳои ахбори омма, иштирокчиёни ҳаракат дар роҳро оид ба маҳдудиятҳои муқарраршуда ва тағйирот дар низоми ташкили ҳаракат огоҳ созанд.

– Чораҳои саривақтиро барои бартарафсозии монеаҳо дар роҳ андешида, дар ҳолатҳои зарурӣ ҳаракатро дар қитъаҳои алоҳидаи роҳ манъ ё маҳдуд намоянд, агар истифодаи онҳо ба амнияти ҳаракат таҳдид намояд» [2].

Ин андешаронихо на танҳо барои пешгирии садамаҳо муҳим ҳастанд, балки барои идоракунии устувори равандҳои нақлиётӣ низ аҳаммияти асосӣ доранд.

Бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 октябри соли 2013 № 864 (бо тағийрот аз 6 ноябри соли 2014) Барномаи мақсадноки «Беҳтар намудани бехатарии ҳаракат дар роҳ дар солҳои 2013-2020» [3] тасдиқ гардид, ки «ҳадафи он коҳиш додани хатари ҳаракати нақлиёт, ки дар натиҷаи садамаҳои роҳ инсонҳо ҳалок мешаванд, мебошад» [3]. Ғайр аз ин якчанд санадҳои байналмилалии минтақавие, то имрӯз ҷой дорад, ки ба ин самт равона шудааст [180]. Дар ин барнома ба таъмини бехатарии кӯдакон ҳамчун иштирокчиёни ҳаракат ҷойи махсус дода шудааст. Ба андешаи қонунгузор, татбиқи ин барнома тавассути ташвиқи фаъолонаи бехатарии ҳаракат дар роҳ бояд дар байни аҳолӣ муносибати манфӣ нисбат ба ҳуқуқвайронкунандаҳои ҳаракат дар роҳро ташаккул дода, «дар кӯдакон малакаи рафтори бехатар дар роҳҳоро ташаккул

диҳанд, фарҳанги ронандагӣ ва талаботи тайёр кардани ронандагон баланд бардошта шавад, низоми расондани ёрӣ ба зарардидагони садамаҳои нақлиётӣ тартиб дода шавад» [3]. Маҳз ҳалли вазифаҳои афзалиятноки муайяншуда шарти ноил шудан ба ҳадафҳои барномаи мазкур мебошад.

Заминаи ҳуқуқии таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳимояи ҳаёт ва саломатӣ ва моликияти шаҳрвандон, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои дигари қонунии онҳо, инчунин ҳифзи манфиатҳои ҷамъият ва давлат тавассути пешгирии садамаҳои нақлиёти ва кам кардани шиддати оқибатҳои онҳо мебошад, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳаракат дар роҳ», ки аз 4 январи соли 1995 муқаррар карда шудааст.

Мувофиқи маълумоти омори гуфтан мумкин аст, ки «аз ҳама ҷиноятҳое, ки дар ҷамъият зиёд содир мешаванд ва манбаи хатари калон дошта ҳисоб мешаванд, ин ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ мебошанд»[197]. Масалан, дар нимсолаи аввали соли 2024 – 1863 ҷиноят содир шудааст, ки нисбат ба дигар ҷиноятҳо дар авҷи аъло ба назар мерасад. Манбаи хатари калонаш дар ин аст, ки аз ин шумораи ҷиноятҳо дар шаш моҳ 413 нафар ба ҳалокат расидааст, 217 нафар ба саломатиаш ҷароҳати вазнин ва 721 нафар зарари миёна ба саломатӣ бардоштааст [197].

Аз ин лиҳоз, ба назар мерасад, ки мушкилоти бехатарии ҳаракат дар роҳ бояд дар доираи назари ҷомеа бошад.

Бояд гуфт, ки дар илми криминалистӣ ба масъалаи баррасии консепсияи бехатарии ҳаракати роҳ аҳаммияти нокифоя дода мешавад. «Барои ҳалли ин масъала пеш аз ҳама ҷанбаи аз ҷиҳати методологӣ муҳимро ба назар гирифтан лозим аст. Аввалан ба зарурияти баррасии бехатарии роҳ ҳамчун як ҳодисаи нисбатан мустақил бо тамоми хусусиятҳо, унсурҳо ва робитаҳои дохилӣ. Баъдан ба масъалаи омӯзиши криминалистии бехатарии ҳаракат дар роҳ ҳамчун низом ва инъикоси он, муайян кардани робитаҳои табиии он бо ҷойи ҳодиса, ҳолатҳои тафтишӣ ва дигар ҷузъҳо алоқаманд аст»[10].

Дар илми криминалистӣ, ба масъалаи баррасии консепсияи бехатарии ҳаракати роҳ таваҷҷуҳи кофӣ намегузоранд, ки «бешак ба таҳқиқи амиқи ин мавзуъ ниёзмандӣ ҳосил менамояд. Барои ҳаллу фасли ин масъала, ду ҷанбаи муҳимро аз нигоҳи методологӣ бояд ба назар гирифт: Якум, зарурияти баррасии бехатарии ҳаракат дар роҳ ҳамчун як ҳодисаи нисбатан мустақил, бо тамоми хусусиятҳо, унсурҳои бунёдӣ ва робитаҳои дохилии он. Ин муносибат ба фаҳмидан ва таҳлил кардани тавозуни системаҳои бехатарӣ мусоидат менамояд. Дуюм, омӯзиши криминалистии бехатарии ҳаракат дар роҳ ҳамчун низом, ки дастрасии васеъ ба робитаҳои табиии он бо ҷойи ҳодиса, ҳолатҳои тафтишӣ ва дигар ҷузъҳои алоқамандро фароҳам меорад. Ба ибораи дигар, омӯзиш бояд равобити байни ҷузъҳои мухталифро бо мақсади такмили низоми бехатарӣ амиқ намояд» [71, с. 14]. Кортунов С.В., «дар таҳқиқоташ назарияҳои асосии таъмини бехатариро тавсиф мекунад: 1. Назарияи натуралистӣ – тибқи ин назария, бехатарӣ ҳамчун эмин будани система аз таъсири дохилӣ ва берунӣ шарҳ дода мешавад, ки метавонад ба тағйир ё вайрон кардани он равона шуда бошад» [45, с. 35]. Дар ин назария, «вектори хатар» ба унсурҳои беруна ишора мекунад, ки механизми бехатариро дар бар мегирад. Ба гуфтаи муаллифон ва олимони соҳа, истилоҳи «бехатарӣ» дар ин маврид ҳамчун субот, устуворӣ ва эътимоднокӣ баррасӣ шудааст. Бо вуҷуди ин, аксари олимон қайд мекунанд, ки набудани ризоят ва назорати кофӣ метавонад боиси таназзул ва барҳам хӯрдани низом гардад. 2. «Назарияи системавӣ – ин назария мафҳуми «хатар-бехатарӣ»-ро ҳамчун ҷузъи фаъолияти инсонӣ баррасӣ намуда, робитаи байни манбаи хатар ва объекти таҳдидшударо дар доираи низоми инсонӣ таъкид мекунад» [45, с. 35]. Ин равиш таваҷҷуҳро ба ҳамгироии идеяҳо ва бартараф кардани омили хатар равона месозад, ки дар ниҳоят метавонад ба устувории низом кумак кунад» [45, с. 35].

Дар робита ба мафҳуми «бехатарии роҳ» аз ҳама ақидаи умумиэътирофшуда ин андешаи Кирянов А.Ю. мебошад. Аз нуктаи назари ӯ «омӯзиши масъалаҳои бехатарӣ бояд нисбат ба объекти мушаххаси тадқиқот – система (маҷмуи унсурҳое, ки бо ҳамдигар алоқамандӣ ва яклухтӣ доранд ва

ягонагии муайянро ташкил медиҳанд) ба таври комплексӣ гузаронда шавад, зеро ҳаракати роҳ яке аз падидаи байнисоҳавӣ мебошад».

Мафҳуми «бехатарӣ» ин як системаи мураккаброро ифода мекунад, ки дар он шароитҳо ва омилҳои берунаву дохилӣ наметавонанд сабабгори халалдоршавии система ё манъи фаъолияти самараноки он шаванд. Илова бар ин, бехатарӣ инчунин мавҷуд набудани хатари ғайри қобили қабулро нишон медиҳад, ки бо ба вуҷуд омадани хавфи расонидани зарар алоқаманд аст [120, с. 123-129]. Дар робита ба ин, мафҳуми бехатарии роҳ низ ҳамчун низоми мушаххас, яъне маҷмуи унсурҳои пайвастшудае, ки бо муҳити атроф мутақобила мекунанд, фаҳмида мешавад. Онро метавон ҳолати ҳифзи низом аз таъсироти манфие донист, ки метавонад ба муносибатҳо ва унсурҳои он осеб расонад.

Аз ин лиҳоз, бехатарии роҳро наметавон танҳо ба маънои умумӣ арзёбӣ кард. Ин мафҳум бояд бо назардошти паҳлуҳои васеи ҳуқуқӣ ва илмӣ таҳлил шавад, ки дар ниҳоят ба сатҳи қонунгузорӣ ворид мегардад. Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳҳо» аз соли 1995 на мафҳуми «бехатарии роҳ», балки «бехатарии ҳаракат дар роҳ»-ро чунин таъриф додааст: «Бехатарии ҳаракат дар роҳ – ҳолати равандест, ки дараҷаи ҳимояи иштирокчиёнро аз ҳодисаҳои роҳу нақлиёт ва оқибатҳои онҳо нишон медиҳад» [3].

Дар асоси меъёрҳои зикршудаи қонунгузорӣ, ду истилоҳи дигар ба бехатарии ҳаракат дар роҳҳо алоқамананд, ки таҳлили онҳо барои самаранокии қонунгузорӣ муҳим аст. Яке «таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳо» мебошад ва дигаре «садамаи нақлиётӣ». Ин истилоҳот барои танзими ҳуқуқӣ ва пешгирии хатарҳо зарурияти афзалиятнок доранд. [120, с. 123-129].

«Қобили зикр аст, ки мафҳуми бехатарии роҳ бояд на ба таври маънои одӣ, балки ба маънои васеъ – бо назардошти мафҳуми муқарраркардаи қонун кушода шавад. Мо бар ин назарем, ки бехатарии роҳ ба маънои васеъ на танҳо тавассути ҷанбаҳои илмӣ, балки ба воситаи меъёрҳои ҳуқуқӣ бояд муайян шуда, дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар карда шавад» [2]. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳаракат дар роҳҳо» аз соли 1995 мафҳуми бехатарии роҳ не, балки

бехатарии ҳаракат дар роҳҳоро ба таври зайл муқаррар кардааст: «Бехатарии ҳаракат дар роҳ – ҳолати раванди мазкур буда, инъикоскунандаи дараҷаи муҳофизати иштирокчиёни он аз ҳодисаҳои роҳу нақлиёт ва оқибатҳои онҳо аст» [3]. Вобаста ба меъёрҳои зикршудаи қонун, боз ду истилоҳ ҳаст, ки дар алоқамандӣ бо «бехатарии ҳаракат дар роҳҳо» бармеоянд, ва баррасии онҳо аз нигоҳи қонунгузорӣ шарт ва зарур аст, ки яке «Таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳо» ва дигаре бошад, «Садамаи нақлиётӣ» мебошад.

Таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳо ин фаъолияте мебошад, ки барои пешгирии сабабҳои ба амал омадани ҳодисаҳои роҳу нақлиёт, сабук гардонидани оқибатҳои вазнини он нигаронида шудааст [2].

Дар ҳолати пешниҳод намудани мафҳуми «бехатарии ҳаракат дар роҳҳо» (ҳолати ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳим аз таҳдид) мақсади қонунгузор аз танзими низоми муносибатҳо ва ҳамкории иштирокчиёни ҳаракат дар роҳҳо, воситаҳои нақлиёт ва ҳолати роҳ (роҳ ва ҳаракат) иборат мебошад. Дар ин замина, нишондиҳандаҳои асосии чунин низоми устуворӣ, сифати равандҳои гузаранда, идорашаванда, мушоҳидашаванда ва муайяншавандаро дар бар мегиранд. Дар сурати вайрон кардани тавсифоти таъиншуда, вайрон шудани система ё иҷро нашудани қоидаҳои ҳаракати роҳҳо ё бад шудани сифати идоракунӣ метавонад ба амал ояд.

Чун қоида бехатарии ҳаракат дар роҳ аз рӯйи суръати ҳодиса муайян карда мешавад. Дар ин асно Ивантсова Н.В. ва Сосновский А.Л. менависанд, ки «мавҷуд набудани шароити табиии хавфнок ва кирдорҳое, ки боиси ҳодисаҳои роҳ мегарданд, бешубҳа яке аз кафолатҳои бехатарии ҳаракати роҳ буда ва ба кори бехатари нақлиёт вобаста аст» [121, с. 5-8]. Дар баробари ин гуфтаҳо Семёнов Н. «сифати дуруст тайёр кардани ронандагонро омилҳое мешуморад, ки ба вазъияти бехатарии ҳаракат дар роҳ, ҳолати шабакаи роҳ, мукаммал будани базаи моддию техникии зерсохторҳои бозрасии давлатии автомобилӣ, сатҳи маърифати ҳуқуқии иштирокчиёни роҳ, риояи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, мавҷудияти заминаи меъёрии ҳуқуқӣ бо таъсиси ҳатмии механизмҳои таъмини самаранокии он, аз ҷумла тавассути истифодаи маҷбуркунӣ таъсир

мерасонанд» [143, с. 257-261; 3]. «Қоидаҳои ягонаи ҳаракати роҳ дар қаламрави кишварро Қоидаҳои ҳаракати роҳ муқаррар мекунанд. Меъёрҳои дар ин санад пешниҳодгардида идеалӣ намудани ҳаракати роҳро муайян намуда, амали ронандагон, пиёдагардон ва мусофиронро дар ҳолатҳои гуногуни нақлиёти автомобилӣ танзим намуда, асоси низоми ҳуқуқи бехатарии ҳаракатро ташкил медиҳанд»[143, с. 257-261].

Нуқтаи назари дигари ҷолиб аз тарафи Якубенко Н.В. баён шудааст, ки мутобиқи он: «қонунгузор мафҳуми консептуалии «ҳаракат дар роҳ»-ро дуруст муайян карда наметавонад. Истилоҳи «маҷмуӣ-умумиэътирофшуда»-ро барои ифодаи чунин падидаи мураккаб, монанди ҳаракати роҳ истифода кардан қобили қабул нест. Зеро ки ҳаракати роҳ дар таҳқиқотҳои илмӣ ҳамчун низоми мураккаби васеъ фаҳмида мешавад, ки хусусияти динамикӣ ва мақсаднокӣ дорад» [104, с. 52]. Андешаи мазкур пурра асоснок ба ҳисоб намеравад, чунки «мафҳуми «маҷмуӣ-умумиэътирофшуда» дар ин маврид ҳамчун «муттаҳид, пайвасти бо ҳам алоқаманд» фаҳмида мешавад ва танзими мақсадноки самтҳои муайянро дар назар дорад»[104, с. 52].

Бояд зикр намуд, ки ҳаракати роҳ ин натиҷаи фаъолияти бошуурона ва назоратшаванда ба ҳисоб меравад. Дар ин асно, Майоров В.И. чунин мешуморад, ки «ин гуна фаъолият на фаъолияти шахсони алоҳида, балки фаъолияти низоми танзимшудаи наклиёти автомобилии давлат мебошад. Дар баробари ин, ҳадафҳои асосии ҳаракати роҳ конеъ гардонидани талаботи нақлиёт мебошад. Яъне, зарурати ҳаракати ҳудудию фазоии одамон, инчунин ашё, воситаҳо ва махсулоти меҳнати онҳо ва мутаносибан дар кам кардани талафи вакт ва сарфи манбаъҳои моддӣ ҳангоми кашондани одамон ва бор мебошад. Аз ин рӯ, ҳаракати бехатари роҳ пеш аз ҳама ҳаракати бефалокати наклиёт, беталафот, беосеб, безарари моддӣ мебошад» [134, с. 32-34; 103, с. 18].

Вобаста ба омӯзиш ва таҳлили андешаҳои баёншуда метавон ба хулосае расид, ки «бехатарии роҳ як низоми танзимшудаи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки дар раванди ҳаракати одамон ва борҳо тавассути воситаҳои нақлиётӣ ё бе онҳо дар ҳудуди роҳҳои автомобилгард ташаккул ёфтааст. Он

дараҷаи ҳифзи иштирокчиёнро аз садамаҳои нақлиётӣ ва оқибатҳои онҳо инъикос мекунад, ҳамчунин шарту шароитҳои роҳ, тарзи ташкил ва хусусиятҳои ҳаракати нақлиёт, инчунин тартиби муайян кардани нақши иштирокчиёни ҳаракатро дар ҷойи ҳодиса муайян менамояд» [134, с. 32-34; 103, с. 18].

Масъалаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт барои ҳар кишвар аҳаммияти хосса дошта, бо ҷанбаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа алоқаманд мебошад. Садамаҳои нақлиётӣ дар баробари талафот дар ҳаёт ва саломатии одамон, инчунин зарари моддӣ ба иқтисод, ба давлат ва шаҳрвандон таъсир мерасонанд. Ба мисли дигар давлатҳо, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ як қатор қадамҳо барои таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ андешида шудаанд, бо дар назардошти ин пешниҳодкарда мешавад, ки «Консепсияи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2025-2030» қабул карда шавад.

Барои таҳкими бехатарии ҳаракат дар роҳ, барномаҳое барои паст кардани сатҳи садамаҳо ва ҷароҳатҳо ва беҳтар кардани фарҳанги ронандагӣ таҳия шудаанд. Таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ инчунин бо роҳҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ таъмин мешавад, ки ба танзими қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва ронандагон равона мебошанд.

Баръакси барномаҳои қаблӣ, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи бехатарии ҳаракат дар роҳ метавонад ба таҳкими таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон кумак расонад. Ҳамин тавр, масъалаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт дар Тоҷикистон ва дар дигар кишварҳо, ҳамчун як мақсади муҳими сиёсати давлат қарор дошта, низоми ҳуқуқӣ, қоидаҳои ҳаракат ва фарҳанги ронандагӣ тавассути тадбирҳои муассир ва муштарак ба амал меравад.

Масъалаи бехатарии ҳаракат дар роҳ, дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, масъалаи муҳимму ҷиддие мебошад, ки бо он робитаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва иқтисодӣ алоқаманд аст. Ин масъала на танҳо ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон, балки ба пешрафти иқтисодиву иҷтимоии

кишвар низ таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, ташкили низоми муназзам ва муассир барои таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, ки ба таъмини амнияти роҳҳо, нақлиёт ва рафтори дуруст ва маърифати ҳуқуқии иштирокчиён нигаронида шудааст, вазифаи аслии давлат ва ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Тавассути тадбирҳои ҳуқуқӣ ва амалӣ, ки аз ҷониби давлат ва ташкилотҳои марбута роҳандозӣ мешавад, кӯшиш ба он аст, ки шумораи садамаҳо ва оқибатҳои ҷиддии онҳо коҳиш ёбад. Масалан, ба воситаи қонунгузорӣ ва барномаҳое, ки барои баланд бардоштани фарҳанги ронандагӣ ва таъмини маърифати ҳуқуқии иштирокчиёни роҳҳо тарҳрезӣ шудаанд, ҳадаф даркор аст, ки сатҳи садамаҳои нақлиётӣ дар Тоҷикистон ва кишварҳои дигар кам гардад.

Барномаи «Беҳтар намудани бехатарии ҳаракат дар роҳ дар солҳои 2013-2020» як намунаи пешниҳодҳои давлатӣ барои коҳиш додани хатари садамаҳои роҳу нақлиёт ва таъмини бехатарии кӯдакон ва гурӯҳҳои осебпазир мебошад. Ин барнома, ки як қатор тадбирҳои амалӣ ва ҳуқуқӣ барои пешгирии садамаҳо ва таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳоро дар бар мегирад, кӯшиш мекунад, ки рафтори дуруст дар ҷомеа, хусусан бо вуҷуди тағйироти муосир дар инфрасохтор ва кулли низоми нақлиёт, нигоҳ дошта шавад.

Дар ниҳоят, танҳо тавассути иқдомоти ҳамоҳангшудаи давлат, мақомоти ҳуқуқӣ, ронандагон ва ҳамаи иштирокчиёни ҳаракати роҳ, метавон ба як ҷомеаи бехатар барои ҳаёти одамон ва манфиатҳои умумӣ ноил шуд.

Бо назардошти ҳолатҳои дар боло зикршуда метавон ба чунин хулоса омад, ки «маҳз давлат уҳдадории фароҳам овардани чунин шароити бехатари мавҷудияти ҳаёти инсониро доро мебошад, ки дар он хатари марги одамон то ҳадди имкон кам дида шавад. Барои ин давлатро зарур аст, ки тамоми соҳаҳоеро, ки дар онҳо чунин хатар ба вуҷуд омада метавонад, муқаррар карда, чораҳои пешгирикунандаро барои коҳиш додани эҳтимолияти оқибатҳои манфӣ пешниҳод намояд» [134, с. 32-34; 103, с. 18]. Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳоро бояд ба зумраи ҷиноятҳое шомил донад, ки ба ҳаёт ва саломатии инсонӣ таҳдид мекунанд.

Вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ мисли дигар кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок дорои хусусияти хоссаи фарққунандаи буда аз дигар ҷиноятҳо пурра фарқ мекунанд. Ин хусусиятҳо чунинанд:

***1. Манбаи ҳодиса бояд воситаҳои нақлиётӣ бошанд.*** Дар асоси Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 октябри соли 2013 № 864 бо назардошти тағйироту иловаҳо аз 6 ноябри соли 2014, Барномаи мақсадноки «Беҳтар намудани бехатарии ҳаракат дар роҳ дар солҳои 2013-2020» тасдиқ шудааст, ки мутобиқи он «Воситаҳои нақлиёт ҳамчун воситае фаҳмида мешаванд, ки барои интиқоли одамон, бор ё дигар ашёҳо тавассути роҳҳо пешбинӣ шудаанд: (автомобилҳо, мототсиклҳо, мотороллерҳо, вагонҳо, мопедҳо, велосипедҳои мотордорашон овезон, аробаҳо, трамвайҳо, троллейбусҳо, тракторҳо, мошинҳои худгард, инчунин мошинҳои аспӣ ба ғайр аз ҳайвоноти борбардор ва савор» [3]

Оид ба воситаҳои нақлиёт бошад, ҳаминро бояд дар назар дошт, ки ин воситаҳо бояд ҳамчун нақлиёт истифода бурда шаванд ва иштироккунандаи ҳаракат дар роҳҳо бошанд. Агар ҳодисаи берун аз роҳ, инчунин дар вақти бор кардан, борфарорӣ, роҳ, сохтмон, барфрезӣ ва дигар ҳолатҳо рух дода бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ на тибқи моддаи 212 КҶ ҶТ, балки тибқи моддаҳои 109, 118, 154 ё дигар моддаҳои КҶ ҶТ, ки аломатҳои объективии ба ин монандро доранд, бандубаст карда мешавад.

Воситаҳои нақлиёте, ки моддаи 212 КҶ ҶТ дар назар дорад, бояд ба чунин талаботҳо ҷавобгӯ бошад:

а) худгард бошанд, яъне бо муҳаррикҳои дарунсӯзӣ, инчунин дигар навъҳои муҳаррикҳо ронда шаванд;

б) дорои манбаи хатари калон дошта бошанд, ки Кодекси мадании ҶТ эътироф карда бошад;

г) бояд дар мақомоти махсусгардонидашудаи ваколатдор (БДА) ба қайд гирифта шуда бошад;

д) дар хусуси идора кардани воситаи нақлиёт хулосаи махсуси тиббӣ, расидан ба синну соли ронандагӣ, инчунин гирифтани ҳуқуқи истифодаи воситаи нақлиёт талаб карда мешавад;

е) қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо бо истифодаи воситаҳои нақлиётӣ қоидаҳои махсуси танзимшударо доро мебошад, яъне бо санади Қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо танзим карда мешавад.

***2. Вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ҷой дошта бошад, ки аз чунин унсурҳои таркибӣ иборат мебошад:***

– **Қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо вайрон гардида бошад.** Вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо бояд ҳар гуна вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати нақлиётӣ дар ҳудуди давлат фаҳмида шаванд, ки аз беэҳтиётӣ, оқибатҳои пешбининамудаи қонунгузории ҷиноятиро ба миён орад. Яъне қоидаҳои бехатарии ҳаракат барои пиёдагардон, мусофирон, инчунин иштирокчиёни дигари ҳаракати роҳ (ронандагони дучархаҳо, мопедҳо ва ғ.) вайрон гардида боиси оқибатҳои зарраровар ба онҳо гардида бошад [167, с. 25].

Истифодаи воситаҳои нақлиёт мутобиқи қонунгузории кишвар ҳангоми мавҷуд будани нуқсонҳои техникӣ, ки ба бехатарии ҳаракат таҳдид мекунад, манъ мебошад. Номгӯйи ин нуқсонҳои техникӣ бо «Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 октябри соли 2013 № 864 «оид ба қабули Барномаи мақсадноки Беҳтар намудани бехатарии ҳаракат дар роҳ дар солҳои 2013-2020»» [3] нишон дода шудааст.

Муҳим он аст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи моддаи 212 КҶ ҶТ танҳо барои вайрон кардани қоидаҳои истифодабарии нақлиёт бо воситаҳои таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳо алоқаманд (яъне чунин вайронкуниҳо бевосита бехатарии ҳаракатро дар роҳҳо вайрон мекунанд), ба вуҷуд меояд.

– **Қоидаҳои истифодаи воситаҳои нақлиёт вайрон гардида бошад.** Намудҳои вайрон кардани қоидаҳои истифодабарии нақлиёти аз ҷиҳати техникӣ вайроншуда, вайрон кардани қоидаҳои кашондани мусофирон ва борҳо, дар ҳолати мастӣ ё нашъамандӣ, инчунин дар ҳолати бемор ё хаста идора кардани нақлиёти автомобилӣ ва ғайра дохил мешаванд;

– **Қоидаҳое, ки кори бехатарии нақлиётро вайрон мекунад.** Вайронкунии чунин қоидаҳо метавонанд шаклҳои гуногун дошта бошанд. Масалан, худсарона ба кор андохтани механизмҳои кушодани дарҳо, таҷҳизоти сӯхторхомӯшкунӣ, монеъ шудан ба пӯшидан ва кушодани дарҳо, фаромадан аз аз нақлиёт пеш аз пурра қарор гирифтан (пурра истодан), гузаштан аз роҳи ҳаракат дар чароғаки манъкунанда ва ғайра.

## 1.2. Тавсифи криминалистии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт

«Воситаи нақлиёт яке аз манбаъҳои техникии барои ҷамъият хавфнок ба ҳисоб меравад. Садамаҳои нақлиётӣ ба он сабаб хатарноканд, ки аксар вақт иштирокчиёни он ҷабрдидаҳоро дар ҳолати барои ҳаёт ва саломатӣ хатарнок мегузоранд, ба онҳо ёрии зарурӣ намерасонанд, ё аз ҷойи ҳодиса ғайб мезананд, дар баробари ҷинояти м.212 КҶ ҶТ боз кирдорҳои дар м. 127 КҶ ҶТ пешбинишударо содир мекунанд»[3] Барои ҳаматарафа пурра ва сари вақт тафтиши ҳар як ҷиноят, хусусан вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ мо бояд пеш аз ҳама ба тавсифоти криминалистии он рӯ орем.

Дар сохтори методикаи тафтиши ҷиноятҳои алоҳида тавсифи криминалистӣ аз лиҳози ҳуқуқӣ мавқеи бартар дорад. Ин бартарӣ ба аҳаммияти илмӣ ва амалии он дар илми криминалистика ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ошкор, тафтиш ва пешгирии ҷиноятҳо вобаста аст [50, с. 146]. Тавсифи криминалистӣ ҳамчун категорияи илмӣ дар худ маълумотеро дар бораи аломатҳои муҳимми криминалистӣ дар бар мегирад, ки аз ҳисоби таҳлили маълумотҳои тафтишӣ, экспертӣ ва амалӣ-судӣ пайваста такмил меёбанд ва барои мукаммал намудани тавсияҳои методии мавҷуда ва эҷоди тавсияҳои нав ҷиҳати тафтиши ҷиноятҳо ҳамчун пойгоҳ хидмат мекунанд.

Тавсифи криминалистии ҷиноят бошад, аҳаммияти махсуси тафтишӣ дар криминалистикаро доро мебошад. Олим Колесниченко А.Н. қайд мекунад, ки тамоми ҷиноятҳо дар баҳо доданашон, аломатҳои умумии тавсифи

криминалистӣ доранд» [161, с. 14]. Ба ақидаи олим дар тафтиши ҳар як ҷиноят тавсифоти криминалистии он мавқеи аввалиндараҷа дорад. Барои ҳаматарафа ва пурра баррасӣ ва тафтиши ҷиноят бояд ба тавсифоти криминалистии он рӯ овард.

Олими дигар Яблоков Н.П. низ дуруст қайд кардааст, ки асосҳои назариявии илми криминалистика ва тавсифи криминалистии ҷиноят аз замони пайдоиши илми криминалистика ба вуҷуд омадаанд [149, с. 31-32]. Яъне илми криминалистика бе ин падидаҳо вуҷуд дошта наметавонад. Зеро аввал ин ки ҳар як илм бояд предмет ва методи омӯзиши  худро дошта бошад. Асосҳои назариявии илми криминалистика низ ин падидаҳои илмиро дар бар мегиранд. Тавсифоти криминалистии ҷиноят бошад, барои дар амал татбиқ кардани вазифаҳои криминалистика хизмат мекунад.

Яблоков Н.П. криминологияи ҷиноятро ҳамчун низоми таснифи аломатҳои умумӣ, гурӯҳӣ ва хусусии ҷиноят арзёбӣ мекунад. Ин таснифот хусусиятҳои тактикӣ, механизми содиршавӣ ва вазъияти ҷиноятро тавсиф намуда, маълумот дар бораи ҷиноят, шахсияти субъект ва дигар ҳолатҳои марбут ба фаъолияти ҷиноятӣ пешниҳод мекунад. Ҳадафи чунин тавсифи таҷрибавӣ аз он иборат аст, ки ба ҳалли бомуваффақияти масъалаҳои марбут ба ошкорсозӣ, тафтиш ва пешгирии ҷиноятҳо мусоидат намояд. [149, с. 56].

Ин ҷо боз як нуқтаи назари дигар (олимон Волинского А.Ф. ва Лаврова В.П.) [53, с. 31], ҷой дорад, ки ба ақидаи онҳо аҳаммияти тавсифоти криминалистии ҷиноят ба эҷодиёт ва рушди таъмини криминалистӣ дар тафтиши ҷиноят хизмат мекунад. Ҳамаи ҷузъҳои тавсифи криминалистӣ бо ҳам алоқамананд ва муайян кардани робитаи онҳо ба муфаттиш имкон медиҳад, ки тафтиши ҷиноятро дар марҳилаҳои аввалин ва минбаъда ба нақша гирад.

Аз ин лиҳоз, равшан аст, ки сохтани механизме, ки барои ҳар як ҷиноят мутобиқ бошад, ғайриамалӣ буда, ба ҳадафҳои тафтиши ҷиноят мувофиқат намекунад.

Тавсифи криминалистии ҷиноят якчанд унсурҳои таркибиро доро мебошад, ки дар тафтиши ин ё он ҷиноят бояд баррасӣ гарданд:

• маълумоти зарурӣ дар бораи тарзи содир шудани ҷиноят ва механизми содиршавии ҷиноят;

• шахсияти ҷинояткор,

• шахсияти ҷабрдида,

• предмети суиқасди ҷиноят,

• механизми бавуҷудоии пайҳо дар натиҷаи содиршавии ҷиноят,

• вазъияти содиршавии ҷиноят.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи ҳар як унсури муайяншуда ба интихоби дурусти усулҳои тафтиши ҷиноят мусоидат мекунад.

Ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиёт низ тавсифоти криминалистии худро доро мебошад.

Тавре, ки Букаев Н.М. қайд мекунад, барои доштани арзиши амалии тавсифи криминалистии ҷинояти нақлиётӣ бояд ҳар чи бештар ба сохтори предмети исботи вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо наздик шуд [109, с. 62-65]. Албатта элементҳои таркибии криминалистӣ дар ҷиноятҳои баррасишаванда нақши асосӣ доранд, ки предмети исботи вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётиро ба миён меорад.

Дар криминалистикаи муосир тавсифи криминалистии садамаҳои нақлиётӣ ба таври кофӣ аз ҷониби олимон таҳқиқи илмӣ шудааст ва унсури асосии методологияи тафтиши ин категорияи ҷиноятҳо мебошанд. Вале миёни олимон гуногунандешӣ дида мешавад. Аксари олимон дар назарияи илми криминалистика ин ҷиноятҳоро вобаста ба тавсифоти криминалистӣ ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мекунанд:

– ҷиноятҳои ҳаракати роҳ, ки ронандагон дар ҳолати мастӣ содир кардаанд;

– ҷиноятҳои нақлиёти автомобилӣ, ки тавассути автобусҳои

– ҷиноятҳои ҳаракати роҳ, ки тавассути мототсиклҳо содир мешаванд;

– ҷиноятҳои вобаста ба вайронкунии қоидаҳои ҳаракати роҳ, ки аз ҷониби ноболиғон содир мешаванд.

Дар ин тавсифоти криминалистӣ олимон ду ҳолатро ба назар гирифтаанд. Яъне вобаста ба навъи воситаҳои нақлиётӣ, ки воситаи содиршавии ҷиноят мебошанд ва вобаста ба шахсияти ҷинояткор. Ҳарчанд ин тавсифот дуруст аст, вале ба фикри мо пурра намебошад. Зеро дар тавсифоти криминалистӣ муаллифон маълумоти зарурӣ дар бораи тарзи содир шудани ҷиноят ва механизми содиршавии ҷиноят, ки бояд муайян карда шаванд, шахсияти ҷабрдида, ки барои бандубасти ҷиноят ё муайян кардани андозаи зарари ба ӯ расонидашуда зарур мебошад, предмети суиқасди ҷиноят, ки зарарро ба саломатӣ, молу мулки шаҳрвандон ё ҷамъият муайян карда метавонад, механизми бавуҷудоии пайҳо дар натиҷаи содиршавии ҷиноят, сабаби содиршавии ҷиноят ва дигар ҳолатҳо шуда метавонанд ба назар гирифта нашудааст. Бинобар ин, андешаи болозикр боиси дастгирӣ шуда наметавонад.

Ба гуфтаи Ануфриева Е.А., «мафҳуми тавсифи криминалистии як навъи ҷиноят набояд танҳо номгӯи стандартии аломатҳои муҳимро дар бар гирад, балки бояд аломатҳои асосии намудҳо ва гурӯҳҳои ҷиноятҳои алоҳида ва хосро инъикос кунад. Ин равиш имконият медиҳад, ки мафҳумҳои ба ҳам алоқаманд аз якдигар ҷудо ва шинохта шаванд» [106, с. 135]. Албатта ҳар як ҳодисаи ҷиноят аз ҳам фарқ мекунад, ки ин дар назарияи айниятнамоии криминалистӣ исботи худро ёфтааст. Ин ҷо бояд аввал ба ҳодисаи ҷиноят назар кард ва баъдан муқаррар кардан зарур аст, ки кадом як аз ин элементҳои тавсифи криминалистӣ гузошта ва баррасӣ карда шаванд.

Олими дигар Зубенко Е.В. қайд мекунад, ки «тавсифи криминалистии ин ҷиноятҳо бояд чунин унсурҳоро дар бар гиранд: маълумоти маъмулии ибтидоӣ дар бораи ҷиноят; маълумот дар бораи тарзи содир кардан ва пинҳон кардани он, инчунин дар зери хатар мондани ҷабрдидаи ҷиноят; маълумот дар бораи шахсияти ҷинояткор ва ҷабрдида; маълумот дар бораи ҳолатҳои ҷиноят; сабабу шароите, ки ба содир намудани ҷиноят мусоидат мекунанд» [158, с. 123]. Муаллиф дар ин таълифот қисман ба таври пурра ақидаи худро пешниҳод

кардааст. Зеро элементҳои тавсифоти криминалистиро дар бар мегиранд. Вале вобаста ба тавсифи криминалистии истифодаи воситаҳои нақлиётӣ ин ҷо чизе дида намешавад. Тавре аз муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ бар меояд, ҳам вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва ҳам вайрон кардани қоидаҳои истифодаи воситаҳои нақлиётӣ дар як моддаи КҶ ҶТ ҷой дода шудаанд. Яъне дар тафтиши ин ҷиноятҳо ин ду падида пурра бояд баҳо дода шаванд.

Олими номдор Колчурин А.Г. таҳлили криминалистии ҷинояти ҳаракати нақлиётро ҳамчун маҷмуи хусусиятҳо ва равобити хос матраҳ менамояд, ки барои ин гурӯҳи ҷиноятҳо дар шароити муайяни ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд. Элементҳои он механизми содир намудани ҷиноят, тавсифи шахсияти ҷинояткор, инчунин тавсифи шахсияти ҷабрдида Олим фикри худро танҳо «бо он ҷиноятҳои нақлиётие баҳо додааст, ки дар деҳот содир мешаванд. Гузашта аз ин, ақидаи олим бисёр маҳдуд аст. Вазъияти содир шудани ҷиноят, сабабу шароитҳои содиршавии ин ҷиноятҳо ва дигар элементҳои зарурӣ дар пешниҳоди муаллиф дида намешавад» [162, с. 223]. Бинобар ин қобили дастгирӣ намебошад.

Лаврентева И.С. бошад, «чунин нуқтаи назар дорад, ки барои босамар тафтиши ин ҷиноятҳо зарур ва муфид аст, ки унсурҳои зерини тавсифи криминалистӣ дуруст таҳлил карда шаванд: маълумоти ибтидоии маъмулӣ дар бораи ҷиноят; маълумот дар бораи тарзи содир кардани ҷинояти нақлиётӣ; маълумот дар бораи шахсияти ҷинояткор ва ҷабрдида; сабаб ва шароите, ки барои содир намудани ҷиноят мусоидат мекунанд; ҳолатҳое, ки ҳангоми тафтиши ин ҷиноятҳо бояд исбот карда мешаванд» [166, с. 39]. Ақидаи муҳаққиқ нисбатан пурратар ва ҷолиби дастгирӣ мебошад, зеро маълумоти заррурииро дар бар мегирад.

Моховая Т.А. «дар тавсифи криминалистӣ пешниҳод кардааст, ки унсурҳои зерин бояд мавриди баррасӣ қарор гиранд: шахсияти шахсони содиркунандаи ҷиноят; хусусиятҳои ҷабрдидагон; шароити воқеии содиршавии ҷиноят; навъи воситаҳои нақлиёт, ки дар он истифода шудааст; ва сабабҳои асосии содиршавии ҷиноятҳои марбут ба ҳаракат дар роҳ» [169, с. 40]. Ақидаи

олим каме дуруст аст, вале нуқсоннокӣ низ дар он дида мешавад. Дар он механизми содиршавии ҷиноят ё пинҳон намудани пайҳо, ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд, дида намешаванд. Ин ду элемент дар тавсифоти криминалистии ҷиноятҳои нақлиётӣ зарур ва аввалиндараҷа мебошад.

Тавре ки мебинем, сохтори тавсифи криминалистии ҷиноятҳои нақлиётӣ аз унсурҳое, иборат аст, ки аломатҳои муайяни муҳимми фаъолияти ғайриқонуниро тағйир медиҳанд, ки ба як намуди мушаххаси ҷиноятҳои нақлиётро ошкор мекунанд.

Дар адабиётҳои илмӣ Тарасов В.И., ки ба таҳқиқи масъалаҳои тафтиши ҷиноятҳои вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиёт  машғул гардидааст, чунин нуқтаи назарро пешниҳод мекунад, ки «ҳангоми тафтиши ин ҷиноятҳо аз ҷониби шахсоне, ки воситаҳои нақлиёти хатсайрро идора мекунанд, дар аломатҳои криминалистӣ унсурҳои зерини сохториро муайян кардан мумкин аст: 1) тарзи содир намудани ҷиноят, аз ҷумла маълумот дар бораи механизми он ва намуди ҳаракати роҳ; 2) вазъияти содир намудани ҷиноят; 3) пайҳои ҷиноят; 4) тавсифи шахсияти ҷинояткор» [174, с. 54]. Ин ҷо олим таҳлилро танҳо вобаста ба садамаҳои нақлиётие пешниҳод кардааст, ки содиркунандагони он дар ин ё он хатсайрҳо воситаҳои нақлиётиро меронанд. Албатта ба ин гурӯҳ ҷинояткорон дохил мешаванд,  ронандагони автобусҳо, микроавтобусҳо, таксӣ, боркашон, ва кормандони доимии ин ё он соҳа ва ғайраҳо. Ин гурӯҳи шахсон қисми таркибии ронандагонро дар бар мегиранд. Аз ин ақида бармеояд, ки олим на ҳама садамаҳои нақлиётиро дар назар дорад.

Аз таҳлили ақидаҳои дар боло овардашуда ба мо якчанд нуқтаҳои муҳим ба мушоҳида мерасанд:

1. Ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётиро ба истилоҳоти гунонун мавриди омӯзиш қарор доданд. Як гурӯҳи олимон «ҷиноятҳои нақлиётӣ», «дигар олимон ҷиноятҳо дар соҳаи нақлиёт» сеюмин бошанд «ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои «ҳаракат дар роҳ» ном гузоштаанд. Қонунгузории ҷиноятӣ

бошад «Ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи воситаи нақлиёт»-ро истифода мекунад. Ба фикри мо аз ҳама пурра ва умумиэътирофшудааш мафҳуми дар Кодекси ҷиноятии ҶТ овардашуда, яъне «Ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи воситаи нақлиёт» мебошад, зеро ҳама паҳлуҳоро пурра дар бар мегиранд.

2. Дар назарияи илми криминалистика танҳо элементҳои тавсифи криминалистии ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётиро ёдовар шудаанд. Вале вобаста ба мафҳуми ин ҷиноятҳо аз нигоҳи криминалистика, ки дар тафтиши онҳо зарур аст, эътибор надодаанд. Онҳо танҳо мафҳуми онро ба нуқтаи назари қонунгузории ҷиноятӣ баҳо медиҳанд. Аммо назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ аз назарияи илми криминалистика фарқият дорад. Ғайр аз элементҳои тавсифи криминалистӣ бояд як қоидаи мушаххаси ин ҷиноятҳо дар илми криминалистика ҷой дошта бошад. Аз натиҷаи таҳлили ин ақидаҳои овардашуда мо мафҳуми ин ҷиноятҳоро ба таври зайл пешниҳод менамоем: «Тавсифи криминалистии ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт низоми байнисоҳавии таҳлили хусусиятҳоеро дар бар мегирад, ки ба маълумотҳои ҷузъии механизми пайдоиши ҷиноят алоқамандананд. Он инчунин иттилоотеро дар бар мегирад, ки ба кирдору рафтори иштирокчиёни ҷиноят дар лаҳзаи рух додан ё баъди он, вобастагӣ дорад. Механизми инкишофи ҳодиса ва ташаккули пайҳои ҷиноят аз шароити воқеии ҳодиса ва вазъияти он вобаста мебошад. Дар баробари ин, тавсиф маълумотҳо дар бораи шахсияти ҷинояткор ва ҷабрдида, ҳамчунин хусусиятҳои воситае, ки барои содир кардани ҷиноят истифода шудааст, фаро мегирад».

Хусусияти тавсифи криминалистии ҷиноятҳо вобаста ба қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ аз он иборат аст, ки ин кирдорҳо дар шакли беэҳтиётӣ содир мешаванд. Яъне ронандаи воситаи нақлиёт чун қоида дар шакли сабукфикрӣ онро содир кардааст.

Таҳлили ҳолатҳои зикршуда дар заминаи мафҳум ва мазмуни тавсифи криминалистии ҷиноятҳо, инчунин омӯзиши таҷрибаҳои тафтиши ҷиноятҳое, ки ба вайрон намудани қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ иртибот доранд, имконият фароҳам месозад, ки сохтори тавсифи криминалистии ҷиноятҳои мазкур муайян карда шавад. Ин тавсиф аз якчанд унсури асосӣ иборат аст, ки барои таҳқиқ ва арзёбии дақиқи чунин ҳолатҳо мусоидат мекунад:

– механизми содиршавии садамаи нақлиёт;

– шахсияти ҷинояткор ва дигар иштирокчиёни ҷойи ҳодиса;

– механизми пайдоиши пайҳо;

– вазъияти ҷойи ҳодиса;

– воситаи содиршавии ҷиноят.

Дар робита ба ин ҳангоми сухан дар бораи тарзи содир намудани ҷиноятҳои таҳқиқшаванда механизм ва намудҳои фалокатҳои нақлиётии онҳоро дар назар дорем.

**Механизми содир шудани вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиёт.** Тафтиши ҷиноятҳои нақлиётӣ ва муайян кардани механизми содиршавии онҳо ҳамчун объекти омузиши илмӣ дар асри XX ба вуҷуд омада буд, зеро вайроншавии қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ дар ин замон ҳамчун кирдори барои ҷамъият хавфнок ба вуҷуд омада, дар қонунгузории ҷиноятии аксари давлатҳои ҷаҳон ҷой дода шуд.

Мисли ҳама гуна рафтори дигари инсонӣ ҷиноят низ аз маҷмуи муносибатҳои зиёд таркиб ёфтааст, ки он аз вобастагии байниҳамдигарии сабабҳо ва шартҳои гуногуни бавуҷудоиашон муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, содир кардани ҷиноят натиҷаи амали якҷояи шумораи зиёди муносибатҳо мебошад. Ҳар чӣ қадар онҳо дар кирдори барои ҷамъият хавфнок зиёд бошанд, ҳамон қадар механизми он инкишоф меёбад ва ҷинояткор пайҳо ва маълумотро дар ҷойи ҳодиса боқӣ мемонанд, ки мақомоти тафтиши пешакӣ бо истифода аз он фарзияҳои тафтиширо пешниҳод карда, содиршавии онро ошкор мекунад.

Дар адабиёти криминалистӣ дар масъалаи мафҳум ва мазмуни механизми содиршавии он гуногунандешӣ ҷой дорад. Бояд қайд кард, ки дар марҳилаи ибтидоии тафтишот, вақте ки эҳтимоли маҳдуд будани вақт ва мушкилоти сифатан муқаррар кардани асосҳои тафтиш ҷой дорад, танҳо ба таври тахминӣ, равшану фаҳмо ва новобаста аз хусусият ва сохтори ҳодиса муайян кардани мафҳуми ҳодиса ҷузъи муҳимми сохти алгоритмии амалҳо барои таъсиси чунин механизм хоҳад буд.

Оид ба механизми содиршавии ҷиноят ақидаи аз ҳама хубро ба фикри мо, Кустов А.М., пешниҳод кардааст, ки тибқи он: «механизми содиршавии ҷиноят ин маҷмуи пай дар пайии амалҳои мутақобила, ки дар натиҷаи содиршавиашон пайҳои ҷиноят ба вуҷуд меоянд ва маълумотҳои дақиқро оид ба ҳодисаи ҷиноят ва иштирокчиёни он пешниҳод мекунанд, ки барои тафтиши ҷиноят заруранд»[132, с. 26].

Механизми содир намудани ҷиноят хусусияти ҳуқуқиро инъикос менамояд. Тартиботу қоидаҳои технологӣ пайдарпайии «содир намудани кирдори ҷиноятие мебошад, ки бо омӯзиши  он тартиб ва хусусиятҳои алоқаи байни унсурҳои гуногуни кирдори ҷиноятӣ, ҷиҳати функсионалии фаъолияти ҷиноятӣ омӯхта мешаванд» [22, с. 22].

Як гурӯҳи олимони криминалист ба монанди Боровский В.Е., Глистин В.К., Кутафин В.Н., Котик М. ва Котик В.В. ба он ақидаанд, ки: «Механизми содиршавии ҷиноят ин ҷараёни бавуҷудоии (динамикаи) ходиса ва сохтори он мебошад, ки аз се марҳилла иборат аст:

– лаҳзаи ба амал омадани вазъияти хавфнок (то бавуҷудоии садама);

– лаҳзаи ба амал омадани ҳолати садамавӣ;

– табдил ёфтани ҳолати садамавӣ ба зарари воситаи наклиёт ва пайдоиши пайҳои ҷароҳатҳо» [57, с. 95].

Дар баробари ин нуқтаи назари гурӯҳи дуюми олимон ҷой доранд, ки нисбат ба гурӯҳи аввал зид мебошад. Ба ақидаи онҳо (Герасимов В.Н., Онучин А.П., Григорев В.Н.) зарурати тавсифи пурратари механизм ва сохтори мураккаби ҳаматарафаи он асоснок карда мешавад [66, с. 186; 25, с. 752]. Аз

ҷумла, Герасимов В.Н. се марҳилаи пайдоиши механизми содиршавии ҷиноятро ҷудо мекунад, ки ҳар кадом аз якчанд зермарҳила иборат аст: марҳилаҳои хатарнок (ки дар худ зердавраҳои садамавӣ-вазъиятӣ, инертсионӣ-тосадамавӣ, иҷрой-идоракунии тосадамавӣ); марҳиллаи садамавӣ (ки дар худ чунин зердавраҳоро дар бар мегирад: идоракунӣ-тосадамавӣ, идоравӣ-садамавӣ, идоракунӣ-тосадамавӣ) ва давраи баъдисадамавӣ [20, с. 22-23].

Ба фикри мо, нуқтаи назари якум нисбат ба пешниҳоди олимони гуруҳи дуюм асосноктар аст. Пешниҳоди олимони гурӯҳи дуюм агар чанде асоснок аст, вале бинобар мураккабӣ ва пурпечутоб будани ҷузъиёти сохтори механизми пайдоиши ҳодисаи ҷиноятӣ комилан мувофиқ ва амалан асоснок ба назар намерасад. Зеро кушоду равшан намебошад.

Пешниҳоди Кисляков С.В. ин ҷо асоснок ба назар мерасад. Ӯ сохтори механизми содиршавии ҷиноятро ба чор марҳилаи мустақил ҷудо намудааст:

– марҳилаи пеш аз садама (лаҳзаи бавуҷудоии хатар барои иштирокчиёни ҳаракат дар роҳҳо);

– марҳилаи бавуҷудоии садама (таассурот ҳамаи иштирокчиёни ҳаракат ва низоми идоракунии воситаҳои нақлиёт);

– марҳилаи авҷгирии садама (муносибати иштирокчиёни ҷиноят бо воситаи нақлиёт, ҳаракати он пас аз чунин алоқа; рух додани ҷароҳат ба иштирокчиён ва осеб дидани воситаи нақлиёт);

– марҳилаи ниҳоӣ (мавқеи мутақобилаи иштирокчиёни ҷиноят пас аз қатъ шудани ҳама гуна ҳаракати иштирокчиён). Ин таснифбандии мафҳум соддатар буда, унсурҳои нолозим ва мушкилфаҳмро дар бар намегирад ва он имкон медиҳад, ки номгӯи амалҳо ва чораҳои зарурӣ барои муқаррар кардани он равшан нишон дода шавад.

Бояд қайд кард, ки механизми ҷиноятҳои таҳлилшаванда аз категорияи ҳодисаҳои ба он тааллуқдошта вобаста аст. Аз рӯйи натиҷаҳои тадқиқот аз ҳама бештар ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои бехатарии воситаҳои нақлиёт инҳоянд: бархӯрд, чаппашавӣ, чаппашавии сахт (якчанд маротиба тоб хӯрдани воситаи нақлиёт) ва ғайра.

Тибқи парвандаҳои ҷиноятие, ки мо таҳқиқ намудем, ки дар он иштирокчиён шахсони идоракунандаи воситаҳои нақлиётӣ буданд, ва механизми содиршавии ҳодиса таносуби зарурӣ дорад:

| Навъ/категория | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 (шаш моҳи аввал) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Бархӯрди воситаҳои нақлиёт | 1181 | 1317 | 1339 | 1607 | 1533 | 1681 | 824 |
| Чаппашавӣ | 112 | 163 | 118 | 87 | 159 | 145 | 77 |
| Чаппашавии сахт (якчанд маротиба тоб хурдани воситаи нақлиёт) | 53 | 69 | 18 | 48 | 87 | 91 | 29 |
| Бархӯрд бо объектҳои олами атроф | 1019 | 1116 | 1138 | 1249 | 1242 | 1395 | 939 |

Барои дуруст фаҳмидани падидаи мураккаби иҷтимоие чун садамаи нақлиётӣ, бояд намудҳои гуногуни садамаҳои нақлиётиро баррасӣ кард:

**Намудҳои вайрон гардидани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ. Ҳангоми бақайдгирии ҳодисаҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ, чунин намудҳои онҳо муайян шудааст:**

– ***бархӯрдан*** – ин ҳодисае мебошад, ки воситаҳои нақлиёти дарҳаракатбуда бо дигар воситаҳои нақлиёт, бо қатораи дарҳаракатбуда ё бо қатораи ҳаракаткунандаи роҳи оҳан бармехӯрад;

– ***чаппашавӣ*** – чунин намуди ҳодисае мебошад, ки воситаҳои нақлиёти дарҳаракатбуда чаппа мешавад. Чаппашавие, ки дар натиҷаи содир шудани дигар ҳодисаҳо рух додааст (масалан, дар натиҷаи бархӯрдан) ба ин намуди ҳодиса дохил намешавад;

– ***бархӯрдан ба воситаҳои нақлиёти дар ҷояш истода*** – ҳодисае мебошад, ки воситаҳои нақлиёти ҳаракаткардаистода ба дигар воситаҳои нақлиёти дар ҷояш истода бармехӯрад;

– ***бархӯрдан бо дигар объектҳои роҳ*** – ин ҳодисае мебошад, ки воситаҳои нақлиёти дарҳаракатбуда ба предметҳои дар ҷояш маҳкамбуда ба монанди симчӯб, пояи купрук, дарахт, масолеҳи сохтмонӣ ё предмети дигар бармехӯрад;

– ***бархӯрдан бо пиёдагард*** – ҳодисае мебошад, ки воситаҳои нақлиёти дарҳаракатбуда пиёдагардро пахш мекунад ё ба он бармехӯрад. Ҳамчунин, пиёдагарде, ки бо воситаҳои нақлиёти дарҳаракатбуда бармехӯрад. Ба ин намуд ҳамчунин ҳодисаҳое дохил мешаванд, ки пиёдагардон аз бори дар воситаҳои нақлиётбуда зарар бинанд. Масалан, ҳангоми ҳаракати воситаҳои нақлиёт аз он афтидани масолеҳи сохтмонӣ ба монанди тахта, хишт ва ғайраҳо, ки дар натиҷа маҷруҳ кардани пиёдагард ба вуҷуд меояд;

– ***бархурдан бо велосипедсавор*** – ҳодисае мебошад, ки воситаи нақлиёти дар ҳаракатбуда велосипедсаворро пахш мекунад ё бо у бармехӯрад, Ҳамчунин, велосипедсавори дар ҳаракатбуда бо воситаҳои нақлиёти дар ҷояш истода бармехӯрад;

– ***бархурдан бо ҳайвонот*** – чунин ҳодисае мебошад, ки воситаҳои нақлиёти дарҳаракатбуда ҳайвонот (хонагӣ ё ваҳшӣ)-ро пахш мекунад ё бо он бармехӯрад. Ҳангоме ҳайвонҳо бо воситаҳои нақлиёти дарҳаракатбуда бархӯранд ва дар натиҷа ба иштирокчиёни роҳ зарари ҷисмонӣ расонида шавад ё зарари моддӣ дар шаҳрвандон ба вуҷуд меояд, он гоҳ ин ҳодиса низ бархӯрдан бо ҳайвонот ҳисобида мешавад;

– ***дигар ҳодисаҳо*** – дар зери мафҳуми «дигар ҳодисаҳо» он намудҳои ҳодисаҳое, ки дар боло номбар нашудаанд, фаҳмида мешавад. Ба инҳо, пеш аз ҳама, аз релс баромадани трамвай, бархӯрдан ба одамоне, ки иштирокчии ҳаракати роҳ намебошанд, паридани санг ё дигар предметҳо аз чархи воситаҳои нақлиёте, ки ба оқибатҳои вазнини дар қонун пешбинишуда оварда мерасонад, «бархӯрдан бо предмети яку якбора дар роҳ пайдошуда (афтидани бор ё масолеҳи сохтмонӣ аз дигар воситаҳои нақлиётӣ), афтидани мусофирон аз воситаҳои нақлиёти дарҳаракатбуда, дар натиҷаи якбора тағйир додани хати ҳаракат ё якбора боздоштани нақлиёти дарҳаракатбуда ва ғайраҳо дохил мешаванд» [193].

Аз натиҷаи омӯзиши ақидаҳои олимон, нуқтаи назари қонунгузорӣ ва амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба мо маълум гардид, ки вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо дар шакли ҳаракат (беҳаракатӣ) ба вуҷуд омада, бо зиёд кардани суръати муқарраршуда, ба хатти пеши роҳ баромадан, ба аломатҳои роҳ эътибор надодан ва ғайра ифода карда мешавад.

Вайрон намудани қоидаҳои истифодаи воситаҳои нақлиёт метавонад дар ҳолатҳои гуногун рух диҳад, аз ҷумла ҳангоми кашондани мусофирон бо нақлиёти махсус барои ин мақсад пешбинишуда, дар ҷойҳои номувофиқ нигоҳ доштани воситаи нақлиёт, кашола кардан бо сими носазоворшуда ва монанди инҳо.

***Дигар унсури баррасишаванда дар зербоби мазкур ин вазъияти содиршавии ҷиноят мебошад.***

Вазъияти содиршавии ҷиноят ин маҷмуи ҳолатҳои объективӣ мебошад, ки дар он ҷиноят содир шудааст. Вазъият ин ҳолате мебошад, ки тамоми муҳити атрофро вобаста ба фароҳамии он шароити ҷойдошта дар назар дорад [195]. Вазъияти содиршавии ҷиноятро дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аломати иловагии тарафи объективии ҷиноят меноманд. Олимони ҳуқуқи ҷиноятӣ вазъияти содиршавии ҷиноятро дар якҷоягии вақт ва ҷойи содиршавии ҷиноят дар назар доранд [98, с. 57-58]. Вале аксари олимон ба он ақидаанд, ки вазъияти содир шудани ҷиноят ин вақт ва ҷойи содир шудани ҷиноятро дар бар мегирад [165, с. 238; 150, с. 46-54; 122, с. 127-136; 29, с. 25]. Вақти содиршавии ҷиноят – ин муҳлати муайянест, ки дар ҷараёни он кирдор ҷиноят дониста мешавад [98, с. 68-69]. Ҷойи содиршавии ҷиноят бошад ҷое дар назар дошта мешавад, ки ҷиноят онҷо содир шудааст [98, с. 224]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки вазъияти содиршавии ҷиноят дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ин аломати иловагии тарафи объективии ҷиноят мебошад.

Аммо нуқтаи назари олимони криминалистика бошад, ба таври дигар ба назар мерасад, ки онҳоро баррасӣ менамоем.

Яблоков Н.П. пешниҳод дорад, ки дар вақти муайян кардани вазъияти содиршавии ҷиноят бояд диққатро ба тарзи содир намудани ҷиноят дод [151, с.

38-39]. Нисбат ба ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ ин ҳолат пурра татбиқ шуда метавонад. Ба фикри мо, дар байни вазъияте, ки дар вақти содир кардани ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ба амал меояд, тарзи ба амал омадани ҳодиса алоқаи бевосита дорад.

Ҳангоми ҳаракати воситаҳои нақлиёт вазъияти ноҳинҷори таъсири мутақобилаи қисмҳои тамоми низоми ҳаракат (ронанда, воситаи нақлиёт, олами атрофи беруна) пайваста ба миён меояд. Вайрон кардани қоидаҳои амнияти ҳаракати нақлиёти автомобилӣ ҳамчун ҷинояти муқарраршуда муаррифӣ мешавад, ки дар натиҷаи номувофиқӣ дар низоми устувори танзимкунандаи ҳаракат ба вуҷуд меояд. Ин амали номатлуб одатан бо гуноҳи иштироккунандаи мушаххаси роҳ сурат мегирад, ки қоидаҳои ҳаракати роҳро поймол кардааст.

Садамаҳои нақлиётӣ аксаран танҳо дар давоми чанд сония (ба истиснои баъзе ҳолатҳои истисноӣ) рух медиҳанд. Зимни таҳқиқи онҳо маъмулан маълум мегардад, ки чунин ҳодисаҳо на танҳо як, балки омилҳои гуногун доранд. Маҳз ин мураккабии сабабҳо ва пайвастагии онҳо таҳлили падидаҳои садамаҳои нақлиётиро хеле душвор месозад. Дар ин ҳолат бояд шароитҳое, ки ба ин ходиса мусоидат кардаанд, муайян гашта, амали иштирокчиёни он дар алоҳидагӣ собит карда, баҳо дода шаванд. Сабаби асосии вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳҳои автомобилӣ ин беэътиборӣ ва хунукназарӣ нисбат ба вазъияти роҳ мебошад.

Дар асоси ин гуфтаҳо зарурати омӯхтани ҳамаи элементҳои низоми ҳаракати нақлиёт ба миён меояд.

Бинобар ин, вазъияти бавуҷудоии садамаи баррасишаванда низоми томи омилҳои муваққатӣ, динамикӣ ва дигар омилҳо мебошад, ки ҳангоми пайдоиши ин механизм дар объектҳои бо ҳам алоқаманд пайҳои муайянро ба вуҷуд меоранд.

Ин низом таъсир мерасонад ба:

– иштирокчиёни ҳодиса: ронанда, велосипедрон, шахсе, ки асбоби ҳаракати шахсиро идора мекунад ва дигарон;

– дигар иштирокчиёни ҳаракати роҳ (мусофирҳо, пиёдагардон ва дигарон, вақте ки онҳо дар роҳ ҳаракат мекунанд);

– воситаи нақлиёт ё дастгоҳи ҳаракати шахсӣ;

– дигар объектҳои кучаю роҳ (аломатҳои шартии роҳ, муассисаҳои садироҳӣ, ҳолати сатҳи роҳ ва ғайра);

– муҳити зист (шароити обу ҳаво, намуди зоҳирии ҷойи ҳодиса ва ғ.).

Маълумоте, ки дар бораи натиҷаи донистани дараҷаҳои гуногуни механизми содиршавии ҷиноят, ки бо вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракати роҳ ва воситаҳои нақлиёт алоқаманданд, ба хусусиятҳои криминалистии ин гурӯҳи ҷиноятҳои баррасишаванда дохил карда мешавад.

Ин гурӯҳи ҷиноятҳои баррасишаванда дар вазъияти муайяне рух медиҳад, ки механизми он дар шароити он инкишоф меёбад. Баъзе минтақаҳои кишвар нисбатан сераҳолӣ буда, аҳолӣ дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунанд.

Дар шаҳрҳои дурдасти кишвар бошад, сабаби содиршавиашон суръати баланди воситаҳои нақлиёт мебошанд. Дар нақшаҳои зерин ба таври зайл мо онҳоро нишон додем:

**Содиршавии ҷиноятҳо дар шаҳрҳои дурдасти кишвар [197]:**

| **Шаҳрҳо** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Кӯлоб | **73** | **79** | **127** | **112** | **118** | **211** |
| Бохтар | **104** | **116** | **94** | **167** | **176** | **197** |
| Хуҷанд | **37** | **44** | **39** | **54** | **47** | **61** |
| Турсунзода | **83** | **98** | **85** | **112** | **98** | **153** |
| Истаравшан | **42** | **57** | **44** | **65** | **86** | **96** |
| Панҷакент | **45** | **66** | **73** | **91** | **85** | **67** |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ваҳдат | **94** | **122** | **115** | **187** | **176** | **195** |

**Содиршавии ин ҷиноятҳо вобаста ба баланд будани суръати ҳаракати воситаҳои нақлиёт [197]:**

| **Шаҳрҳо** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Кулоб | **44** | **47** | **104** | **85** | **99** | **180** |
| Кушониён | **72** | **69** | **63** | **133** | **150** | **160** |
| Хуҷанд | **23** | **31** | **28** | **37** | **31** | **49** |
| Турсунзода | **51** | **76** | **69** | **98** | **77** | **121** |
| Истаравшан | **31** | **40** | **35** | **46** | **79** | **82** |
| Панҷакент | **26** | **50** | **56** | **80** | **67** | **51** |
| Ваҳдат | **65** | **91** | **76** | **160** | **151** | **154** |

**Содиршавии ин ҷинятҳо дар роҳҳои байнишаҳрӣ [197]:**

| **Шаҳрҳо** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Душанбе – Ваҳдат | **18** | **31** | **27** | **29** | **44** | **34** |
| Душанбе – Данғара | **71** | **84** | **73** | **91** | **88** | **95** |
| Душанбе – Хуҷанд | **46** | **71** | **64** | **91** | **82** | **88** |
| Душанбе – Турсунзода | **47** | **43** | **52** | **59** | **37** | **29** |
| Кӯлоб–Данғара | **17** | **21** | **24** | **15** | **34** | **26** |
| Хуҷанд – Истаравшан | **21** | **37** | **35** | **41** | **26** | **43** |
| Душанбе – Айнӣ | **16** | **21** | **27** | **15** | **19** | **27** |

Аз ҳолати овардашуда бармеояд, ки вазъияти содиршавии ҷиноят ин шароити фароҳамӣ дар ҷойи ҳодиса мебошад, ки сабаби асосии содиршавии садамаҳои нақлиётӣ мегарданд. Вазъияти содиршавии ҷиноят дар худ вақт ва ҷойи содиршавии ҷиноятро дар як лаҳзаи муайяне фаро мегирад, ки дар он ҷиноят содир шудааст. Вазъияти содиршавии ҷиноят метавонад, аз иродаи иштирокчиёни ҳаракат дар роҳҳо вобаста бошад, ё не.

Аз таҳлили ҷиноятҳои содиршуда дар шаҳру ноҳияҳои дурдаст ба чунин хулосаи асосӣ омадан мумкин аст, ки дар панҷ соли охир вазъи содиршавии ин

ҷиноятҳо ба таври зайл дар онҳо нишон медиҳад.

1. Содиршавии ин ҷиноятҳо вобаста ба баланд будани суръати ҳаракат дар роҳҳо аксаран дар роҳҳои дохилишаҳрӣ ба назар мерасад. Аз ҳама зиёд дар шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб, Турсунзода ва Ваҳдат ба назар мерасад.

2. Содиршавии ин ҷиноятҳо аксаран дар роҳҳои байнишаҳрӣ дар баланд будани суръат, нодуруст ҷойгир кардани воситаҳои нақлиётӣ дар сари роҳҳо, аз роҳҳо нодуруст гузаштани пиёдагардон, хунукназарӣ ё худбоварии ронандагон, ба талабот ҷавобгӯ набудани воситаҳои нақлиётӣ, инчунин ба талабот ҷавобгӯ набудани роҳҳо ба назар мерасад. Ин ҳолатҳо аксаран дар роҳҳои Душанбе – Данғара ва Душанбе – Хуҷанд зиёдтар ба назар мерасад.

3. Вобаста ба зичии аҳолӣ бошад, аз ҳама зиёд дар шаҳрҳои Бохтар, Ваҳдат ва Турсунзода вайроншавии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо дида мешавад. Содиршавии ин ҷиноятҳо нисбат ба ҷиноятҳои нақлиётие, ки дар роҳҳои байнишаҳрӣ ё аз сабаби баланд будани суръат содир мешаванд, нисбатан кам ба назар мерасанд.

**Дигар элементи таркибии тавсифи криминалистии ҷиноят ин шахсияти ҷинояткор ва ҷабрдида мебошад.**

Ҷинояткор барои ҷамъият хавфнок буда, вобаста ба сифатҳои ахлоқию равонӣ шаклдигаркунии амиқ дорад. Ҳар як ҷинояткор бо назардошти хусусиятҳои равонии инфиродии худ як қатор хислатҳои умумӣ ва махсуси худро дорад, ки дар тафтиши ҷиноятҳо ба таври муассир ифода мешаванд.

Илми криминалистика шахсияти ҷинояткорро ҳамчун маҷмуи хусусиятҳо ва сифатҳои иҷтимоию равонии шахс медонад, ки сабаб ва шароити содир намудани ҷиноят ва шахсияти ҷинояткорро муайян менамояд [183].

Ҳамчун унсури калидӣ дар таҳқиқи ҷиноят, шахсияти ҷинояткор дар муайян кардани роҳҳои тарбиявӣ ва таҳлили сабабу ҳолатҳое, ки ба содир намудани ҷиноят оварда расонидаанд, аҳаммияти хосса дорад. Дар баррасии равандҳои ҷиноятӣ, омӯзиши ин паҳлӯҳо на танҳо барои дарки амиқтари амалҳои содиршуда муҳим аст, балки барои рушди усулҳои пешгирӣ низ нақши муҳим мебозад. Изҳое, ки дар ҷой ҷиноят боқӣ мондаанд, барои тартиб додани

симову сурати психологии шахсияти ҷинояткор, ки яке аз роҳҳои фаҳмидани ҳодисаи ҷиноят мебошад, асос мегардад.

Ин унсури таркибии тавсифи криминалистӣ дар ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ низ дида мешаванд. Хусусияти асосии шахсияти ҷинояткор дар ин ҷиноятҳо сараввал дар он аст, ки ин ҷиноятҳо танҳо аз хунукназарӣ содир карда мешаванд, яъне шахс ягон ангеза надорад.

Ба сифати шахси содиркунандаи ҷиноятҳои нақлиётӣ (ба истиснои нозири ҳаракати нақлиёт ва корманде, ки дар роҳ вазифаҳои худро тибқи тартиби муқарраргардида иҷро мекунад), ҳамаи иштироккунандаи роҳ – шахси воқеие баромад карда метавонанд, ки вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ ва дигар ҳаракатҳоро анҷом медиҳанд. Аз ҷумла:

– ронандаи воситаҳои нақлиёт;

– мусофирон;

– пиёдагардон;

– шахсе, ки бо дастгоҳи ҳаракати шахсӣ ҳаракат мекунад (велосипедрон, аробакашҳо ва ғ.);

– дигар иштирокчиёни ҳаракат дар роҳҳо (аспсаворон, харсаворон, даҳмардаҳо ва ғ.).

Ҳамаи ин субъектонро Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳаракат дар роҳҳо» аз 4 ноябри соли 1995 №196 аз бо номи «иштирокчиёни роҳ» номбар мекунад. Ин муқарраротро Қонуни мазкур ба таври зайл пешбинӣ намудааст: «Иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ – шахсоне, ки аз роҳҳои автомобилгард ва ҷойҳои дигар, ки барои аз як ҷой ба ҷой дигар расонидани мусофирон ва кашондани борҳо тавассути воситаҳои нақлиёт пешбинӣ шудаанд, истифода бурда, дар раванди ҳаракат ҳамчун ронанда, пиёдагард, мусофир, велосипедрон, чорворон, аробакаш ва ғайра бевосита иштирок менамоянд» [2].

Мафҳуми «ронанда», «пиёдагард» ва «мусофир» дар Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ба таври зайл муқаррар шудааст:

**Ронанда** – шахсе, ки идораи воситаҳои нақлиётро ба уҳда дошта аз як самт

ба самти дигар бо суръати тезтар ҳаракат мекунад.

**Мусофир** шахсест, ки бо мақсади ҳар чи тезтар амалӣ гардонидани хоҳишҳои худ, сафар кардан ба маҳалли дигар, кӯчонидани молу мулки худ ба минтақаи дигар аз воситаҳои нақлиёти дарҳаракатбуда ва хизматрасонии ронанда истифода мекунад.

**Пиёдагардон** бошанд, шахси воқеие мебошанд, ки дар ҳаракати роҳ берун аз воситаи нақлиёт, аз ҷумла дар аробачаи маъюбӣ, моторол, ё дигар воситаҳои ҳаракаткунанда (велосипед, мопед ё мотосикл меронанд, чана ё аробача (аробача) мебардоранд) ҳаракат мекунанд, инчунин шахсоне, ки таъмир ва дигар корҳоро дар роҳ мувофиқи тартиби муқарраршуда ба ҷо меоранд. Ҳатто шахсе, ки бо истифода аз дастгоҳи ҳаракати шахсӣ [2], ҳаракат мекунад, пиёдагард ҳисобида мешавад.

Ба ақидаи ман моҳияти ин мафҳумҳо бархилофи мафҳуми «пиёдагард», ки аз мақом ва арзиши олиаш маънои калон дорад, таҳлили зиёдро талаб намекунад.

Илова бар ин метавон гуфт, ки ҷанбаи тавсифи криминалистии шахсият дар ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ, бояд пеш аз ҳама маълумоти асосиро дар бораи шахсияти вайронкунандагони қоидаҳои ҳаракат дар роҳ дар бар гирад.

Чунин ҳолатҳои содиршавии ҷиноят, ба монанди механизми содиршавии ҷиноят ва вазъияти содиршавии ҷиноят аз рафтори ҷинояткорона ва тавсифи шахсияти ҷинояткор вобаста мебошад. Бояд гуфт, ки мавҷудияти ин гуна хислатҳои шахсият барои шахсоне, ки аз хунукназарӣ ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётро содир мекунанд, нисбат ба шахсоне, ки ҷинояти қасдан содир мекунанд (хусусан, вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳоро баъди татбиқи ҷазои маъмурӣ) камтар аст.

Тавре ки олим Мешалкин С.Н. таъкид мекунад, «шахсоне, ки қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиётро вайрон мекунанд, инчунин қоидаҳое, ки барои таъмин намудани амнияти корӣ муҳиманд, аксаран

хатарнокии рафтори худро барои ҷамъият дарк намекунанд» [61, с. 57].

Дар баъзе адабиёти илмӣ зикр шудааст, ки «шахсоне, ки ин гуна ҷиноятҳоро содир мекунанд, одатан ба қойдаҳои ҳаракат дар роҳ ва чораҳои бехатарии он аҳаммият намедиҳанд. Хислатҳои манфии шахсии онҳо (хохиши гурехтан аз ҷавобгарӣ, риоя накардани қоидаҳои ахлоқи инсонӣ дар байни ҷамъият, худнамоишӣ, манёвркунӣ-пешгузарии барқасдона ва ғ.) пас аз ҳодисаи нохуш бештар зохир мегардад» [159, с. 144; 154, с. 25; 164, с. 165].

Маълумотро дар бораи ин шахсон тавассути омӯзиши ҳамаҷонибаи шахсияти ҷинояткор, нишондодҳои шоҳидон, кофтукови оперативӣ ва дигар маълумот гирифтан мумкин аст.

Бо қарори муфаттиши ШТ ШВКД дар н. Фирдавсии ш. Душанбе нисбати шаҳрванди ноболиғ бо моддаи 212 қисми 2 КҶ ҶТ парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардид. Дар рафти тафтишот маълум гашт, ки ронанда ноболиғ сину соли ҷавобгарӣ (15-сола) будааст. Собиқаи ронандагӣ надорад, соҳиби шаҳодатномаи ронандагӣ нагаштааст, аз ӯҳдаи идораи воситаи нақлиёт пурра баромада наметавонад, инчунин аз ҷиҳати инкишофи ақлонӣ ва ҳолати равонӣ нуқсоннокӣ дорад. Ҳамаи ин ҳолатҳоро паси сар карда, ҳангоми рондани воситаи нақлиёт суръати ҳаракатро аз меъёри муқарраршуда баланд кардааст, ки дар натиҷа шаҳрванд Б-ро зер кардааст. Ҷабрдида дар ҷойи ҳодиса ба ҳалокат расидааст [202].

Тибқи нишондоди баррасии сотсиологӣ, омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ ба мо маълум гашт, ки синну соли ҷинояткорон дар ҶТ дар 66%-и ҳолатҳо 18-40 ташкил медиҳад.

Чунин камбудиҳо дар шахсияти ҷинояткорон дида мешаванд:

1. **Дараҷаи маълумот ё собиқаи ронандагӣ.** Самти рафтори инсон на аз худи маълумот, балки бо сатҳи фарҳанги ӯ, амиқии дониш дар бораи олами атроф ва муносибатҳои одамон дар он муайян карда мешавад. Дар байни шахсоне, ки дар соҳаи бехатарии роҳ ҷиноят содир кардаанд, 51 фоизи онҳо маълумоти олӣ ва 43 фоиз маълумоти миёнаи махсус, 6 фоиз маълумоти миёна ва миёнаи нопурра доранд.

2. **Шахсоне, ки пештар ба ҷавобгарӣ кашида шуда буданд**. Аз ин 81 фоизашон ба ҷавобгарии маъмурӣ ва 19 фоизашон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд.

3. Шахсоне, ки ба ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат дар роҳҳоро содир кардаанд, ба гуруҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1) Шахсе, ки воситаи нақлиётро идора мекунад:

– дар ҳолати мастӣ. Қариб 20%-и одамоне, ки ҳодисаҳои нохуши роҳро содир кардаанд, дар ҳолати мастӣ воситаи нақлиётро идора мекарданд;

– ҳуқуқи идора кардани воситаи нақлиётро надоранд. Ҳодисаи маъмултарини вайрон кардани қоидаҳои истифодабарии воситаҳои нақлиёт аз ҷониби шахсоне, ки чунин иҷозатнома надоранд 8% мебошад.

Дар байни онҳо инҳоянд:

а) аз ҳуқуқи идора кардани воситаи нақлиёт маҳрум гардидаанд (5 фоиз);

б) ҳеҷ гоҳ ҳуқуқи рондани воситаи нақлиётро надоштанд (3%);

– ронандаи касбӣ – доимӣ. Ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиёт бештар аз ҷониби ронандагони воситаҳои нақлиётии сабукрав (62%), воситаҳои нақлиётии боркаш (16%), микроавтобусҳо (8%), дигар намудҳои нақлиёт (12%) ва ронандагони автобусҳои мусофирбар (2%) содир шудаанд.

Дараҷаи тайёрии ронандагон омили муҳиммест, ки ба бехатарии ҳаракат дар роҳ таъсир мерасонад. Чуноне, ки Романов А.Н. қайд мекунад, ки «дар лаҳзаҳои фавқулоддаи ғайричашмдошт ба амали ронандаи ботаҷриба суръат, дақиқ ва пурра риоя кардани талаботи бехатарӣ дар вазъияти мушаххас хос аст» [81, с. 173-174].

2) Мусофирон, пиёдагардон ё дигар иштирокчиёни ҳаракат дар роҳҳо.

Мутобики Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ***мусофир*** шахсе ғайр аз ронандае, ки дар нақлиёти автомобилӣ нишастааст, инчунин шахсе мебошад, ки ба воситаи нақлиёт медарояд (ба он савор мешавад) ё аз нақлиёт (фаромада) мебарояд.

**«Пиёдагард** – ин шахсест, ки «берун аз воситаи нақлиёт дар роҳ қарор дорад ва дар идораи воситаи нақлиёт ширкат намекунад. Нафароне, ки дар

аробачаҳои маъюбии бемуҳарик ҳаракат мекунанд, велосипед, мопед, мототсикл меронанд, чана, ароба, аробачаи бачагона ё аробача доранд, пиёдагард ҳисоб мешаванд»[142, с. 27-29]

**Дигар иштирокчиёни роҳ.** Дар Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ дар бораи дигар иштироккунандагони роҳ ягон меъёр зикр нагардидааст. Аммо дар адабиёти илмӣ ба онҳо нозирони ҳаракати нақлиётӣ, коргароне, ки корҳои таъмири роҳҳои нақлиётиро иҷро мекунанд, нигоҳдории асбобҳои идоракунии ҳаракати нақлиёт, шахсоне, ки дар роҳ корҳои фавқулоддаро иҷро мекунанд ва ғайра дохил мешаванд. Чунин категорияи иштироккунандагони ҳаракат дар роҳро дар адабиёти илмӣ ба мафҳуми «истифодабарандаи роҳ» номгузорӣ мешаванд [142, с. 27-29].

Унсурҳои асосие, ки ронандагон дар имрӯзҳо ба он такя мекунанд, ки оқибат садамаҳои нақлиётӣ ба миён меоянд инҳоянд:

– Худбоварӣ ва ё худнамоишӣ дар роҳ ;

– Надоштани дониши кофии ҳуқуқӣ ё маърифати баланди инсонӣ;

– Истеъмоли машруботи спиртӣ ё дигар моддаҳои мадҳушкунанда

– Доштани ҳавову ҳаваси ноҷо (бештар аз ҷониби ноболиғон);

– Надоштани таҷрибаи ронандагӣ;

– Истифодаи воситаҳои нақлиёте, ки ба талабот ҷавобгӯ намебошанд;

– Бе доштани ҳуқуқи ронандагӣ истифодаи воситаҳои нақлиёт;

– Дидаю дониста вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо (манёвр кардан ё пеш гузаштан, суръати ҳаракатро баланд кардан, дар ҷойҳои нодуруст нигоҳ доштани воситаҳои нақлиёт, чароғаки роҳнаморо риоя накардан, аҳаммият надодани дигар аломатҳои шартии роҳ ва ғ.)

***Унсури дигари тавсифи криминалистии ҷиноятҳо ба муқобили қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ ин шахсияти ҷабрдида мебошад.***

Вобаста ба ҷиноятҳои баррасишаванда тамоми ин меъёрҳои м.42 КМҶ ҶТ дахл дошта наметавонад. Ҷабрдида вобаста ба ҷиноятҳои вайрон кардани

қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ дорои якчанд хусусиятҳои асосӣ мебошад:

1. Танҳо дар ҷиноятҳои баррасишаванда шахси воқеӣ ҷабрдида шуда метавонад. Аз диспозитсияи моддаи 212 КҶ ҶТ бармеояд, ки яке аз шартҳои ба вуҷуд омадани ин ҷиноятҳо расонидани зарари миёна, вазнин ё оқибати марг мебошад. Албатта ин навъи зарар ба шахси воқеӣ мерасад на ба шахси ҳуқуқӣ.

2. Ҳангоми содир шудани ин ҷиноятҳо танҳо заррар ба ҳаёт ва саломатӣ дар назар дошта шудааст. Зарари молумулкӣ ё дигар зарарҳо ба инобат гирифта нашудаанд. Агар дар вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо танҳо зарари молумулкӣ ҷой дошта бошад, инҷо ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҳуқуқвайронкунии маданӣ дида мешавад на содиршавии ҷиноят.

3. Дар ин ҷиноятҳо ба ҳаёт ва саломатии ҷабрдида таҳдид ҷой дошта наметавонад. То ҷиноят ба охир нарасад ва зарар муайян карда нашавад, бандубасти ҷиноят ҷой дошта наметавонад. То оқибат ба вуҷуд наояд, ҷиноят баҳо дода намешавад.

Бояд дар назар дошт, ки қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ бо айби худи ҷабрдидагон низ содир карда мешаванд ва аксар вақт ҳангоми тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ кӯшиш мекунанд, ки гуноҳи худро пинҳон кунанд.

Масалан аз ҷониби муфаттиши ШТ ШВКД дар н. Шоҳмансури ш. Душанбе парвандаи ҷиноятӣ бо м.212 КҶ ҶТ нисбати шаҳрванд А оғоз гардид. Ронанда ҳангоми ҳаракат дар шоҳроҳи Душанбе – Ваҳдат суръати ҳаракатро баланд кард. Пеш аз баланд кардани суръат ӯ тамоми атрофро нигоҳ карда, бехатарии роҳро таъмин намуд. Баъдар воситаи нақлиётро ба хати охирини роҳ ронд. Нохост шаҳрванд Б аз сари девор (бардиюре, ки роҳҳои муқобилро аз ҳам ҷудо мекунад) баромада ба сари роҳи воситаи нақлиёти ронанда А давид, ки сабаби садама гардида, дар ҷойи ҳодиса ба ҳалокат расид. Ронанда тамоман онро надида буд. Бо дарназардошти мавҷуд будани айби ҷабрдида ва зиёд будани ҳолатҳои сабуккунанда дар кирдори ронанда парвандаи ҷиноятӣ нисбати ронанда дар пешбурд қатъ карда шуд [208].

Шахсияти ҷабрдида яке аз ҷузъҳои асосии тавсифи криминалистии ҷиноятҳои баррасишаванда мебошад, зеро бидуни он ҷиноят ҷой дошта наметавонад (ба истисноии м.212.1-212.2 КҶ ҶТ). Аксар вақт худи ҷабрдида метавонад бо вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ монеа эҷод кунад ё ронандаро гумроҳ кунад.

Аз нуқтаи назари олимони соҳаи криминалистика, хислати асосии ҷабрдида вобастагӣ ба синну сол дошт, ин хусусият ба унсурҳои виктимология (илми ҷабрдидашиносӣ) дохил намешавад.

Аммо маълумоти амалияи тафтишӣ (коркарди 150 парвандаи ҷиноятӣ) нишон медиҳад, ки дар байни ҷабрдидаҳо дар парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба ҷиноятҳои баррасишаванда 28% занон, 30% мардон, 14% ноболиғони то 16-сола ташкил медиҳанд, ҳарчанд вобаста ба омилҳои содир намудани ин ҷиноят, ҷинс ва сину соли ҷабрдида алоқамандӣ дида намешавад. Хусусияти ин тоифаи ҷабрдидагон дар он аст, ки онҳо гурӯҳи камтарини ҳифзшудаанд. Таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки дар аксари ҳолатҳо (қариб 60%) ҷабрдидагон қоидаҳои роҳро риоя намекунанд [197].

Аммо бояд гуфт, ки тибқи омори расмӣ дар соли 2023, бо иштироки ноболиғони то 16-сола 1342 садамаи нақлиётӣ рух додааст, ки дар натиҷаи он 416 кӯдак ҳалок ва 1127 нафар ҷароҳат бардоштаанд. Фалокатҳои нақлиётӣ бо иштироки мусофирон 35 фоиз, бо иштироки мактаббачагон ва ноболиғони то 18-сола, ки «пиёдагард буданд – 33 фоиз; бо иштироки фарзандони ронандагони нақлиёти механики (автомобилҳо, мопедҳо ва воситаҳои ба онҳо баробаркардашуда) – 4 фоиз, ҷалби кӯдакони рондани велосипед – 4%, агар ронандагон қоидаҳои кашондани бачагонро (бе тасмаи бехатарӣ ва маҳдудият) вайрон кунанд – 4 фоиз; аз хунукназарӣ ҷалб намудани бачагон – 23 фоизро ташкил медиҳанд»[197].

Таҷрибаи судӣ-тафтишотӣ оид ба  парвандаҳои мазкур собит месозад, ки дар назди роҳ мавҷуд будани кӯдакони хурдсол аз ронанда эҳтиёткорию пешакии махсусро талаб мекунад.

Парвандаҳои ҷиноятии омӯхташуда имкон дод, ки ҷабрдидагон чунин

гурӯҳбандӣ карда шаванд: 1) пиёдагардҳо (18%); 2) ронандагони воситаҳои нақлиёти дигар (34%); 3) мусофирон (48%). Ҳар кадоми ин гурӯҳҳоро дар навбати худ чунин тақсим кардан мумкин аст, ки қоидаҳои ҳаракатро риоя кардаанд ва онҳое, ки бо рафтори худ боиси руй додани фалокат гардидаанд. Онҳоро инчунин ба нафароне, ки аз ҷойи ҳодиса фирор ва дар он ҷо мондаанд, тақсим кардан мумкин аст.

**Механизми пайдоиши пайҳо** унсури муҳимми тавсифи криминалистии ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ мебошад, зеро он имкон медиҳад, ки тақрибан дар бораи ҳамаи унсурҳои дигар маълумот гирифта шавад ё дар бораи онҳо тахминҳои асоснок пешниҳод карда шаванд.

Пайҳоро дар илми криминалистика ин инъикоси моддии як объект дар объекти дигарро меноманд, ки дигаргуниро дар он ба вуҷуд меорад [85, с. 93]. Аҳаммияти криминалистии пайҳои ҷиноят дар он аст, ки онҳо имконияти муқаррар кардани ҳолатҳои муҳимми ҳодисаи ҷиноятро  муайян мекунанд. Инчунин масъалаҳои айнияткунонӣ ва  ташхисӣ ҳалли худро меёбанд. Мақсади асосии пайшиносӣ аз айнияткунонии  объектхо, муқаррар  кардани  мансубияти гурӯҳӣ  ё сарчашмаи умумии пайдоиши онҳо иборат аст. [101, с. 54; 102, с. 81-84].

«Мафҳуми «пай» аввалин бор дар адабиёти илмии даврони Шуравӣ зикр гардид ва бо таҳқиқоти Якимов И.Н. ва минбаъд. Потапов С.М мавриди тавзеҳ қарор гирифт. Мувофиқи таҳлили онҳо, пайҳо инъикоси аломат зуҳуроте мебошанд, ки бевосита ба ҳодисаи таҳқиқшаванда иртибот доранд. Онҳо метавонанд аз тарафи инсон, ашёҳои манфарад ё таъсири омилҳои табиӣ бархоста бошанд. Дар соли 1947, Шевченко В.И. таснифи асосии пайҳоро пешниҳод намуд, ки он имрӯз ҳамчун асоси таснифоти муосири пайҳо эътироф шуда, мавриди ҷонибдории олимон қарор дорад».

Олим Грановский Г.Л. соли 1965 дар асоси тавсифоти объектҳои пайҳосилкунанда таснифи пайҳоро ба гурӯҳҳои гомеоскопӣ, механикӣ ва хайвонот пешниҳод кард [23, с. 28; 24, с. 239; 55, с. 44-57]. Тибқи пайшиносии

криминалистӣ, механизми пайдоиши пайҳо ҷараёнест, ки марҳилаи ниҳоии он пайдоиш ва тасвири пайҳо мебошад [23, с. 122; 11, с. 408].

Таҳқиқи пайҳо аҳаммияти калони криминалистӣ дорад, чунки он муайян кардани олоти ҷиноят ва субъектро, ки аз он истифода кардааст (маълумотҳои ҷисмонӣ, малакаҳои касбӣ, либос ва ғ.) имкон медиҳад. Ба ибораи дигар, пайҳо метавонанд ҳангоми таҳлили масъалаҳои мубрами криминалистии зерин, ки ба далелҳои исботкунандаи парвандаи ҷиноятӣ дохил мешаванд, манфиатбахш бошанд:

а) айнияткунии шахсон ё предметҳо бо пайҳои гузошта;

б) муқаррар кардани гурӯҳбандии объектҳо;

в) муайян кардани хусусиятҳои алоҳидаи анатомию физиологии шахсе, ки пайҳоро гузоштааст;

г) муайян кардани механизми пайгузорӣ ва ҳолатҳои бо он вобастабуда [62, с. 185].

Дар ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ низ пайҳо ҷой доранд. Маҷмуи пайҳои ин ҷиноятҳо пайҳои моддӣ, идеалӣ ва рақамӣ (компютерӣ)-ро дар бар мегирад. Онҳо оқибатҳои аз ҷиҳати моддӣ инъикосёфтаи намуди дахлдори ҳодиса мебошанд, ки тавассути воситаи нақлиёт (автомобил, мотосикл, велосипед ва ғ.), дастгоҳи ҳаракати шахсӣ (скутери электрикӣ, мотороллер, сегвей, велосипед, ховерборд ва ғайра) ё пиёдагардон ба вуҷуд омадааст, аҳаммияти калон доранд.

Ҳар як ҳодисаи садамаҳои нақлиётӣ пайҳои моддии худро дорад, ки аз рӯйи хусусиятҳои ҳаракат ва механизми ҳамбастагии объектҳои пайҳосилкунанда ва пайқабулкунанда фарқ мекунанд, аз ҷумла:

– ҳангоми бархӯрдани ду воситаи нақлиёти ба самтҳои муқобил ҳаракаткунанда дар қисмҳои бадан ё унсурҳои дигари воситаи нақлиёт, ки ба нуқтаи бархӯрд алоқаманданд, аломатҳое ба вуҷуд меоянд, ки суръати воситаи нақлиётро аз он пайдо кардан мумкин аст;

– ҳангоми бархӯрд воситаи нақлиёт ё дигар воситаи ҳаракати шахсӣ рост

ба пеш ба объекти устувор тела медиҳанд. Дар натиҷа, пайҳои пошхӯрӣ пайдо мешаванд. Ҷасад, бадани ҷабрдида ва ё либоси онҳо ба андозаи бархурди воситаи нақлиёт метавонанд зарар бинад. Пайҳои садамаи воситаи нақлиёт метавонад ба муҳити атроф низ пай гузорад (пайҳои қисми нақлиёт-кузов, пайи либос ё пойафзоли ҷабрдида, кашиши камарбанди бехатарӣ; қабатҳои хок, заррахои ранг, пораҳои шиша, аломатҳои кашолашудаи ин ё объект дар муҳити атроф ва монанди инҳо);

– ҳангоми пеш гузаштан – манёвр, гардиш кардан, хамгашти сахт лаҳзаҳои хурд ба амал меояд, яъне ҳаракати гардишдаврзанӣ дар хатти роҳ аз шинаҳо пайҳои он ба вуҷуд меоянд. Ҳатто ҳангоми убури ду хати рост, ки воситаҳои нақлиёт дар он ҳаракат доранд ва бо ҳам бармехӯранд, каҷгардиши воситаи нақлиёти зарбахӯрда гардишро дар атрофи меҳвари амудии худ мегирад ва аз ин рӯ дар нуқтаи бархӯрд бо пайи лағзиши шин аз шина ё пойафзол ба вуҷуд меояд (дар болои асфалт, хок, қум).

**Изҳои идеалӣ** баёнгари таъсироти рӯйдодҳои гузашта ё арзиши онҳо дар хотири инсон мебошанд. Ин гуна изҳо ҳамчун тасвирҳои рӯҳии ташаккулёфтаи он чизҳое ба назар мерасанд, ки дар зеҳни инсон накш гирифтаанд. Хусусият ва устувории нигоҳдории изҳои идеалӣ бевосита ба омилҳои субъективӣ вобаста аст, ки метавонанд ҳолати узвҳои эҳсосии шахси қабулкунандаро дар бар гиранд. Инчунин, чунин омилҳо қобилият, хотира, вазъи саломатии ҷисмонӣ ва дигар хусусиятҳои фардиро дар бар мегиранд. Ғайр аз ин, изҳо бо омилҳои объективӣ ва шароити шинохт алоқамананд, ки қодир ба тавсифи вазъияти он замон мебошанд.

**Изҳои рақамӣ.** Изҳои рақамӣ, ки баъзан сояи рақамӣ ё изи электронӣ номида мешавад, маълумоте мебошанд, ки ҳангоми истифодаи шабакаи интернет боқӣ мемонад.

Ба сифати чунин изҳо дар содир шудани ҷиноятҳои мазкур инҳо баромад карда метавонанд:

– фазои рақамӣ (маълумот аз саҳифаи шахс дар шабакаи иҷтимоӣ, ҳисоб дар гурӯҳи мессенҷерӣ, аккаунтҳои техникии провайдери пайвастшавӣ ба

шабакаҳои интернетӣ) ;

– хотираи компютерӣ ва таҷҳизоти телекоммуникатсионӣ, ки дар воситаҳои нақлиётӣ насб шудаанд (ноутбукҳо, планшетҳо, смартфонҳо);

– воситаҳои хотира (картаҳои флеш, дискҳо ва ғ.).

Ҳамин тариқ, маълумоти криминалистии моҳиятан муҳимро дар хотираи камераҳои назорати рақамӣ, системаҳои навигатсионӣ, сабти видео, системаҳои компютерии дохилии воситаҳои нақлиёт ва дастгоҳҳои ҳаракати шахсӣ, инчунин дар васоити нигоҳдории ҷудошавандаи ин дастгоҳҳо пайдо кардан мумкин аст.

**Унсури дигари таркибии тавсифи криминалистии ҷиноятҳо дар самти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи нақлиёт воситаи содиршаваии ҷиноят мебошад.**

Воситаҳои нақлиёт, аз рӯйи хелҳои роҳ, ба чаҳор гурӯҳ тақсим мешаванд [85, с. 456]:

1. воситаҳои нақлиёти роҳи оҳан;
2. воситаҳои нақлиёти обӣ;
3. воситаҳои нақлиёти ҳавоӣ;
4. воситаҳои нақлиёти автомобилӣ;

Пеш аз баррасии масъалаи асосӣ бояд якчанд элементҳоро вобаста ба қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ба монанди ронандаи автомобил, ҳаракат дар роҳҳо, қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо, вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо, садамаи нақлиётӣ ва ғ. баррасӣ намуд, зеро ҳангоми гузаштан ба масъалаи асосӣ бояд фаҳмид, ки сухан дар бораи чӣ меравад.

Баррасии адабиёти илмӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳад, ки ҳамаи воситаҳои нақлиёт аз рӯйи асосҳои гуногун тасниф карда мешаванд ва вобаста ба таъиноташон онҳоро фарқ кардан мумкин аст:

1) воситаҳои нақлиёти мусофирбар (барои интиқоли мусофирон бо зарфияти то 9 нафар, аз ҷумла курсии ронанда пешбинӣ шудаанд).

2) воситаҳои нақлиёти боркаш (барои интиқоли бор пешбинӣ шудаанд). Вобаста ба намуди кузов инҳо чудо мешаванд:

- самосвалҳо (планҳо, пӯшонда, айвондор);
- мошинҳои бетонрезӣ;
- мошинҳои боркаш;
- мошинҳои яхдондор;
- наклиёти автомобилӣ (тракторҳо; контейнер).

Аз рӯйи иқтидори боркашӣ: махсусан хурд – то 1 тонна; хурд –1-2 тонна; миёна – 2-5 тонна; калон – зиёда аз 5 тонна; махсусан калон – аз меъёри муқаррарнамудаи андозаҳои роҳ ва маҳдудиятҳои вазн зиёд. Илова бар ин, ин воситаҳои нақлиёт, инчунин аз рӯйи намуди бори интиқолшуда тасниф карда мешавад.

3) воситаҳои нақлиёти боркаш (якҷоя бо ронанда то 4 ҷойи нишаст дошта, бо платформа барои ҳамлу нақли бор дар асоси ҳам мошинҳои сабукрав ва ҳам дар мошинҳои боркаш муҷаҳҳаз шудаанд).

4) воситаҳои нақлиёти мусофирбар (барои интиқоли одамон пешбинӣ шудаанд), ки ба инҳо тақсим мешаванд:

а) автобусҳо (зиёда аз 9 касро мекашонанд) ва воситаҳои нақлиёти то 9 кас). Дар асоси дарозии умумӣ, ин нақлиёт махсусан хурд - то 5 м тасниф карда мешавад; хурд – 6-7 м; миёна – 8-9,5 м; калон – 10,5 -13 м; махсусан калон – зиёда аз 13 м.

б) троллейбусҳо (воситаҳои нақлиёти синфи I, II ё III, ки бо қувваи барқ ё аз симҳои беруна ҳаракат мекунанд).

Аз рӯйи таъйинот онҳо фарқ мекунанд (шаҳрӣ, наздишаҳрӣ, хусусӣ-мактабӣ, нақлиёти маҳаллӣ (барои деҳотҳо), байнишаҳрӣ, воситаҳои нақлиёти сайёҳӣ).

5) мошинҳои махсус – нақлиёти таъиноти махсус (кранҳои боркаш; мошинҳои арбака (пойга); ёрии таъҷилӣ; мошинаҳои тобуткашӣ; мошинҳои сӯхторнишонӣ (маҳалли таъиноти умумӣ ва махсус); дӯконҳои автомобилӣ (автолака); мошинҳои барфтозакунӣ; тракторҳо; грейдерҳо (мошинҳои ҳамворкунандаи қуму хок); экскаваторҳо; булдозерҳо; мошинҳои зиреҳпӯш амфибияҳо (нақлиёте, ки ба зер ё болои об ҳаракат мекунанд);

Нақлиёти автомобилиро инчунин аз рӯйи таркиб, лавозимот, навъи муҳаррик, масофа, суръати ҳаракат, шумораи умумии чархҳо, шумораи чархҳои пешбаранда, дараҷаи мутобиқшавӣ ба кор дар шароити гуногуни роҳ гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст.

**Воситаҳои нақлиёти механикӣ.** Воситаҳои нақлиёти механикӣ ба ҳамаи он воситаҳои нақлиёт ишора мекунанд, ки бо неруи муҳаррик фаъолият намуда, ҳаҷми двигателашон на камтар аз 50 см$^3$ мебошад ва суръати ҳаракаташон аз 40 км - соат зиёд аст [92, с. 880].

Воситаи содиршавии ҷиноят ин аз ду ҷанба омӯхта мешавад, яъне ҳам ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳам криминалистика. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ воситаи содиршавии ҷиноят аслан он предметро меноманд, ки тавассути он ҷиноят содир шудааст. Воситаи содиршавии ҷиноят ин аломати иловагии тарафи объективии ҷиноят мебошад. Аломатҳои иловагӣ дар баъзан ҳолатҳо ба ҳайси аломати асосии ҷиноят баромад карда метавонад. Хусусан дар ҷиноятҳои нақлиётӣ воситаи асосии содиршавии ҷиноят ин худи воситаҳои нақлиётӣ мебошад, зеро манбаи асосии содиршавии ҷиноят мебошад. Чӣ тавре дар боло қайд кардем, яке аз шартҳои асосии эътироф шудани ҷиноят дар м.212 КҶ ҶТ ин мавҷуд будани воситаи нақлиётӣ мебошад. Дар илми криминалистика низ воситаи содиршавии ҷиноят дар ин ҷиноятҳо худи воситаҳои нақлиётӣ фаҳмида мешаванд. Аммо он воситаҳои нақлиётие, ки  дар қонунгузорӣ ба ҳайси воситаи нақлиёт эътироф шудааст. Ба таври дигар гӯем, ба сифати воситаи содиршавии ҷиноят дар ҷиноятҳои нақлиётӣ инҳо дида мешаванд: воситаҳои техникии механикӣ – ҳама воситаҳои нақлиётии дорои муҳаррики ҳаракаткунандае, ки суръаташон аз 40км-соат зиёт мебошанд. Содиршавии ҷиноятҳо тавассути ин воситаҳои нақлиётӣ дар ҳудуди кишвар 93,5%-ро ташкил медиҳанд; дучархаҳои ҳаракаткунандаи дорандаи муҳаррик, инҳо қисман ба ҳайси воситаҳои нақлиётие, ки моддаи 212 КҶ ҶТ дар назар дорад баромад карда метавонанд. Дар ҶТ чунин воситаҳо мавҷуданд. Дар умум дар панҷ соли охир дар ҳудуди давлат  4,5% ҷиноятҳои баррасишаванда тавассути онҳо содир шудаанд; дастгоҳи ҳаракаткунандаи шахсӣ, ки онҳо воситаи содиршавии ҷиноят шуда

наметавонанд, зеро тавассути қувваи инсонӣ ба ҳаракат даровварда мешаванд. Таи 5 соли охир 2%-и ҷиноятҳо тавассути онҳо содир шудаанд, ки бо вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо монанд мебошанд. Аммо онҳо бо дигар моддаҳои КҶ ҶТ бандубаст карда мешаванд (м.110, 111,112, 127, 108 ва ғ.). Ба инҳо скутери электрикӣ, ховербод, сегвей, юнисикл ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Хусусияти дигари тавсифи криминалистии ҷиноятҳо вобаста ба қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ аз он иборат аст, ки ин кирдорҳо дар шакли беэҳтиётӣ содир мешаванд. Яъне ронандаи воситаи нақлиёт чун қоида дар шакли сабукфикрӣ онро содир кардааст.

Тавсифоти криминалистии ҷиноятҳое, ки бо вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ алоқаманданд, ин низоми мураккаби маълумоти умумӣ ва гурӯҳӣ мебошад.

Вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо дар шакли ҳаракат (беҳаракатӣ) ба вуҷуд омада, бо зиёд кардани суръати муқарраршуда, ба хатти пеши роҳ баромадан, ба аломатҳои роҳ эътибор надодан ва ғайра ифода карда мешавад.

Механизмҳои содиршавии ҷиноятҳое, ки бо вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ робита доранд, барои дарки хусусиятҳои криминалистии онҳо аҳаммияти асосӣ доранд. Механизми пайдоиши чунин ҳодисаҳо низоми динамикии амали якҷояи нақлиёт ва шаҳрвандон дар муҳити моддӣ (физикӣ, биологӣ ва ғайра) мебошад. Барои дарки амиқи ин ҳодисаҳо, муҳокима кардани сохтори механизми ҳаракати нақлиёт аз нигоҳи криминалистика зарур аст. Механизми содиршавии ҷиноят ҳамчун як низоми мураккаби динамикӣ фаҳмида мешавад, ки тамоми ҷанбаҳои фаъолияти ҷиноятиро дар бар мегирад: субъекти ҷиноят, муносибати ӯ ба кирдори содиршуда, оқибатҳои он ва иштирокчиёни дигар, предмети таҷовуз, тарзи содир намудани ҷиноят, мақсади содиршавӣ, одобу рафтори одамони тасодуфан иштироккунанда, ҳолатҳое, ки ба содиршавии ҷиноят мусоидат ё

монеъ мешаванд ва алоқаи сабабӣ байни кирдор ва оқибат, инчунин байни иштирокчиёни ҳодиса.

Барои тавсифи криминалистии ҷиноятҳое, ки ба вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ ва истифодаи нақлиёт рабт доранд, маълумот дар бораи механизми содиршавии ҷиноят бо иштироки шахсоне, ки воситаи нақлиёти шахсиро идора мекунанд, аҳаммияти калон дорад. Таносуби байни маҳалли содир шудани чунин ҷиноят (80% дар пиёдагард ё гузаргоҳи пиёдагард) ва механизми он (80% бархӯрд бо мошин ё пиёдагард) ба амал меояд.

Ҳамчунин, аҳаммияти тавсифи криминалистии ҷиноятҳои нақлиётӣ ҳам барои илм ва ҳам барои низоми таъмини криминалистии тафтиши онҳо, инчунин барои ташкили роҳҳои асосии таҳқиқи ин ҳодисаҳо, муҳим мебошанд.

Факторҳое, ки сабаби содиршавии садамаҳои нақлиётӣ аз ҷониби ронандагон мешаванд, инҳоянд: худбоварӣ ё худнамоишӣ дар байни мардум, надоштани дониши ҳуқуқӣ ё малакаҳои баланд, истифодаи маводҳои спиртӣ ё маводҳои мадҳушкунанда, ҳавову ҳаваси ноҷо (ахлоқи нодуруст), надоштани собиқаи ронандагӣ, истифодаи воситаҳои нақлиёте, ки ба талабот ҷавобгӯ намебошанд, бе доштани ҳуқуқи ронандагӣ, ё дидаву дониста вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ (манёвр кардан, суръатро баланд кардан, нигоҳ доштани мошин дар ҷойҳои нодуруст, на риоя кардани роҳнамои чароғу аломатҳои шартии роҳ ва ғ.).

### 1.3. Ҳолатҳое, ки дар раванди тафтиши парвандаҳои ҷиноятии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт бояд исбот карда шаванд

Вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ ҳам ҷанбаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва ҳам ҷанбаи ҳуқуқӣ-маъмурӣ доранд. Ин ду соҳаи ҳуқуқ вобаста ба оқибати барои ҷамъият хавфнокии кирдори содиршуда, яъне вайроншавии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва расонидани зарар аз ҳам фарқ мекунанд. Қонунгузории ҷиноятӣ ва қонунгузории

ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ду соҳае мебошанд, ки амалро аз рӯйи қиёс манъ кардаанд. Бинобар ин, барои баҳо додани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ҳамчун ҷиноят бояд тамоми нозукиҳо ва паҳлуҳои асосии ҳодисаи ҷиноят баррасӣ ва муайян карда шаванд. Ҳолатҳое, ки дар ҷиноят бояд муайян карда шаванд, як унсури асосии криминалистика, аниқтараш унсури асосии методик тафтиши ҷиноятҳои алоҳида мебошад. Моддаи 85 КМҶ ҶТ якчанд ҳолатҳоро овардааст, ки бояд исбот карда шаванд, аммо ин ҳолатҳои муқарраршуда ба ҳама ҷиноят дар умум таалluқ доранд. Ҳар як ҷиноят вобаста ба аломатҳои айниятнамоиаш аз ҳам фарқ карда мешаванд. Маҳз аломатҳои айниятнамоӣ ҳастанд, ки як ҷиноят аз ҷинояти дигар вобаста ба бандубасташ фарқгузорӣ карда мешаванд. Дар баробари ҳолатҳои моддаи 85 КМҶ ҶТ муайянкарда боз вайроншавии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ҳолатҳои махсусе ҷой доранд, ки бояд исбот карда шаванд.

Дар илми криминалистика оид ба ин элементи тафтиши ҷиноят ақидаҳои гуногун ҷой дорад. Аммо аз ҳама ақидаи умумиэътирофшуда ин аст, ки «ҳолатҳое, ки дар тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд унсури мустақили методикаи тафтиши ҷиноят мебошад» [54, с. 24-31; 88, с. 752; 52, с. 556; 77, с. 224]. Дар ин тадқиқот мо ба нуқтаи назари Филиппова А.Г., Григорева В.Н., Волинский А.Ф., Ишенко Е.П. ва дигарон розӣ ҳастем, ки тибқи он ҳолатҳои дар тафтиши ҷиноят исботшаванда унсури мустақили сохтории методикаи тафтиши ҷиноят мебошад.

Дар ин асно, Комиссаров В.И. ва Холопов П. хуб қайд кардаанд, ки бо мақсади пурра тафтиши ҳодисаи ҷиноят ҳолатҳое, ки ба предмети исбот дохил намешаванд, бояд муайян карда шаванд [126, с. 10-13]. Ин ақидаро Белкин А.Р. низ дастгирӣ карда, чунин мешуморад, ки «бо мақсади ошкор ва мушаххас кардани ҷиноят ва иҷрои ҳаматарафаи талаботҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳама ҳолатҳо пурра бояд санҷида ва муайян карда шаванд» [107, с. 543]. Мо низ ба ин ақида розӣ ҳастем. Зеро моддаи 85 Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ (минбаъд КМҶ ҶТ) аслан алгоритми муайяни кори муфаттишро муқаррар кардааст, ки бо ҳолатҳои исботшаванда пешакӣ муайян карда мешавад.

Шаталов А.С. низ қайд мекунад, ки номгӯи ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд, ҳадди ақал аст. Дар рафти тафтиши пешакӣ ҳодисаҳои пеш аз ҷиноят руйдода ва бо ҳамроҳии ҷиноятро аниқ кардан лозим аст [99, с. 58].

Нисбат ба ҷиноятҳои баррасишаванда ба муфаттиш (таҳқиқбаранда) зарур аст, ки маводҳои парвандаи ҷиноятиро бодиққат омӯзад, то ҳолатҳои мушаххаси содир намудани ин ҷиноятҳоро муайян намояд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии мо низ нишон дода истодааст, ки нисбат ба намудҳои ҷиноятҳои нақлиётӣ муфаттиш (таҳқиқбаранда) дар муқаррар намудани ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд, ба мушкилӣ дучор мешавад.

Ҳангоми тафтиши пешакии ҳар як парвандаи ҷиноятӣ ҳолатҳое бояд исбот гарданд, ки бо назардошти унсурҳои таркиби ҷиноят дар рафти тафтиши пешакӣ муқаррар карда мешаванд. Масалан ҷиноятҳои дар моддаи 212 (2) КҶ ҶТ (Идора кардани воситаи нақлиёт аз тарафи шахсе, ки ҳуқуқи ронандагӣ надорад ва дар ҳолати мастӣ қарор дорад) пеш аз тафтиши пешакӣ, каме ҳам бошад, таҳқиқи пешакии онҳо ҳатмист.

Дар ҳолате ки тафтиш дар шакли соддакардашуда анҷом дода мешавад, бояд хусусиятҳои талаботҳои дар модда зикршуда ва асоси кофӣ будани онҳо ба назар гирифта шаванд ва чунин ҳолатҳоро муайян кунанд:

а) ҳодисаҳои ҷиноят;

б) хусусият ва андозаи зарари ба ӯ расонидашуда;

в) гунаҳгории шахс дар содир намудани ҷиноят.

Ба ғайр аз ин, муфаттиш ҳангоми интихоби воситаҳои мурофиавии исбот танҳо ҳамон амалҳои тафтиширо анҷом медиҳад, ки иҷро нагардидани онҳо метавонад боиси гум шудани осори ҷиноят ё дигар далелҳо гардад.

Дар ин ҳолат муфаттиш бо назардошти ҳолатҳои мушаххаси парвандаи ҷиноятӣ ҳуқуқ дорад:

1) далелҳоро тафтиш накунад, агар аз ҷониби гумонбаршуда, ҳимоятгар, ҷабрдида ё намояндаи ӯ ягон шикоят ҷой надошта бошад;

2) шахсонеро, ки ҳангоми тафтиши ҳодисаи ҷиноят аз онҳо маълумот (баёнот) гирифта шудааст;

2) аз рӯйи саволҳое, ки ҷавобашон дар хулосаи мутахассис аз рӯй натиҷаҳои тадқиқот, ки ҳангоми тафтиши хабари ҷиноят гузаронида шудааст, экспертизаи судӣ таъйин накунад, ба истисноі ҳолатҳои зерин:

а) зарурати муқаррар намудани ҳолатҳои иловагии тафтишӣ, ки барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятноканд, ҷой дошта бошад;

б) зарурати тафтиши хулосаи мутахассис, ки эътимоднокии он зери шубҳаи гумонбаршуда, ҳимоятгар, ҷабрдида ё намояндаи ӯ қарор гирифтааст, ҷой дошта бошад;

в) мавҷудияти ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 209 КМҶ ҶТ, ки асосҳои таъйини ҳатмии экспертизаи судиро муайян мекунад;

2) дигар амалҳои тафтишӣ ва мурофиавиро, ки ба муқаррар намудани ҳолатҳои воқеии ҳодисаи ҷиноят нигаронида шудааст, нагузаронад, агар маълумот дар бораи онҳо дар маводи тафтиши хабари ҷиноят ҷой дошта бошад ва ин маълумот ба ҳайси далели шайъӣ баромад кунад.

Ҳамин тавр, ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд, инҳоянд: шахс дар ҳолати мастӣ қарор дошт ё на?; иҷозатномаи махсус (шаҳодатномаи ронандагӣ) оид ба идораи воситаи нақлиёт дорад ё на?; нисбати ронанда ҷазои маъмурӣ татбиқ шуда буд ё на, агар татбиқ шуда бошад, муҳлати он нагузаштааст?; ронанда оё аз муоинаи тиббӣ гузаштааст ва маълумотномаи тиббӣ дошт ё не?; воситаи нақлиёт бо рақами қайди давлатии дахлдошта ё бегона, рақами қалбакӣ ва ё рақамҳои қалбакии қайди воситаи нақлиёт тайёркардашуда истифода шудааст ё не?; дигар ҳолатҳое, ки моддаҳои 212-212 (2) КҶ ҶТ муқаррар мекунад ҷой дорад ё на?.

Ҳангоми муайян кардани муҳлати содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ бояд ба назар гирифта шавад, ки шахсе, ки барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҷазои маъмурӣ кашида шудааст, аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани қарор дар бораи ҷазои маъмурӣ то ба охир расидани як сол аз рӯзи ба охир расидани иҷрои ҳамин қарор таҳти ҳамин ҷазо дониста мешавад. Илова

бар ин, бекор кардан ё беэътибор донистани доғи судӣ ҳама оқибатҳои ҳуқуқии марбут ба онро бекор мекунад.

Ҳангоми исботи гуноҳи шахс (шакли гуноҳ ва ангезаи он) дар содир намудани ҷиноят бояд иштироки шахс дар содир намудани кирдори ҷиноятӣ, яъне бевосита содир намудани он аз ҷониби ин шахс ва дарк кардани барои ҷамъият хавфнокии кирдораш мебошад.

«Ҳангоми муайян кардани ҳолатҳое, ки шахсияти гумонбаршавандаро тавсиф мекунанд, инчунин мавҷудияти беморӣ, ҳолати равонӣ (психикӣ-алкоголӣ, ҳолати потологӣ ва ғ.) ё дигар ҳолатҳои рӯҳии дардовар (ҳолатҳои ваҳми баланд, ки дар натиҷаи сироят ба вуҷуд омадаанд ё ҷароҳат), майзадагӣ ё нашъамандӣ ва ғайра) низ зарур аст. Гурӯҳи ҳолатҳои охирин овардашуда ҳатто имкон медиҳад, ки масъалаи мукаллаф ё номукаллаф будани шахси ҷиноятсодиркарда ҳал карда шавад. Шахсоне, ки дар ҳолати номукаллафӣ ҷиноятро содир мекунанд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Суд метавонад нисбати чунин шахсон чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тиббӣ таъйин намояд (моддаҳои 96-103 ККҶ ҶТ)» [4].

Ғайр аз ин бояд ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд, ҳолатҳои сабуккунанда, инчунин асосҳои озод кардан аз ҷавобгарӣ ё ҷазоро низ бояд муайян кард.

Масалан шаҳрванд Д., ки барои ҷамъият хавфнокии кирдори худ, яъне қасдан вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳро дарк мекард, аз ҷониби командони БДА боздошт шудааст. Дар натиҷа кирдорҳои дар м. 332 КҶМ ҶТ-ро вайрон кардааст.

Ғайр аз ин муқаррар карда шуд, ки шаҳрванд Д. бо қарори суди н. Синои ш. Душанбе дар бораи ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан, дар содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, яъне дар ҳолати мастӣ идора кардани воситаи нақлиёт гунаҳкор дониста шуда, ба ӯ ҷарима, инчунин маҳрум кардан аз ҳуқуқи идора кардани воситаи нақлиёт таъин карда шуд. Қарор эътибори қонунӣ пайдо карда буд ва шаҳрванд Д. шикоят накард. Зеро ин ҷо ҷиноят ҷой надошт.

Муқаррароти м.85 КМҶ ҶТ бошад, пешбинӣ кардааст, ки ҳангоми тафтиши пешакии ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиёт муфаттиш бояд чунин ҳолатҳоро муайян кунад:

1. Ҳодисаи ҷиноят (вақт, ҷой, тарз, ва дигар ҳолатҳои содир намудани ҷиноят);

Ҳар як ҳодисаи ҷиноят дар ҷой ва дар вақти муайян, бо тарзи махсуси худ ва дигар ҳолатҳои содиршавӣ ба амал меояд.

Ҳангоми баррасишавии ҳодисаи ҷиноят бояд муқаррар карда шавад, ки худи садама вуҷуд дошт, ё не, ки бо он шомил мешавад;

● Аз ҷониби шахсе, ки бори аввал вайрон кардани қойдаҳои ҳаракат дар роҳро ба ҷазои маъмури ҷалб шуда буд ё не;

• вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ;

• вайрон кардани қоидаҳое, ки кори бехатариро таъмин мекунанд.

Ғайр аз ин муайян кардан лозим аст, ки ҷиноят чӣ тавр содир шудааст. Бояд иброз дошт, ки ҳодисаҳои нохуши нақлиётӣ бо сабабҳои гуногун ба вуҷуд меоянд; ба ҳам бархурди воситаҳои нақлиёт; чарх задани воситаи нақлиётҳо дар гардиш; бархурд бо нақлиёти дар рӯйи роҳ қарордошта; пахш кардани шахсони пиёдагард; бархӯрдан ва монеаҳое, ки дар сари роҳ ё атрофи он мавҷуд мебошанд; бархӯрдан бо воситаҳои нақлиёти дучарха; афтодани мусофирон; дигар хел ҳодисаҳо (масалан, бархӯрд бо корманди БДА ё дигар кормандони роҳ, бархӯрдан бо кӯдаки дар аробачабуда ва ғайра).

Хусусияти ин намуди ҷиноятҳо дар он мебошад, ки макони содиршавиашон шаҳрҳо, марказҳои ноҳияҳо ҷойҳои сераҳолӣ (бозорҳо, масҷидҳо, марказҳои дилхушӣ роҳҳои назди биноҳои истиқоматӣ ва одамгузар, ки кӯдакони зиёд бозӣ мекунад) роҳҳои байнишаҳрӣ ва байниноҳиявӣ, роҳҳои байналмилалӣ, роҳҳои болоикуҳӣ, ки хатари зиёд доранд ва ғайраҳо мебошанд.

Тавре, ки Никитас Д. қайд мекунад, «ҷойи ҷиноят дар шакли конкретӣ роҳҳо мебошанд. Роҳҳо гуфта олим роҳҳои мошингард ва атрофи наздики онро

дар назар дорад» [140, с. 34-37]. Яъне олим ҳам қисмати роҳе ки таъиноташ танҳо барои воситаҳои нақлиёт аст ва ҳам қисмате, ки таъиноташ ба пиёдагардӣ, истгоҳҳо, роҳравҳои дучархаҳо ва ғайраҳоро дар назар дорад.

Дар маҷмуъ нишонаҳои фаркунандаи ҷойи ҳодиса ба мо имкон медиҳад, ки чунин ҳолатҳоро муайян намоем;

– Ҳолати ҳаракати нақлиёт (манзараҳои роҳ бо қитаҳои рост, гардишҳои радиусашон тағирёбанда, нишебиҳову баландиҳо, фарохӣ, печутоби роҳ, дараҷаи намоёнӣ ва вазъи обу ҳаво ва ғайра);

– Танзими дарҷаи ҳаракати роҳ (нишонаҳо, аломатҳо, таҷҳизоти махсус, чароғаки ро ва ғ.) ва назорат аз болои иштирокчиёни он (системаи назоратии камеравӣ);

– Ҷойгиршавии пиёдагардон, монеаҳои мавҷудбуда ва хусусиятҳои муҳим (масалан аз қабили роҳи оҳан) ва ғ.

14-уми августи соли гузашта дар шаҳри Душанбе шаҳрванд К. даруни воситаи нақлиёт бо се нафар мусофир буданд. Шаҳрванд К, мошинро дар ҳолати камбудии техникӣ идора мекард, ҳангоми манъ кардани чароғаки роҳ, ҳангоми гузаштанаш аз роҳи оҳан, бо қатора бархӯрд. Дар натиҷа қойдаи ҳаракати роҳ тарафи шаҳрванд К., вайрон шуд. Аз беэҳтиётӣ ду нафар мусофир ҷароҳат бардошта, як нафари дигар ба ҳалокат расидааст. Дар охир нисбати шаҳрванд К., бо моддаҳои 212 қисми 3 парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардид [200].

Натиҷаи тадқиқот ба мо нишон дод, ки аксаран ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ дар шаҳрҳои калон (ш.Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Ваҳдат, Ҳисор, Истаравшан ва ғ.) ва дар роҳҳои калони байнишаҳрӣ инчунин дигар минтақаҳои сераҳолӣ содир мешаванд. Ин ба он вобаста аст, ки ҳаракати воситаҳои нақлиётӣ ва суръати баланди онҳо дар ин минтақаҳо зиёд дида мешавад.

Унсури дигар ин вақти содир шудани ҷиноят мебошад. Ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо вақт ва пайдарҳамии амали ҳар як иштирокчӣ муайян карда мешавад. Ин ҳолат барои муайян кардани лаҳзаи дар минтақаи хавфнок будани воситаи нақлиёт,

пиёдагард ё дигар иштирокчии садама, инчунин муқаррар кардан дидан аз ҷойи кори ронанда ёрӣ мерасонад. Вақти содир намудани ин ҷиноятҳоро ба вақти рӯз, ҳафта ва вақти сол тақсим кардан мумкин аст.

Дар рафти тадқиқот ва омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ маълум гардид, ки шумораи бештари фалокат дар соатҳои пурҷушу хуруши нақлиёт дар шаҳрҳо – аз соати 6 то 12 рӯз (то 18 %) ва аз соати 18 то 24 бегоҳӣ – 42% рух медиҳанд Дар роҳҳои байнишаҳрӣ садамаҳо дар қисмати бегоҳи рӯз рух медиҳанд, аммо ин ҳолат аксаран аз хастагии ронандагон, худбоварӣ, суръати баланди воситаҳои нақлиёт, ба талабот ҷавобгӯ набудани воситаҳои нақлиёт ба амал меоянд.

Зимнан, бояд гуфт, ки фасли сол низ ба садамаҳои нақлиётӣ таъсир мерасонад. Таҳлили амалияи тафтишотӣ ва судӣ нишон дод, ки дар 45 фоизи чунин ҷиноятҳо дар моҳҳои ноябр – март бинобар сардии ҳаво, барфпӯш ё яхпӯш будани роҳҳо содир карда мешаванд. Дар баробари ин маълум гардид, ки дар фасли тобистон шумораи садамаҳои нақлиётӣ дар роҳҳои байнишаҳрӣ зиёд ба назар мерасад.

Дуруст муайян намудани вақти содир кардани ин ҷиноятҳо ба кор карда баромадани тадбирҳои пешгирикунанда дар давраи хавфноктарин, содир намудани ҳодисаи нохуш мусоидат мекунад.

Унсури дигаре, ки бояд исбот шавад, вазъияти содиршавии ҷиноят дар ҷойи ҳодиса мебошад. Ба муфаттиш ё пурсишкунанда лозим аст, ки намуд ва ҳолати сатҳи роҳ, паҳнои роҳ, шакли он, намуд ва шароити метеорологии роҳро муайян намояд. Ғайр аз ин, мавҷуд будани канори роҳҳо, пиёдагардҳо, майдончаҳои таваққуфгоҳ, нишонаҳои роҳ, гузаргоҳи пиёдагардҳо, истгоҳҳои нақлиёти ҷамъиятӣ ва ҷузъиёт бояд муайян карда шавад.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи ғайриқаноатбахш нигоҳ доштан ва номувофиқ тартиб додани роҳҳо 34%-и ҷиноятҳои баррасишаванда содир шудааст.

Дар баробари вазъият ҳолати техникии мошинҳо низ аҳаммият дорад. Таҷрибаи тафтишотӣ нишон медиҳад, ки шумораи ҳодисаҳое, ки сабаби ба

амал омадани фалокат вайроншавии нақлиёти автомобилӣ мебошад, 28%-ро ташкил медихад.

2. ***Гунаҳгории шахс дар содир намудани ҷиноят, шакли гуноҳ ва мақсадҳои ӯ.***

Ҳангоми исботи ин ҳолат мавҷудияти гунаҳкорӣ дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ, инчунин иштироки шахс дар содир намудани кирдори ҷиноятӣ муқаррар карда мешавад. Муқаррароти қонунгузор содир шудани ин ҷиноятҳоро дар ду шакли гуноҳ, яъне ҳам қасд ва ҳам беэҳтиётӣ пешбинӣ мекунад. Худи вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ҳам дар шакли қасд ва ҳам беэҳтиётӣ ҷой дорад, вале расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатӣ танҳо дар шакли беэҳтиётӣ дида мешавад. Ин муқаррарот дар диспозитсияи м.212 КҶ ҶТ пурра дида мешавад. Аммо моддаҳои 212 (1) ва 212 (2) КҶ ҶТ гуноҳро танҳо дар шакли қасд, аниқтараш қасди бевосита пешбинӣ мекунад. Дар байни ин ҷиноятҳо дараҷаи барои ҷамъият хавфнокӣ ва гуноҳи вазнинтар бештар дар моддаи 212 КҶ ҶТ дида мешавад. Зеро зарари ин ҷиноят ба ҳаёт ва саломатӣ инсон равона шудааст. Ғайр аз ин моддаҳои 212 (1) ва 212 (2) ҷазои ҷиноятиро танҳо пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ бо дарназардошти нагузаштани мӯҳлати ҷавобгарии маъмурӣ муайян мекунанд.

Аз ин рӯ, дар тафтиши ин намуди ҷиноятҳо ва баҳо додани гуноҳи ронанда муфаттишонро зарур аст, ки дар вақти тафтишот ҷой доштани расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии инсон диққати муҳим диҳанд.

**3. Муқаррар намудани робитаи сабабӣ байни кирдор ва оқибатҳои бавуҷудомада.**

Тадқиқоти гузаронидашуда ба мо имкон медиҳад, ки ба ақидаи олим Жулев В.И., дар хусуси он, ки «на ҳар як ҳодисаи нақлиётиро бояд ҷиноят эътироф кард» розӣ шавем. Мафҳуми ҷиноятҳо муқобили вайроншавии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи нақлиёт нисбат ба ҷиноятҳои дар моддаҳои 211-219 КҶ ҶТ пешбинишуда хеле васеътар аст. Аз ин рӯ, муқаррар намудани робитаи сабабӣ байни ҳодисаи вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, ки дар КҶ ҶТ нишон дода шудаанд,

яке аз масъалаҳои асосӣ мебошад.

Мафҳуми алоқамандӣ сабаби ду ҷузъро дар бар мегирад :

«а) Асоси рӯй додани бархӯрд ба пиёдагард ва зарар расонидан ба саломатии ӯ;

б) ҳолати зарурие, ки сабабгори имконияти бархӯрд бо пиёдагард ва расонидани зарар ба саломатии ӯро ба вуҷуд овардааст» [129, с. 26-27].

Чӣ тавре, ки олим Зотов Б.Л. ишора мекунад, ки «барои сохтани робитаи сабабӣ дар ҷиноятҳои вобаста ба вайроншавии қоидаҳои ҳаракати роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиёти инҳоро бояд муайян кард;

а) оё ронанда дорои имкониятҳои техникии пешгирии оқибатҳо буд ё не;

б) асосҳои истифода набурдани имкониятҳои техникӣ аз тарафи ронанада дар чӣ буд;

в) имконияти дидаю дониста ба вуҷуд овардани чунин вазъият дар рафтори ӯ ҷой дорад ё не» [33, с. 175].

Дар баррасии масъалаи қобилият оид ба имконияти техникии пешгирӣ садама, муҳим аст, ки лаҳзаи пайдоиша хатар барои ҳаракат дар ҳар як ҳолати алоҳида, бо назардошти шароити роҳи пеш аз садама ба инобат гирифта шавад. Хатари вайронкунии қойдаҳои ҳаракат бояд дар он лаҳзае ба миён ояд, ки ронанда имконияти объективии ошкор кардани онро дошт.

Масалан, ҳангоми баррасии парванда аз ҷониби суди ноҳияи И. Сомонӣ суд дуруст муайян кард, ки сабаби ба амал омадани садамаи нақлиёт ронанда Б. дар назди монеаи баръало намоён пурра истод, ба бархӯрд имкон медиҳад, ки боиси марги худ ва мусофираш гардид. Дар байни вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат аз тарафи ронанда Б. ва оқибатҳои баамаломада алоқаи сабабӣ мавҷуд аст [199].

Ҳамин тариқ, дар ин ҳолат робитаи сабабӣ байни амали ронанда, мусофир, пиёдагард ё дигар иштирокчии ҳаракат ва оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок ба вуҷуд меояд. Алоқаи сабабӣ дар ҷиноятҳои нақлиёт бояд дар ҳолатҳое муқаррар карда шавад, ки қоидаҳои ҳаракати роҳ пеш аз фарорасии натиҷа зараровар буда, бевосита боиси ба вуҷуд омадани он гардида бошад ё

имконияти воқеии ба амал омадани онро ба вуҷуд оварда бошад ё чунин имкониятро ба воқеият табдил диҳад.

4. Ҳолатҳое, ки будани шахсияти айдоршавандаро маълум мекунад. Дар ин радиф бояд инҳоро муайян кард.

а) Ҳолатҳои иҷтимоӣ-демографии шахс (насаб, ном ва номи падар, ҷинс ҷойи сукунат, сину сол, вазъи ойлавӣ, касб, маълумот ва ғ.);

б) вазъи иҷтимоӣ-ҳуқуқии шахс (шаҳрвандӣ, ҷойи кор, мукофотҳои давлатӣ, унвонҳо, мансаб, мавҷудияти дахлнопазирии мансабӣ ва ғ.);

в) ҳолатҳое, ки шахсро чун узви ҷамъият тавсиф мекунанд (мавҷудияти шахсони вобаста, рафтор дар хона, дар кор, муносибат ба меъёрҳои ахлоқӣ ва ғайра);

г) аломатҳои ҷисмонӣ ва психофизиологии шахс (мавҷуд будани бемориҳо, ҳолати равонӣ ё дигар ҳолатҳои дардноки равонӣ, майзадагӣ ё нашъамандӣ ва ғайра).

Ин ҳолат (банди г) имкон медиҳад, ки масъалаи мукаллаф ё номукаллаф будани шахс (шахсе, ки кирдори бо қонуни ҷиноятӣ манъшударо содир кардааст) ҳал карда шавад.

Бояд дар назар дошт, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ мутобиқи моддаи 212 КҶ ҶТ танҳо ба шахсе вобаста аст, ки воситаи нақлиётро идора мекунад. Масалан, суди н. Синои ш. Душанбе шаҳрванд Б., ки тибқи қисми 2 моддаи мазкур маҳкум шудааст, бо хоҳиши ронанда В. барои гарм кардани воситаи нақлиёт калиди оташгирандаро тоб дод. Воситаи нақлиётро сахт лагад зада, пушташро ба девор пахш карда, ақиб рафт. Шаҳрванд Б.  аз ҷароҳатҳои гирифтааш ҳалок гардид. Дар паси чанбарак шаҳрванд Б. нанишаста, ягон манёвр накард. Ба ибораи дигар, вай мошинро идора намекард. Дар ин ҳолат, ҳукм тағйир дода шуда, амали ҷинояткорро мутобиқи қисми 1 моддаи 108 КҶ ҶТ аз нав бандубаст карданд [63, с. 569].

Дар ин хусус, муҳим аст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қойдаҳои бехатарии нақлиёт, тибқи модаи 216 КҶ ҶТ, ба мусофирон, пиёдагардон ва дигар иштирокчиёни роҳ дахл дорад. Илова бар ин, шахсе, ки

дар ҳолати мастӣ воситаи нақлиётро идора мекунад, ҷазои маъмурӣ гирифтааст, ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Дар ин асно олим Ведерников Н.Т. хуб қайд мекунад, ки тибқи он «дар содир шудани садамаҳои нақлиётӣ зарур аст, ки дар бораи шахсияти гумонбаршуда (айбдоршаванда) ва татбиқи принсипи фардикунонии ҷазо дар ӯ бояд маълумот ҷамъоварӣ карда шавад» [19, с. 116]. Ақидаи олим бисёр ҷолиб аст. Зеро садамаҳои нақлиётӣ бе айби ронандагон низ ба вуҷуд омаданаш мумкин аст. Фарҳанги ҳуқуқию ахлоқии пиёдагардон низ имрӯзҳо начандон хуб ба назар мерасад.

Аммо бояд гуфт, ки натиҷаи парвандаҳои ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки аксар вақт мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ба омӯзиши шахсияти гумонбаршудагон эътибори зарурӣ намедиҳанд. Ин воқеият бо чунин фактҳо шаҳодат медиҳад, ки дар аксар парвандаҳои ҷиноятие, мо таҳлил кардем, дар мавриди як гумонбаршуда (айбдоршаванда) танҳо як тавсифнома дида мешавад.

Аксар вақт, ҳатто ин ҳолатҳо хусусияти расмӣ доранд. Ғайр аз ин мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар аксари ҳолатҳо, ки бо айби дигар иштирокчиёни ҳаракат дар роҳҳо содир мешаванд, гунаҳгор танҳо ронандагонро медонанд. Яъне шахсияти ҳар як иштирокчии садамаи нақлиётиро дуруст баҳогузорӣ намекунанд.

Миқдори нисбатан зиёди ноболиғон ва нафарони аз синни 50-сола болоро дарҷ кардан мункин аст. Равшан аст, ки ба системаи танзимкунандаи давлатии ягонаи иҷозат додан, ки ба идораи воситаи нақлиёт аз ҷониби шаҳрвандон вобаста аст.

Шаҳрвандон бояд пас аз хондани курси кутоҳмуддат ба супоридани имтиҳон ва гузаштан аз муоинаи тиббӣ иҷозати ронандагӣ дода шаванд.

Дар байни характери маънавии ронандагон ва шумораи садамаҳои содиркардаи онҳо алоқаи бевосита муқаррар карда шудааст. Аз ин рӯ, тарбияи ахлоқии ронандагон барои бехтар намудани бехатарии ҳаракат махсусан муҳим аст [140, с. 34-37].

Бояд қайд кард, ки ин таҳлил шояд ба ҷомеаи Федератсияи Россия тааллуқ дошта бошад. Аммо имрӯзҳо дар Тоҷикистон дар садамаҳои нақлиётӣ байни оиладорон ё муҷаррадҳо қариб, ки фарқият дида намешавад. Шумораи камтарини садамаҳои нақлиётиро он ҳодисаҳое дар ҷомеаи мо ташкил медиҳанд, ки ронандагони воситаҳои нақлиётӣ шахсони солхӯрда (аз 50-сола боло) мебошанд.

Олимони дигар Ратинов А.Р. ва Жулев В.И. дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққкунанда ба он ишора доранд, ки «категорияҳои гуногуни ҷинояткорон, маҳз шахсоне, ки аз беэҳтиётӣ ин кирдорҳоро содир мекунанд, бо ҳолатҳои хатарнок сатҳи баланди беэътиноӣ ба ҳаёт ва саломатии одамони дигарро нишон доданд, ки дараҷаи ба одамкушони қасдан монанд аст» [78, с. 31].

Ба ин категорияи ронандагон олимон аслан ронандагонеро дохил мекунанд, ки дар ҳолати мастӣ, худнамоишӣ ва ё ҳавобаландӣ ин кирдорҳоро содир мекунанд. Аз рӯйи сатҳи маълумот чунин қонуниятҳоро мушоҳида кардан мумкин аст: ҳар қадар сатҳи маълумот паст бошад, ҳамон қадар таносуби ҷиноятҳои нақлиётӣ ва вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо, хусусан дар ҳолатҳои мастӣ идора кардани воситаи нақлиёт зиёд мешавад.

Жулев В.И. пурсиши сотсиологиро дар миёни ҷинояткорони зиёда аз 40 давлат гузаронидааст. Ба ақидаи ин олим «онҳое, ки барои ҷиноятҳои нақлиётӣ маҳкум шудаанд, бо чунин хислатҳои ахлоқию равонӣ, аз қабили беэҳтиётӣ, сабукфикрӣ, беэҳтиётӣ (64%), эътимод ба худ (94%), баҳо дода натавонистани вазъият (43%) хосанд» [31, с. 118].

Тибқи андешаҳои Иванова В.В., «шахсоне, ки дар содир кардани ҷиноятҳои марбут ба нақлиёт даст доранд, дорои хусусиятҳои шахспарастӣ мебошанд. Иштироки онҳо дар чунин рафторҳо бештар ба беэҳтиётӣ, худпарастӣ ва бедиққатӣ рабт дода мешавад. Ин ҷанбаҳои манфии хусусиятҳои шахсӣ, махсусан дар таҳлили рафтори ҷинояткорон пас аз рӯй додани фалокатҳо, ба таври равшан намоён мегарданд. Чунин амали онҳо як навъи талош барои канорагирӣ аз масъулияти ҳуқуқӣ, нодида гирифтани қоидаҳои

муқарраршудаи рафтор ва беэътиноӣ нисбат ба меъёрҳои умумиқабулшудаи ахлоқиро таҷассум мекунад» [159, с. 144].

Омӯзиши 150 парвандаи ҷиноятӣ дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон нишон дод, ки дар 18% ҳолатҳо ронандагон аз ҷойи ҳодисаҳои нақлиётӣ фирор карда, дар 27% онҳо омили нест кардани осори ҷиноят (таъмир ва ранг кардани мошин), дар 56% пешниҳоди маълумоти бардурӯғ ҷой дорад.

Ба маводе, ки дар бораи шахсияти гумонбаршуда (айбдоршаванда) маълумот доранд, ба ғайр аз хусусиятҳое, ки муфаттиш, пурсишкунанда аз ҷойи кор, тахсил, ҷойи истиқомат талаб кардаанд, инчунин инҳоро дар бар мегиранд:

– протоколҳо дар бораи аз идораи воситаи наклиёт хориҷ кардан;

– қарор дар бораи оғоз намудани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва гузаронидани амалҳои мурофиавӣ-маъмурӣ (масалан, гузаронидани экспертиза ҳангоми мавҷуд будани асос барои бовар кардан дар ҳолати мастии нашъамандӣ);

• санад дар бораи ҳолати мастӣ. Ба истиснои ҳолатҳое, ки нисбати шахс шаҳодаткунонӣ гузаронида мешавад;

• протокол дар бораи роҳхат ба муоинаи тиббии ҳолати мастӣ (дар сурати зарурати фиристодани шахс ба муоинаи тиббӣ тартиб дода мешавад);

• хулосаи эксперт оид ба ҳолати мастии шахс (дар холати муоинаи тиббӣ);

• протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ;

• нусхаи ҳукмҳои нисбат ба шахс дар бойгонии судӣ ҷой доранд талаб карда мешавад (агар шахс пеш ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб шуда бошад);

• маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ аз муассисаҳои наркологӣ, психоневрологӣ ва дигар муассисаҳои тиббӣ;

• дигар ҳуҷҷатҳое, ки аз дигар муассисаҳо ё мақомоти дахлдор талаб карда мешаванд.

***5) Хусусият ва андозаи зарари дар натиҷаи содиршавии ҷиноят расонидашуда.*** Мувофиқи моддаи 177 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳқиқбаранда ё муфаттиш вазифадор аст тадбирҳо

андешад, то молу мулки гумонбаршаванда (айбдоршаванда) ё шахсоне, ки барои зараре, ки аз ҷониби гумонбаршаванда (айбдоршаванда) расонида шудааст, масъуланд, муайян карда шавад. Ин чораҳо ба таъмини ҷуброни арзиши зарари молумулкии расонидашуда, инчунин ҳабси амволи мазкур равона мешаванд.

Илова ба ҳолатҳое, ки бояд исбот ва муайян карда шаванд (моддаи 85 КМҶ ҶТ), дар парвандаҳои ҷиноятӣ, хусусан дар ҷиноятҳои нақлиётӣ асосҳои боби 3 КМҶ ҶТ (Асосҳои рад ва қатъ намудани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ) яъне ҳолатҳое, ки ҷиноят ва ҷазо нисбат ба кирдорро истисно мекунанд, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо, ки метавонад шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо озод карда шавад (яъне ба дараҷа ва хусусияти ҷавобгарии гунаҳкорон таъсир расонад), ба назар гирифта шавад.

Бояд гуфт, ки муфаттиш ҳангоми ҷамъоварии далелҳо уҳдадор аст танҳо ҳолатҳои дар моддаи 62 КҶ ҶТ зикршударо ҳамчун ҳолатҳои вазнинкунанда пешбинӣ намояд. Илова бар ин, ҳангоми исботи ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо муфаттиш ҳуқуқ дорад, ба истиснои муқаррароти дар м.61 КҶ ҶТ пешбинишуда дигар ҳолатҳоро низ чун ҳолати сабуккунанда нишон диҳад.

Мутобиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, дар рафти тафтишот мақомоти тафтиш ё таҳқиқ вазифадоранд сабабҳо ва шароитеро, ки ба содир кардани ҷиноят мусоидат кардаанд, муайян кунанд. Дар асоси маълумоти умумие, ки дар рафти таҳқиқот ба даст оварда шудаанд, гурӯҳҳои зерини сабабу шароитеро, ки ба содир намудани ҷиноятҳои ҳаракат дар роҳҳо мусоидат мекунанд, муайян кардан мумкин аст.

1. Ҳолати номувофиқ будани роҳҳо, купрукҳо, гузаргоҳҳои роҳи оҳан ва ғ. қоидаҳои бинокорӣ, стандартҳо ё аломатҳои роҳ ва дигар санадҳои меъёрӣ.

2. Истифодаи воситаҳои нақлиётии ба талабот ҷавобгӯнабуда.

3. Беэҳтиётӣ, парешонӣ ё беандешагии ҷабрдида.

4. Ҳолати мастии ҷабрдида ё ронанда.

5. Боварии қатъӣ доштани ронанда дар роҳ ва беҷазо мондани кирдор.

6. Камбудиҳои ташкили меҳнат ва истироҳати ронандагон.

7. Назорати нокифоя ба ҳолат ва истифодабарии воситаҳои наклиёт.

Албатта, номгӯи шартҳое, ки мо овардаем, мукаммал нест, зеро ҳар як ходисаи ҷиноят хусусияти фардӣ дорад. Мо кӯшиш кардем, ки танҳо номгӯи шартҳои хоси содир кардани навъи ҷинояти мавриди назарро баён кунем.

Тавре ки олимон Лебедева В.М., Божева В.П. мегӯянд «қонунгузор ба ғайр аз маҳал, вақт ва тарзи содир намудани ҷиноят барои исботи дигар ҳолатҳое, ки таркиби ҳодисаи ҷиноятро ташкил медиҳанд, муқаррар менамояд. Онҳо метавонанд ба хусусияти кирдорҳои ҷиноятӣ, амалҳои минбаъда барои пинҳон кардани осори ҷиноят, яъне ба тамоми маҷмуи ҳолатҳое дахл доранд, ки барои ҷамъият хавфнокӣ ва оқибати онро муайян мекунанд» [64, с. 243].

Аз ин лиҳоз, ба ҳолатҳои дигаре, ки бояд ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат дар роҳ муайян ва исбот карда шаванд, инчунин бояд ҳолатҳое, ки шахсияти ҷабрдидаро тавсиф мекунанд, дохил карда шаванд.

Масалан дар асоси қарори муфаттиши ШТ ШВКД дар ш. Ваҳдат парвандаи ҷиноятӣ бо моддаи 212 қисми 2 КҶ ҶТ оғоз гардид. Аз ин маълум гардид, ки «шаҳрванд М. дар роҳ пиёдгард В-ро пахш мекунад. Дар мурофиаи судӣ суд нишон дод, ки ҷабрдида В. аз чорроҳаи чароғаки мамнуъ гузашта, аз паси автобусе, ки дар хатти чап қарор дошт, рост дар назди воситаи нақлиёти шаҳрванд М.  баромад. Мувофиқи хулосаи экспертизаи техникии автомобилӣ ронанда дар вазъияти ҳаракат, ҷабрдида В. маҷруҳ шуд, ки имкони техникӣ барои пешгирии бархӯрд вуҷуд надошт» [205]. Аз ин маълум гардид, ки ҷабрдида-пиёдагард, қоидаҳоие, ки кори бехатариро вайрон мекунад, вайрон кардааст. Яъне садамаи нақлиётӣ бо айби ҷабрдида рух додааст. Чунон ки Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ дар банди 12 муайян мекунад, ҳангоми таъини ҷазо суд бояд гуноҳи ҳар як иштирокчии роҳро пурра ба назар гирифта, ҷазоро таъин кунад [196].

Дар натиҷаи таҳқиқи зербоби мазкур дар парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳои муқобили бехатарии ҳаракат дар роҳ ҳолатҳое, ки дар м. 85 КМҶ ҶТ оварда шудаанд, ва бояд исбот карда шаванд нокофӣ мебошанд. Яъне исбот кардани ҳолати техникии воситаи нақлиёт ва хусусияти нақши ҷабрдида дар

вайроншавии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ба тафтиши ин ҷиноятҳо зарур мебошад. Аз ин бармеояд, ки ҳар як ҷиноят дар раванди тафтиш ғайр аз асосҳои умумии исбот (м.85 КМҶ ҶТ) хусусиятҳои хоссаи худро доро мебошанд.

# БОБИ 2. АСОСҲОИ ТАШКИЛИ ВА БАНАҚШАГИРИИ ТАФТИШИИ ҶИНОЯТИ ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОИДАҲОИ ҲАРАКАТИ РОҲ ВА ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

## 2.1. Хусусиятҳои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва ташкили тафтиши ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт

Масъалаи марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ солҳои тулонӣ аст, ки мавриди баҳсу мунозираи олимони соҳаи криминалистика қарор гирифта, пайваста дар асарҳои илмии онҳо таҳти таваҷҷуҳи хоса қарор дода мешавад. Муддати хеле кутоҳ аз лаҳзаи хабар додани ҷиноят ва то қабули қарори мурофиавӣ аз рӯйи хабари дастрасшуда тақдири минбаъдаи тафтиши ҷиноятиро муайян мекунад. Ҳадафи марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ санҷиши маълумот дар бораи кирдори ғайриқонунӣ ва аз ҷониби шахси салоҳиятдори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муайян кардани мавҷуд будан ё набудани ҳодисаи ҷиноятӣ ва таркиби ҷиноят дар амалҳои ашхоси алоҳида ва қабули қарори дахлдори мурофиавӣ мебошад.

Марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ аз чунин пайдарҳамӣ иборат аст: воридшавии маълумот ва қабули он. Маҳз дар ин марҳила мавҷуд будан ё набудани асосҳо барои кушодани парвандаи ҷиноятӣ муайян шуда, ошкор, бақайдгирӣ ва мусодираи пайҳои ҷиноят, ки баъдан мақоми далелро мегиранд, таъмин карда мешавад. Бо вуҷуди зоҳиран сода будан, ин марҳила дар мурофиаи ҷиноятӣ зуд шакл нагирифта, гузашта аз ин, то ба имрӯз баҳсҳои зиёдеро ба вуҷуд овардааст. Мо бо мавқеи он донишмандони самти мурофиаи ҷиноятӣ розӣ ҳастем, ки мегӯянд, «марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ ва марҳилаи тафтишоти пешакӣ, ки марҳилаҳои пешазсудии мурофиаи ҷиноятӣ мебошанд, бояд мурофиаи пешакӣ номида шавад» [93, с. 752].

Аз ҷониби бисёре аз олимони соҳавӣ проблемаҳо вобаста ба марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат дар

роҳ ва истифодаи воситаи нақлиёт мавриди таҳлилҳои илмӣ қарор дода шудаанд.

Ба назари Ваколатдор, адолати судиро адолатнок шумурдан мумкин нест, агар дар рафти он ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҳамаи иштирокчиёни мурофиа, пеш аз ҳама ҷабрдидагони ҷиноят таъмин нашуда бошанд [185].

Самаранокии фаъолияти мақомоти таҳқиқу тафтиши пешакӣ дар марҳилаи ибтидоии таҳқиқоти ҷиноятӣ дар он ҳолат муваффақ арзёбӣ мегардад, ки ҷиноят бомаҳал ошкор шуда, шахси масъул барои содир намудани он муайян ва ба ҷавобгарӣ кашида шавад. Ҳамзамон, мурофиаи судӣ дар доираи ин парвандаи ҷиноятӣ бояд бо риояи пурраи принсипҳои муқарраркардаи қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ баргузор гардад.

Ба андешаи Биков В., «марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ яке аз марҳилаҳои зарурӣ барои тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, ин марҳила ҷиҳати қабули қарори асосноки мурофиавӣ хизмат намуда, истисно намудани намудани он қобили қабул намебошад» [110, с. 54-55; 176, с. 9].

Ҳамчунин ба чунин баррасӣ мо ҳам таъкид менамоем, ки марҳилаи ибтидоии оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ҳамчун яке аз унсурҳои калидии раванди тафтиши ҷиноятҳо, ки ба бехатарии ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаи нақлиёт дахл дорад, аҳаммияти махсуси сохторӣ дорад. Ин марҳила барои шахси масъули тафтишкунӣ имконият фароҳам меорад, то нақшаи амали таҳияшудаашро пай дар пай татбиқ намуда, аксари масъалаҳо ва мушкилоти бамиёномада вобаста ба кирдори шахси тафтишшавандаро маҳз дар ҳамин давра ҳаллу фасл намояд.

Мувофиқи моддаи 161 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «тафтишоти парвандаҳои ҷиноятии оид ба ҷиноятҳои дар моддаҳои 212, 212 (2) ва 216 КҶ ҶТ муқарраршуда, вобаста ба тобеияти тафтишӣ, аз ҷониби таҳқиқбаранда ва муфаттишони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад»[187]. Бояд ба назар гирифт, ки тафтишот дар парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳои м. 212-212 (2) КҶ ҶТ ва қ.1 м. 216-и КҶ ҶТ метавонад ба таври умумӣ (Боби 19-20 КМҶ ҶТ) ё дар шакли

соддакардашуда (м.310 КМҶ ҶТ)  анҷом дода шавад.

Қонунгузор дар м. 140 КМҶ ҶТ сабабҳои оғози парвандаи ҷиноятиро муқаррар кардааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар амалияи тафтишии ҷиноятҳои мазкур як қатор сабабҳо асоси санҷиши маълумотҳо вобаста ба парвандаҳои мазкур ва ё асос барои оғози парвандаи мазкур шуда метавонанд.

Абрамочкин В.В. бар он назар мебошад, ки «як қатор маълумотҳо дар мавриди тафтиши ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат дар роҳ ва истифодаи нақлиёт ба сифати далел баромад мекунанд, аз қабили баёноти иштирокчиёни садамаи нақлиётӣ, баёноти хешу табори ҷабрдидагон, шоҳидони ҷойи ҳодиса, хабари шахсони мансабдори муассисаҳои тиббие, ки дар он ҷо ҷабрдидагони садамаи нақлиётӣ бистарӣ шудаанд, хабарҳои шахсони мансабдори мақомоти назорат дар соҳаи нақлиёту роҳҳо ва дигар ташкилотҳое, ки барои пешгирии садамаҳои нақлиётӣ вазифадоранд ва монанди инҳо» [5, с. 79].

Таҳлили зиёда аз 150 маводҳои парвандаи ҷиноятии марбут ба ҷиноятҳо дар соҳаи бехатарии ҳаракат дар роҳ ва истифодаи нақлиёт нишон дод, ки аз шумораи умумии парвандаҳои ҷиноятӣ дар 24% парвандаҳо дар асоси аризаи шаҳрвандон, 22% аз рӯйи хабарҳои аз муассисаи тиббӣ гирифташуда, 50% дар асоси гузориши корманди БДА дар бораи ошкор намудани аломатҳои ҷиноят, 4% вобаста ба худикроршавии ронандагон ошкор ва оғоз шудааст.

Тартиби мазкур ҳамзамон нисбати шахси мансабдоре, ки аз ваколатҳои мансабии худ саркашӣ намуда, аз гузаштани муоинаи тиббӣ саркашӣ менамояд, дар мавриди оғоз намудани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ мегардад.

Дар мавриди ғайриимкон будани маълум намудани шахсияти шахсе, ки воситаи нақлиётро идора менамуд, кормандони бозрасии давлатии автомобилӣ метавонанд санҷиши иловагиро ба роҳ монанд.

Муфаттиш ҷиҳати муайян намудани маълумот дар бораи доғи судӣ доштан ва ё надоштан, ҳамзамон ҷиҳати маълум намудани татбиқи ҷазои маъмурӣ

нисбати шахси дастгиршуда ба Маркази иттилоотии ВКД ҶТ дархост менамояд.

Дар мавриди муайян гаштани доштани доғи судӣ ва ё таъйини ҷазои маъмурӣ шахси масъули пешбарандаи тафтишот мутобиқи қ.4 м.81 КМҲМ ҶТ дар бораи қатъи пешбурди парванда ва додани маводи парванда ба мақомоти тафтишотӣ қарор қабул мекунад.

Муфаттиш, таҳқиқбаранда ё сардори воҳиди тахқиқ, ки хабарро қабул кардааст, санҷиш мегузаронад.

Ҳангоми дар кирдорҳои шахс маълум намудани аломатҳои ҷиноят, муфаттиш бояд чораҳоро ҷиҳати қабул намудани қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ андешад (қ.1 м.145 КМҶ ҶТ).

Ҳамзамон, тибқи қарори қабулнамудаи муфаттиш ва ё роҳбари мақомоти таҳқиқу тафтиш оид ба парвандаҳои вайрон намудани қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ ва истифодаи нақлиёт ҷиҳати тафтиш намудани гузоришу баёнотҳои дастарастшуда кормандони Бозрасии давлатии автомобилӣ ва нозирони минтақавӣ даъват карда мешаванд.

Аммо баъзе аз олимон ба монанди Волков С.Ю. ва Зайтсев И. бар он назаранд, ки «ҳангоми тафтиши ҳодисаҳо марбут ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ҷалб намудани нозири минтақавӣ мувофиқи мақсад нест» Онҳо андешаҳои худро бо он асоснок мекунанд, ки кормандони БДА ва дигар мақомоти марбут ба ҳодисаҳои нақлиётӣ ваколатдошта метавонанд ҳангоми санҷиши гузоришҳо ҷалб карда шаванд. Чунки дар гузоришҳо як қатор маълумотҳое мавҷуд мебошанд, ки исботи онҳоро аз забони худи шахсони мазкур шунидан мувофиқи мақсад меошад, аз қабили сари вақт расонидани кумак ва зарардидагон аз ҳодисаи нақлиётӣ, сари вақт интиқол додани зарардидагон ба муассисаҳои тиббӣ, хомӯш намудани сӯхтор аз ҷониби масъулин, муваққатан боз доштани ҳаракати нақлиёт дар самти ҷойи ҳодиса ва ғайраҳо.

Дар рафъи садамаҳои нақлиётӣ ҷузъу томҳои Хадамоти давлатии оташнишонии ВКД ҶТ низ метавонанд ҷалб карда шаванд [182; 112, с. 57-60;

[191]. Ин ақидаро мо дастгирӣ карда наметавонем. Зеро нозири минтақавии милитсия на танҳо амнияти ҷойи садамаро таъмин мекунад, дар дигар ҳолатҳои зарурие, ки мақомотҳои дар боло номбаркарда муайян мекунанд, фаъолиятҳо анҷом медиҳад.

Мо чунин мешуморем, ки исботи ҳолатҳои ҷинояти содиршуда бояд дар марҳилаи тафтиши пешакӣ анҷом дода шавад. Асосои оғози паравандаи ҷиноятиро кирдоре ташкил медиҳад, ки дар ӯ тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят ҷой доша бошанд. Барои аломатҳои таркибии ҷиноятро муайян кардан дониши зарурӣ ва маълумоти зиёди асосноккунанда зарур аст. Мутобиқи м.21 КМҶ ҶТ мақомоти таъқиби ҷиноятӣ бояд ҳаматарафа пурра ва объективона ҳолати корро бояд санҷад. Ғайр аз ин чунин саҳлангориҳо метавонад, асос барои нодуруст баровардани ҳукми айбдоркунӣ шуда метавонад. Баровардани ҳукм бо тахмин асоснок карда намешавад (қ.5 м.15 КМҶ ҶТ).

Дар ин маврид мо андешаи Шаталовро А. ҷонибдорӣ мекунем, ки доштани дониши зарурӣ вазифаи асосии марҳалаи мазкур ва мақомоти таҳқиқу тафтишӣ мебошад [100, с. 1]. Дар баробари ин ба муфаттиш ё таҳқиқбаранда барои ошкор кардани ҷиноят маҷмуи воситаҳои зарурии мурофиавӣ дода мешавад, ки барои ошкор ва тафтиши ҷиноят, муқаррар намудани ҳамаи иштирокчиёни он, хусусият ва андозаи зарари расонидашуда ва товони он, андешидани чораҳо имконият медиҳанд.

Маводи аз БДА оид ба далели садамаи нақлиётӣ воридшуда бояд асноду ашёи зеринро дошта бошанд: протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса бо ҳамаи замимаҳо (нақшаҳо, ҷадвалҳои аксҳо, сабтҳои видеоӣ ва ғайра); ҳисоботи корманди БДА, ки ҳодисаро ошкор намуда, дар азназаргузаронӣ иштирок кардааст; баёноти иштирокчиён ва шоҳидони садамаи нақлиётӣ; маълумотнома дар бораи садамаи нақлиётӣ; телефонограмма аз муассисаҳои тиббӣ бо нишон додани беморӣ; санад дар бораи муоинаи тиббӣ.

Бештар аз ҳама ҳолати аввал, ки ҳам ронанда ва ҳам воситаи нақлиёт дар ҷойи садама қарор доранд, вомехӯрад. Бояд қайд кард, ки дар чунин ҳолат муҳим нест, ки ронанда бевосита дар ҷойи рух додани садама аст ё аз он ҷо ба

муассисаи тиббӣ ё ба ШКД фиристода шудааст: муҳим он аст, ки шахсияти ӯ муайян карда шудааст ва маҳалли будубоши ӯ дақиқан маълум аст. Вазифаи асосӣ дар ин ҳолат муайян намудани тамоми ҷузъиёти садамаи нақлиётӣ ва гуноҳи ҳар кадом аз иштирокчиёни он мебошад.

Ҳолати дуюм он аст, ки дар ҷойи ҳодиса на ронанда ва на воситаи нақлиёт вуҷуд надоранд (танҳо дар бораи худи ҳодиса ва оқибатҳои он маълумот мавҷуд асту халос). Вазифаи асосӣ дар чунин ҳолат муайян ва ошкор кардани ҳам воситаи нақлиёт ва ҳам ронандаи он мебошад. Барои анҷоми ин кор додани дастур ба мақомоти таҳқиқ ҷиҳати татбиқи чораҳои дахлдори оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, зарур мебошанд.

Барои ҳолати сеюм – вақте воситаи нақлиёт дар ҷойи ҳодиса қарор дорад, аммо ронанда фирор кардааст, як қатор амалҳои тафтишӣ  хосанд. Азбаски ронандаҳое, ки сабабгори рух додани садама мешаванд, аксар вақт дар бораи рабуда шудани воситаи нақлиёт аризаи бардурӯғ медиҳанд, барои худ дар вақти пурсиш бардурӯғ эҷод мекунанд, вазифаи асосии тафтишот дар ин ҳолат ҳам ба воситаи амалҳои тафтишӣ ва ҳам тариқи чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ фош кардани гунаҳгор мебошад, ки ба зиммаи мақомоти тафтиши пешакӣ вогузор шудааст.

Асоси оғози парвандаи ҷиноятӣ мавҷудияти маълумоти кофие мебошад, ки ба нишонаҳои ҷиноят далолат мекунанд.

Асосҳо барои оғози парванда ба ҷиноятҳои марбут ба роҳу нақлиёт бояд кофӣ бошанд ва ба мавҷуд будани нишонаҳои ҷиноят ишора намоянд. «Дар ҳар як ҳолати мушаххас, кофӣ будани маълумотро барои хулосаи асоснок дар хусуси мавҷудияти аломатҳои ҷиноят шахси масъули (мансабдори) ваколатдор мувофиқи эътимоди ботинии худ муайян мекунад. Бо ин мақсад, ҳар як маълумот дар бораи ҷиноят бояд бодиққат баррасӣ шуда, маводи аввалия дақиқ омӯхта, таҳлил ва арзёбӣ карда шаванд ва дар ҳолати зарурӣ баёноту тавзеҳот гирифта шуда, маводи иловагӣ талаб карда шавад» [116, с. 24].

Ин маълумотҳо дар ҳуҷҷатҳои аввалия, ки маълумотномаи муассисаи тиббӣ дар бораи зарари расонида ба ҷабрдидаҳо; маълумотнома дар бораи

садамаи нақлиётӣ ё гузориши корманди БДА; баёноти ронандаи воситаи нақлиёт, баёноти шоҳидони ҳолати кор, протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, протоколи азназаргузаронии воситаи нақлиёт, санади экспертизаи судии ронандаи воситаи нақлиёт ҷиҳати муайян намудани ҳолати мастӣ ва монанди инҳо буда метавонад. Маълумотномаи муассисаи тиббӣ мавҷудият ва хусусияти осеби баданро муайян мекунад. Дар маълумотнома дар бораи садамаи нақлиётӣ ё гузориши корманди БДА бояд мавҷуд бошанд: маълумот дар бораи ҷабрдидаҳо ва шоҳидони садамаи нақлиётӣ; маълумот дар бораи замон ва макони ҷинояти вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи нақлиёт. Нақшаи садамаи нақлиётӣ ба маълумотнома замима карда мешавад.

Баёноти ронандагон ва шоҳидони ҷинояти мазкур имкон медиҳад, ки механизми содиршавии ҳодиса фаҳмида шавад.

Дар протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ва воситаҳои нақлиёт маълумоте дарҷ мешавад, ки суръати ҳаракати воситаи нақлиёт, самт ва хусусияти ҳаракат, ҷойи бархӯрд (пахшкунӣ, чаппашавӣ ва ғ.), вазъи техникии воситаи нақлиёт ва ғ.-ро муайян мекунад.

Барои категорияҳои парвандаҳои ҷиноятии баррасишаванда маводи аввалия аҳаммияти махсус доранд.

Ҳуҷҷатҳои асосии маводи мазкур инҳо мебошанд:

а) протокол дар бораи садамаи нақлиётӣ;

б) нақшаи садамаи нақлиётӣ

в) протоколи азназаргузаронии (муоинаи техникии) нақлиёт.

Муфаттиш бояд аз кормандони БДА талаб намояд, ки ба ӯ маводи аввалияи босифат, аз ҷумла протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, протокол дар бораи садамаи нақлиётӣ ва протоколи азназаргузаронии воситаҳои нақлиёт, ки дар он ҳамаи ҷойҳои зарурӣ пур карда шудаанд, пешниҳод карда шаванд.

Ба андешаи мо, шаклҳои протоколи садамаи нақлиётӣ, ки аз ҷониби кормандони БДА ҳангоми бақайдгирии садамаи нақлиётӣ истифода мешаванд, як қатор камбудиҳо доранд. Пешниҳод мекунем, ки дар ин ҳуҷҷат масъалаҳои

зерин иловатан зикр карда шаванд: 1) дар шароити мушаххасе, ки садама, бархӯрд ва ғайра рух додааст, суръати иҷозатдодашудаи ҳаракати ВН то кадом андоза зиёд карда шудааст; 2) ронанда имкони сари вақт боздоштани ВН-ро дошт ё не; 3) барои боздоштани мошин дар чунин шароит ва пешгирӣ аз бархӯрд, садама ва ғайра чӣ миқдор масофа лозим буд; 4) ҷиҳати пешгирии садамаҳои нақлиёти чи корҳо бояд ба сомон расонида мешуданд ва ё кадом корҳои зарурӣ анҷом ёфтаанд; 5) оё чораҳои андешидашуда аз ҷониби ронандаи воситаи нақлиёт ба оқибатҳои нохуби бамиёномада чӣ таъсири мусбат расонидаанд ва ягон натиҷа надодааст; 6) муайян карда шавад, ки вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи нақлиёт аз ҷониби ронанда чӣ оқибатҳоро ба миён, овардааст.

Масалаҳои дар боло овардашуда ба муфаттиш ва ё суд имкон медиҳад, ки ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷиноят муқаррар карда шуда ва дар мавриди тафтиши парвандаи ҷиноятии вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи нақлиёт ҳаматарафа таҳлилу шарҳу тавзеҳ ёбанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ оид ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи нақлиёт дар баробари муайян намудани дигар ҳолатҳо маълумотҳои зерин бояд муайян карда шаванд: ҳолати ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудани ронандаи воситаи нақлиёт, муқаррар намудани ҳолати мастии ронанда, саркашӣ намудан аз муоина оид ба муқарраркунии ҳолати мастӣ, қаблан бо гуноҳи ҳолати мастӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудани ронанда,  доштани доғи судӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ё барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат аз ҷониби шахсе, ки ба ҷазои маъмурӣ кашида шудааст талаботи қонунро риоя накардааст. Ин маълумотро маълумоти кофӣ номидан мумкин аст.

Масалан, 1 феврали соли 2024 муфаттишони ШВКД нисбат ба шаҳрванд Б. дар н. Фирдавсии ш. Душанбе аз рӯйи моддаи $212^{2.}$ КҶ ҶТ парвандаи ҷиноятӣ оғоз карданд. Шахси ҷиноятсодиркарда дар ҳолати мастӣ воситаи нақлиётро рондааст. Дар соли 2023, ӯ аллакай тибқи м.332 КҲМ ҶТ ба ҷазои маъмурӣ

ҷалб шуда буд. Ҷазо дар шакли маҳрум кардан аз ҳуқуқи рондани воситаи нақлиёт ба муҳлати 18 моҳ таъин шуда буд.

Ҳамзамон, қайд кардан ба маврид аст, ки дар ҳолатҳои пайдо шудани зарурият аз рӯйи маводҳои тафтишшаванда ва ё парвандаи ҷинояти муфаттиш метавонад ба кормандони мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ супоришҳои мушаххас диҳад, ки иҷроиши супоришҳои муфаттиш тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ барои кормандони оперативӣ ҳатмӣ мебошад.

Таҳлили маводҳои парвандаи ҷиноятӣ нишон дод, ки дар 17%-и мавридҳо парвандаи ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳои таҳқиқшаванда дар рӯзи ошкор шудани он, вақте ки моҳияти садамаи нақлиётӣ дар аввал маълум буд, оғоз шудааст. Масалан, санаи 27.02.2023 дар кӯчаи Н. Қарабоев дар ш. Душанбе ронандаи автомашина, шаҳрванд А дар ҳолати мастӣ воситаи нақлиётро ронда дар «гузаргоҳи пиёдагардон» пиёдагардро пахш карда, дар натиҷа ҷабрдида дар ҷойи ҳодиса ба ҳалокат расидааст [204]. Дар ҳамин рӯз аз ҷониби мақомоти тафтишӣ ва мақомоти БДА-и ШВКД дар н. Фирдавсии ш. Душанбе ҳолати мазкур ошкор гардида, парвандаи ҷиноятӣ бо моддаи 212 КҶ ҶТ оғоз гардид [198]. Муфаттиш ҳолатро бо далелҳои хулосаи муоинаи тиббӣ, сабти наворҳои камеравӣ дар сари роҳ, хулосаи тиббӣ оид ба ҳолати вафоти ҷабрдида ва нишондоди шоҳидон асоснок карда парвандаи ҷиноятиро оғоз кард. Дар 22 фоизи ҳолатҳо бошад, тибқи муқаррароти м.145 КМҶ ҶТ дар муҳлати то се рӯз парванда оғоз карда мешавад. Чунин ҳолатҳо бо дарназардошти набудани маълумотҳои кофӣ барои оғози парвандаи ҷиноятӣ амалӣ карда мешаванд.

Бо сабаби нокифоя будани маълумоти ибтидоӣ дар бораи воқеа дар 24 фоизи мавридҳо муҳлати тафтиш аз тарафи сардори мақомоти тафтишӣ то даҳ рӯз дароз карда шудааст. Дар 12 фоизи дигар бошад, бо сабаби зарурати гузарондани тадқиқот оид ба ҷасадҳо ва воситаҳои нақлиёт (масалан, ҳангоми оташ гирифтани воситаи нақлиёт) муҳлат бо як моҳ дароз карда шудааст. Дар ин мавридҳо дароз кардани муҳлат аз ҷониби сардори мақомоти прокуратура бо дархости муфаттиш ва таҳқиқбаранда анҷом дода шудааст.

Ғайр аз ин, дар 9 фоизи ҳолатҳо аз тарафи муфаттишон (таҳқиқбаранда) беасос қарор дар бораи рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ баровардаанд, ки аз ҷониби прокурор барои гузаронидани тафтиши иловагӣ бекор карда шудаанд. Дар баробари ин, ҳолатҳое мушоҳида гардиданд (5 фоизи ҳолатҳо), ки муфаттиш (таҳқиқбаранда) дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ қарор қабул кардааст, он аз ҷониби прокурор бекор карда шудааст.

Масалан, санаи 5 ноябри соли 2022 тахминан соати 23.50 дақиқа дар ш. Турсунзода ронандаи автомашина А., бо ваколатномаи умумӣ воситаи нақлиёти Тойота-Раф 4-ро идора мекард. Ҳангоми ҳаракат аз тарафи маҳаллаи 2-юм мкр ба самти маркази шаҳри Турсунзода бо суръати тақрибан 100-120 км соат дар назди филлиали ҶДММ «Спитамен-Бонк» дар ҳавои соф, равшании сунъӣ, бе ягон мамониат аз меъёри муқарраршуда зиёд шудааст.

Бо сабаби баланд будани суръати ҳаракати воситаи нақлиёт аз уҳдаи идораи воситаи нақлиёт набаромада, бо автомашинаи тамғаи Опел-Астра, ки аз ҷониби ронанда Б., идора мешуд, бархурда дар натиҷа ронандаи автомашинаи Опел-Астра бо як мусофири худ ҷароҳати вазнини ҷисмонӣ бардошта, дар ҷойи ҳодиса ба ҳалокат мерасанд. Муфаттиш бо сабаби нодуруст муайян кардани вайроншавии қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, нагирифтани хулосаи экспертизаи пайшиносӣ оид ба пайҳои воситаи нақлиёт, ронандаи автомашинаи Опел-Астра, ки дар ҷойи ҳодиса ба ҳалокат расида буд, муфатиш парвандаро дар пешбурд дар асоси м.27 КМҶ ҶТ бо сабаби набудани субъекти ҷиноят қатъ карда буд.

Аз ҷониби прокурори ш. Турсунзода парванда барои баррасӣ талаб карда мешавад. Прокурор муайян кард, ки аз ҷониби муфаттиш якчанд ҳолатҳо (таъйини экспертизаи равоншиносӣ, пурсидани шоҳидони асосии ҳодисаи ҷиноят, баҳо надодан ба камераҳои назоратӣ, таъин накардани экспертизаи пайшиносӣ вобаста ба пайҳои воситаҳои нақлиёт, муайян накардани ҳолатҳои дигари асосии парвандаи ҷиноятӣ (м.85 КМҶ ҶТ) ва дигар ҳолатҳо) дуруст муайян нашудаанд. Қарори қабулнамудаи муфаттиш оид ба қатъ кардани

парвандаи ҷиноятӣ нисбати шаҳрванд Б.-ро бекор карда, парвандаро ба тафишоти иловагӣ баргардонид [207].

Дар баробари ҳолатҳое, ки аз ҷониби муфаттиш пурра ба назар гирифта нашудаанд, ҳангоми тавсифи шароити роҳ ва метеорологии вақти садама маълумотҳо муайян карда намешаванд. Мо чунин мешуморем, ки нишон додани чунин ҳолатҳо зарур аст: шароити обу ҳаво (соф, борон, туман, барф ва ғайра); дидани пеш (бо метр); равшании роҳ (рӯзона, шабона, равшании сунъӣ); дастгоҳҳои равшании беруна (чароғҳои канорӣ, фурӯзонакҳо); сатҳи дарозии роҳ (нишебӣ, болоравӣ); паҳнои роҳ; сатҳи роҳ (асфалт, бетон ва ғ.); ҳолати сатҳи роҳ (чуқурӣ, ноҳамвории роҳ ва ғ.).

Илова бар ин, дар гузориши ҳодисаи нақлиётӣ аз ҷониби муфаттиш шарҳи хеле мухтасари ҳолатҳои ҳодиса оварда шудааст, ки баъдан имкон намедиҳад, то тасвири пурраи ҷиноят тартиб дода шавад. Ҳангоми ба қайд гирифтани маълумот дар бораи нақлиёт низ ба қоидавайронкуниҳои зиёд роҳ дода мешавад.

Ҳамзамон, дар асоси таҳлили маводҳои омӯхташуда танҳо дар соли 2023 ба мо 18 ҳолат ошкор гардид, ки дар марҳилаи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ дар асоси м.27 КМҶ ҶТ муфаттиш бо сабаби фавти гумонбаршуда қарор дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ қабул кардааст [206].

Пас аз оғози парвандаи ҷиноятӣ муфаттиш бояд ба самти дурусти тафтишот, банақшагирии корҳои ташкилӣ, ташкили воситаҳои ҷамъоварии далелҳо ва дуруст баҳогузорӣ намудани вазъияти ибтидоии тафтишӣ диққати худро равона намуда, амал намояд.

Муфаттиш бояд ба критерияҳои зерин, ки дар марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ пеш меоянд, диққати ҷиддӣ диҳад, ба монанди:

– вақти содиршавии ҷиноят, ҷойи содиршави ва тарзи содир намудани ҷиноят, инчунин дигар ҳолатҳои тарафи объективии ҷинояти тафтишшаванда;

– субъекти ҷиноят;

– мавҷудият ва шакли гуноҳи шахсе, ки ҷиноят содир кардааст.

Масалан, дар бораи сабабҳое, ки боиси оқибатҳои зараровар гардидаанд, дар бораи шароитҳое, ки ба содир намудани ҷиноят мусоидат кардаанд, тахминҳо пешниҳод кардан мумкин аст. Ҳамчунин бояд дар назар дошт, ки аз ҷониби нозирони БДА дар баъзе ҳолатҳо бесифат тартиб дода шудани нақшаҳо ва протоколҳои садамаҳои нақлиётӣ минбаъда имкон намедиҳанд сабабҳои воқеии садамаи нақлиётӣ, шахсони гунаҳкор ва ғ. муайян карда шаванд. Иштибоҳоти маъмул дар асноди мазкур асосан инҳоянд:

а) кормандони БДА ба ҷойи садамаи нақлиётӣ дер мерасанд ва ба ин сабаб аз суханонии «шоҳидон» дар ҳуҷҷатҳои зикршуда маълумоти зарурии манзараи воқеӣ не, балки тахминии ҳодисаро сабт мекунанд;

б) ҳангоми иҷрои амалҳои зарурӣ ҷиҳати ошкор кардани сабабҳои садамаи нақлиётӣ ва таҳияи ҳуҷҷатҳо кормандони БДА дар баъзе ҳолатҳо, ҳатто бо доштани камтарин воситаҳои техникӣ онҳоро истифода намебаранд. Дар натиҷа андоза ва масофаҳо тахминӣ муайян карда шуда, бо қадамҳо чен карда мешаванд. Дар чунин ҳолат ҳангоми андозагирӣ (радиусҳои гардишҳои роҳҳо, кунҷҳои ба ҳам пайвастани кӯчаҳо, андозаҳои нишебӣ бо дараҷа ва ғайра), муайян кардани ҳолати техникии воситаҳои нақлиёт (миқдори коҳиши ҳаракати автомобил ҳангоми боздорӣ, равиши озод (люфт)-и чанбарак ва ғ.) ва ворид кардани вазъият, махсусан пайҳои нақлиёт ба нақшаи садамаҳои нақлиётӣ ба иштибоҳҳои ҷиддӣ роҳ дода мешавад; в) методикаи нодурусти муайянкунии вазъи мушаххаси роҳ, ки дар ҷойи ҳодиса дар лаҳзаи садама, бархӯрд ва ғайра ба амал омадааст, истифода мешавад. Масалан, дар вақти шом ё шабона равшании роҳи автомобилгарди берун аз шаҳр бо чароғҳои равшанидиҳандаи наздик ва дури мошини ба садама дучоршуда не, балки бо дигар воситаи нақлиёт санҷида мешавад ё тамоман санҷида намешавад. Ин барои муайян кардани гуноҳи иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ муҳим аст; г) тартиб додани ҳуҷҷатҳо дар ҷойи садамаи нақлиётӣ бедиққат ва аксар вақт бесифат анҷом дода мешавад, аз ҷумла дар нақшаҳо дарҷ намешаванд: ашёи атрофи ҷойи ҳодиса (дастгоҳҳои хатти барқ, биноҳо ва ғ.); дигар ВН истода ё ҳаракаткунанда; тавсифи муфассали ҳудуди амали аломатҳои огоҳкунандаи роҳ

ва дастгоҳҳои идоракунии ҳаракат (чароғакҳои роҳнамо ва ғ.), ҳолати онҳо дар вақти ҳодиса; тавсифи муфассали ҳолати роҳ дар ҷойи садама (сифати қабати болои роҳ, таъйинот (профил)-и роҳ, паҳнои воқеии қисми мошингарди роҳ, мавҷудияти пайраҳаҳо, ҷойҳои фуруд, ҷазираҳо ва ғ.) ва шароити мушаххаси намоёнӣ, дидашавӣ барои ронандаи воситаи нақлиёт. Мавқеи нақлиёти ба садама дучоршуда ва ҷойгиршавии пайҳои он нисбат ба ҳам ва далелҳои шайъӣ нисбат ба объектҳои беҳаракат (статсионарӣ) ба қайд гирифта нашуда, координатҳо ва андозаи дақиқи онҳо нишон дода намешаванд; пайҳои ҳаракат ва боздорӣ (хусусан «лағжиш»)-и нақлиёт ва мавқеи он то ва баъд аз ҳодиса пурра ва бисёр тахминӣ дар санадҳо дарҷ мешаванд ва монанди инҳо.

Сифати пасти тафтиши парвандаҳои марбут ба садамаҳои нақлиётӣ дар матбуот баррасӣ шудааст. Кормандони БДА аксар вақт ба дуруст тартиб додани нақшаи садамаҳои нақлиётӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ҳангоми садамаҳои нақлиётӣ аҳаммияти зарурӣ намедиҳанд (масофаи боздорӣ ва дигар масофаҳоро дақиқан бо метр чен намекунанд, ҳолати техникии боздор, чанбарак ва ғайраҳоро дар ҷойи ҳодиса намесанҷанд ва ғ.). Ҳамаи ин боиси сар задани иштибоҳҳо дар суд, таъхири беасоси тафтиш мешавад.

Кравтсов М.А. навиштааст: «Агар муфаттиш дар бораи садама бо таъхири зиёд хабар дарёфт кунад, вақте ки на танҳо мошинҳо ва ҷасадҳо, балки тамоми пайҳо (нишонаҳо) возеҳан нопадид шуданд, албатта рафтан ба ҷойи ҳодиса ҳеҷ маъное надорад» [130, с. 48-49]. Дар асоси гуфтаҳои боло, зарур дониста мешавад, ки ба шакли протоколи БДА оид ба садамаи нақлиётӣ ва тартиби азназаргузаронии аз ҷониби кормандони ин ниҳод анҷомшаванда баъзе тағйирот ворид кардан лозим аст.

Дар протоколи садамаи нақлиётӣ бояд чунин ҷузъиётҳо дарҷ карда шаванд: ба истисноии нуқсонҳо ва зарарҳое, ки ба воситаи нақлиёт пас аз садама расидаат дар протокол бояд се ҷузъи асосӣ – системаи боздорӣ, идоракунии самти ҳаракат (рулевой) ва қисми ҳаракаткунанда, бо нишон додани ҳолати коршоямии онҳо зикр карда шаванд (ворид кардани сутуни иловагӣ: «Натиҷаҳои санҷиши экспериментали» ҳам мумкин аст), дар сутуни «Ҳолати

техникии нақлиёт пеш аз садама» чӣ гуна муайян шудани коршоямии ин ё он қисм, агрегат бояд қайд карда шуда, дараҷаи фарсудагии чархҳои мошин ва коршоямии он тибқи варақаи сафар (рақами он, санаи додашавӣ) ҳатман қайд карда шавад.

Дар сутуни «Вақти ҳодиса» ҳатман бояд равшанӣ (рӯшноии табии рӯзона, равшании сунъӣ, вақти шом) ва дар сутуни «Маълумот дар бораи нақлиёт» – тамғаи воситаи нақлиёт, дараҷаи сарборӣ, шумораи мусофирон, яъне вазни он бояд нишон дода шавад.

Дар протокол оид ба садамаи нақлиётӣ нуқтаҳои алоҳида ворид карда шаванд, аз ҷумла: а) «Намоёнӣ»: мавҷудияти дигар ВН, монеаҳои дигар дар роҳ, ҷойгиршавии наздиктарин биноҳову иншоот ва ғ. ба ҷойи бархӯрд, пахшкунӣ ва амсоли инҳо; б) «Ҷой доштани ҳолати мастӣ ва дараҷаи он», ки онро корманди БДА танҳо бо мавҷуд будани маълумотномаи муассисаи тиббӣ пур карда метавонад. Дар ин сутун ҳолати мастии ҳам ронандагон ва ҳам ҷабрдидагон сабт мешавад; в) «Аломатҳои огоҳкунандаи роҳ ва дигар воситаҳои танзими ҳаракат» – маълумот дар бораи макони ҷойгиршавӣ, коршоямӣ, дидашавӣ, ҳудуди амалкунӣ ва ғайра.

Сутуни «Маҳкумият ва ҷазоҳои ронанда», ки дар протоколи садамаи нақлиётӣ мавҷуд аст, бояд аз ҷониби корманди бахши баҳисобгирии БДА дар асоси маълумоти муътамади бақайдгирифташуда пур карда шавад.

Нақшаи садамаи нақлиётӣ бояд дар миқёс ва ҳатман дар ду шакл: намуд аз боло ва паҳлу (агар хусусияти садама муайян кардани ҷойи осеб ва нишонаҳоро дар мошин ва дигар ашё аз рӯйи баландӣ ва ҷойгиршавии онҳо талаб кунад) тартиб дода шавад.

Нақшаҳо ва протоколҳое, ки кормандони БДА дар ҷойи садамаи нақлиётӣ тартиб медиҳанд, бояд аз ҷониби иштирокчиёни садама ва шахсони холис имзо карда шавад. Дар чунин ҳолат тартиботеро муқаррар кардан лозим дониста мешавад, ки тибқи он ҳадди ақал ба ҳайси як шоҳид шахси дорои ҳуқуқи ронандагӣ даъват карда шавад.

Тағйир додани тартиби муайян кардани сабабҳои садамаи нақлиётӣ аз ҷониби кормандони БДА дар ҳолатҳои рух додани оқибатҳои вазнин (марги ҷабрдида, бардоштани осеби ҷисмонӣ, зарари ҷиддии моддӣ, қобили қабул буда, иштироки муфаттиш (эҳтимолан муфаттиши навбатдор) ва мутахассиси техникаи автомобилӣ дар ҳама гуна ҳолатҳои маҷруҳшавӣ ва ҳалок шудани одамон ҳангоми азназаргузаронии ҷойи садамаи нақлиётӣ ҳатман бояд ҷорӣ карда шавад.

Дар марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиёт вазъияте ба миён меояд, ки тафтиши ҷиноят бояд сари вақт (бо дарназардошти ба даст овардани пайҳои ҳароратӣ) гузаронида шавад. Зеро дере нагузашта баъди содир шудани он, дигаргунӣ ё нестшавии далелҳои ҷойи ҳодиса ба миён омада, боиси мушкилии тафтиши ҷиноят мегарданд.

Амали муфаттиш (таҳқиқбаранда)-ро дар чунин вазъият метавон ба марҳилаҳои зерин тақсим кард:

1) ташкили тафтиш ва банақшагирӣ дар ҷойи ҳодиса;

2) банақшагирии тафтишӣ пас аз анҷоми марҳилаҳои ибтидоии тафтишӣ.

«Вазифаи марҳилаи якум – ҷамъоварии маълумоти роҳнамокунанда оид ба ҷиноят, ошкорнамоӣ, нигоҳдорӣ, бақайдгирии манбаъҳои маълумоти далелӣ ва дастгир намудани ҷинояткор мебошад. Дар ин шароит муфаттиш (пурсишкунанда) бо сабаби тезтар анҷом додани ин амалҳо вақти барои тартиб додани нақшаи хаттии тафтишӣ ҷудо карда наметавонад» [131, с. 91].

Дар мавридҳои кофӣ набудани маълумотҳо дар бораи садамаи нақлиётӣ муфаттиш метавонад аз донишҳои мутахассисони соҳавӣ истифода намояд, масалан метавонад экспертон-криминалистони соҳавиро ҷалб намуда, аз онҳо тавсияҳо гирифта, маълумотҳои гирифташударо истифода намуда, самти тафтишотро дуруст муайян созад ва ба ин васила сари вақт ва ҳаматарафа ҷиноятро ошкору тафтиш намояд.

«Марҳилаи дуюм – аз ҷониби муфаттиш таҳлил ва баҳогузории маълумоти ҷамъовардашуда, муайян кардани маълумоти гумшуда ва ҷустуҷӯи роҳу

воситаҳои ба даст овардани он мебошад. Минбаъд муфаттиш (таҳқиқбаранда) роҳҳои ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодисаи нақлиётӣ пешниҳодшударо аниқ карда, тафсилот медиҳад ё роҳҳои навро тартиб медиҳад ва нақшаи муфассали тафтишотро тартиб медиҳад» [131, с. 91].

Муфаттиш ҳангоми машғул шудан бо масъалаи мураккабе, ки барои ҳалли он танҳо малака, савод ва ақли расо кифоя нест, ба зарурати пешниҳод кардани тахминҳо дучор мешавад [131, с. 91]. Вобаста ба ин воситаҳои махсуси илмӣ, дар ин ҳолат – амалҳои бо тахминҳо асоснокшударо истифода бурдан лозим аст, ки тавсияҳо оид ба сохтан, омӯзиш ва санҷиши фарзияҳои пешниҳодкардаи муфаттишро, ки ба предмети исбот дахл доранд, дар бар мегирад. Муфаттиш аз ҳар як роҳ (вариант) хулосаҳои мантиқӣ бароварда, дар парвандаи ҷиноятӣ вазифаҳои мушаххасро муайян мекунад.

Мо чунин мешуморем, ки равшан кардани он чизе, ки то ҳол номаълум ё муқаррар нашудааст, хеле душвор аст. Бо ин мақсад, фарзияҳо барои муайян кардани доираи ҳолатҳое, ки бояд муқаррар ва исбот карда шаванд, пешниҳод карда мешаванд.

Баъдан тамоми маълумоти марбут ба парвандаи ҷиноятӣ аз тахминҳои муайян баррасӣ мешавад. Ҳатто тахмине, ки ҳангоми санҷиш тасдиқ нашудааст, метавонад нуқтаи ибтидоӣ ва равшантар барои фарзияҳои нав гардад. Пешбарӣ ва тафтиши онҳо аз таҷриба ва омодагии касбии муфаттиш вобаста аст.

Ҳангоми қабули қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ, бояд муайян карда шавад, ки оё ронанда дар вақти содир кардани ҷиноят дар ҳолати мастӣ қарор надоштааст. Ин муҳим аст, зеро Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ дар ҳолати мастӣ рондани воситаи нақлиётро манъ мекунанд. Ғайр аз ин, муайян шудани далели мазкур хусусиятҳои рафтори ронандаи воситаи нақлиётро мушаххас мекунад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки мушкилотҳо вобаста ба тафтиши парвандаҳои самти мазкур асосан дар вақтҳое пайдо мешавад, ки садамаи нақлиётӣ берун аз шаҳр ба вуқуъ меояд. Баъзан ҷиноятҳои марбут ба роҳу

наклиётро аз садамаҳои наклиётӣ фарқ кардан душвор аст. Аз ҷумла, вақте ки ҷабрдида ҷароҳати вазниниаш миёна бардорад, онро дар марҳилаи ибтидоӣ аз осеби вазнини ҷисмонӣ фарқ кардан душвор аст. Хулосаи тахминиро дар бораи мавҷудияти аломатҳои ҷиноят дар чунин ҳолатҳо танҳо пас аз табобати дахлдор баровардан мумкин аст, ки дар муассисаҳои тиббии деҳот метавонад беасос ба таъхир афтад.

Ҳолатҳои мазкур баъзан вақт муфаттишро водор мекунанд, ки ҳам дар бораи оғоз ва ҳам рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ оид ба садамаи наклиётӣ қарори беасос қабул кунад.

Дар ҳолати вуҷуд доштани ҷабрдидагоне, ки дараҷаи вазнинии ҷароҳатҳои онҳо (миёна ё вазнин) дақиқ нест, гузарондани шаҳодатикунонии судӣ-тиббӣ зарур дониста мешавад. Аммо, ин раванд ба сабаби номуайянии ҷараёни табобат, бахусус дар беморхонаҳои деҳот мумкин аст ба таъхир гузошта шавад. Дар баробари ин муқаррароти м. 112 КМҶ ҶТ – мухлати баррасии мавод барои қабули қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ (10 рӯз) метавонад то он вақт ба итмом расад. Дар чунин ҳолат, тавре ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, қарор дар бораи рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ қабул карда мешавад ё парвандаи ҷиноятӣ бо эҳтимоли қатъкунии он дар оянда оғоз карда мешавад, ки ҳарду ҳолат ҳам қобили қабул нестанд.

## 2.2. Вазъиятҳои намунавии тафтишӣ ва банақшагирии тафтиши вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои наклиёт

Аз лаҳзаи оғоз гардидани парвандаи ҷиноятӣ, муфаттиш (таҳқиқбаранда) вазифаҳои мухталиферо амалӣ месозад, ки ҳалли онҳо ба ташкили дурусти равандҳои тафтишотӣ барои муайян кардани ҳолатҳои исботшаванда алоқаманд аст. Дар ин раванд, усули пешбурди тафтиши ҷиноятӣ ба таҳияи нақшаи мушаххаси тафтишӣ такя мекунад, ки иҷрои он бояд бо риояи принсипҳои банақшагирии муташаккил анҷом ёбад.

Дар ин асно олимон Копилова И., Резвана А.П., Косар В.Н. чунин мешуморанд, ки шартҳои банақшагирии тафтишӣ маҷмуи ҳолатҳои муайян,

далелҳо, савод ва малакаи касбиро ифода мекунад, ки имконияти ба нақша гирифтани фаъолияти тафтишииро медиҳанд.

«Дар робита ба банақшагирии тафтиши ҷиноятҳои зидди бехатарии ҳаракат дар роҳҳо марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ асоси шартҳо инҳоянд:

а) мавҷудияти маълумоти ибтидоӣ дар бораи механизми бавуҷудоии садама;

б) баҳодиҳии вазъияти ҷараёни тафтишотӣ дар лаҳзаи банақшагирӣ ва пешгӯии тағиротиояндаи он дар натиҷаи амалҳои пешбинишуда;

в) бо назардошти имкониятҳо, воситаҳо ва усулҳои воқеи ноил шудан ба мақсад» [43].

Бирюков В.В., Мелникова О.Б., Шехавтсов Р.Н., Попов И.В. ки мансуб ба гуруҳи дигар мебошанд, кайд мекунанд, ки «маълумотҳои ҳақиқии дар ихтиёри муфаттиш мавҷудбуда асоси банақшагирии тафтиширо ташкил карда, ҳаҷми онҳо хусусият ва мушаххасоти онро муайян мекунад» [148, с. 10-11].

Барои мақсаднок гузаронидани тафтиши ҷиноят нақшаи тафтишӣ бояд бо назардошти баҳодиҳии вазъи тафтишӣ ва тағйироти эҳтимолии он дар оянда, ки дар натиҷаи амали муфаттиш ва (ё) дар натиҷаи амали шахси ҷиноятсодиркарда тағийр меёбанд ва ба муқаррар намудани тамоми ҳолатҳои кор таъсир мерасонанд, тартиб дода шавад.

Муваффақияти тафтишот аз таҳияи дурусти фарзияҳо вобаста аст, бинобар ин, ҳангоми сохтани онҳо муфаттиш ба он диққат диҳад, ки фарзияҳо бояд танокуз ва духурагӣ надошта бошанд ва ба таври возеҳ таҳия шуда муътамад бошанд.

Ҳангоми сохтани фарзияҳо бояд ба талаботи муайянӣ, пайдарҳамӣ ва асоснокии мантиқӣ такя шавад.

«Муайянӣ маънии онро дорад, ки бояд муайян карда шавад, ки нисбат ба кадом доираи масъалаҳо ва дар кадом ҳолатҳо сохтани фарзия лозим аст. Ҳамчунин зарур аст, ки ҳамаи фарзияҳо дар шакли комилан муайян таҳия шуда, асосҳои воқеӣ барои сохтани ҳар яки онҳо дақиқан нишон дода шаванд.

Пайдарпайи фикрронӣ кори тадриҷиро дар омӯзиши падидаҳо, гузариш аз умум ба ҷузъиёт, бо тартиб баррасӣ кардани масъалаҳо, инчунин гузариш аз содда ба мураккабро ифода мекунад.

Асоснокӣ ҳангоми сохтани фарзияҳо маънии онро дорад, ки ҳар як фарзия бояд асоси худро дошта бошад» [59, с. 157] ба далелҳо такя кунад.

Ба қавли баъзе муаллифон, «таҷрибаи тафтиши ҷиноятҳои марбут ба роҳу нақлиёт нишон медиҳад, ки фарзияҳои нисбатан маъмулӣ инҳоянд:

– вайрон кардани Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ аз ҷониби ронанда ё дигар иштирокчии ҳаракат дар роҳ;

– вайрон кардани қоидаҳои истифодаи воситаҳои нақлиёт аз ҷониби ронанда, инчунин аз ҷониби дигар шахсони масъул;

– беэҳтиётии дағалонаи худи ҷабрдида;

– худкушии ҷабрдида (хеле кам ҳам бошанд, аммо ҳолатҳое ҳастанд, ки худи ҷабрдида худро зери чарxҳои мошин мепартояд);

– тасодуфан рух додани ҳолатҳое, ки берун аз пешбинии ронанда ва дигар иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ сурат гирифтаанд;

– куштори барқасдона бо истифодаи воситаи нақлиёт ҳамчун олоти куштор;

– саҳнасозӣ кардани ҷинояти марбут ба роҳу нақлиёт бо мақсади пинҳон кардани ҷинояти дигаре, ки маъмулан вазнинтар аст» [80, с. 82-83], [86, с. 128-129].

Ба андешаи мо, на ҳама фарзияҳои зикршуда хоси ҷиноятҳои марбут ба роҳу нақлиёт мебошанд. Масалан, худкушии ҷабрдида, куштори барқасдона бо истифодаи воситаи нақлиёт ва саҳнасозӣ кардани садамаи нақлиётӣ аз ҷиноятҳои марбут ба роҳу нақлиёт не, балки аллакай аз намудҳои дигари ҷиноят дарак медиҳанд.

Дар муҳити деҳот, тавре ки таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, одатан фарзияҳои бештар маъмуле, ки дар ҷараёни тафтиш пешкаш ва баррасӣ мешаванд, инҳоянд: вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ аз ҷониби ронанда ё дигар иштирокчии ҳаракат ва беэҳтиётии ҷиддии худи ҷабрдида. Дар робита

ба ҳама парвандаҳои ҷиноятии вобаста ба роҳу нақлиёт тартиб додани нақшаи тафтиши дарпешистода ва таҳияи фарзияҳои асосӣ зарур аст, зеро тафтишоти расмӣ ҳанӯз нотамом буда, андешаҳои муфаттиш хосияти тахминӣ доранд ва бояд тавассути далелҳо собит шаванд. Банақшагирии тафтишот аз ҳолатҳои маъмулие вобаста аст, ки дар рафти марҳилаҳои гуногуни тафтиш ба вуҷуд меоянд.

Дар рафти тафтиши ҷиноятҳо муфаттиш амалҳои гуногуни мурофиавӣ, ташкилӣ, омодагӣ, ҷустуҷӯӣ ва ғайраҳоро анҷом медиҳад. Ин фаъолият бо назардошти таҳлили ҳамаҷонибаи иттилооти мавҷуда дар бораи ҷинояти мавриди баррасӣ амалӣ мегардад. Он дар шароити вақт, макон ва муҳити муайян иҷро шуда, дар асоси арзёбии мавҷудият ё набудани нерӯ ва захираҳои зарурӣ барои татбиқи тадбирҳои муносиб сурат мегирад.

Ба андешаи мо, ҳангоми номуайянии оқибатҳои рухдода, қарор қабул кардан дар бораи тафтиши маъмурии ҳолатҳои садамаи нақлиётӣ мувофиқи мақсад аст. Дар доираи ин тафтиш шахси амаликунандаи санҷиш метавонад экспертизаи судии тиббиро таъйин кунад, ки дар асоси хулосаҳои он масъалаи ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани шахси гунаҳгор (агар зарари миёна ба саломатӣ расонда шуда бошад) ҳал карда мешавад ё дар ҳолати оқибатҳои вазнинтар доштани садама дар хусуси қатъ кардани мурофиаи парвандаи маъмурӣ ва интиқоли мавод барои тафтиш тасмим гирифта мешавад.

Ба андешаи мо, ба сабаби офатҳои табиӣ (обхезӣ, резиши барф, сӯхтор ва ғ.) имконнопазир будани сари вақт пешниҳодкунии мавод ба прокурор низ бояд чунин амали карда шавад.

Ҳамзамон бо оғози парвандаи ҷиноятӣ бояд нақшаи тафтиши он тартиб дода шавад. «Ҳалли вазифаҳои дар назди мақомоти тафтиши пешакӣ қарордошта бе ташкили дақиқи кор, ҳамоҳангсозии амалҳои хадамот ва воҳидҳои мухталиф, банақшагирии ҳадафмандонаи тафтиши ҳар як парвандаи ҷиноятӣ ва ҳам амалҳои алоҳидаи тафтишӣ имконнопазир аст» [43, с. 15].

Мазмуни нақшаи тафтиш сохтан ва санҷиши фарзияҳоро дар бар мегирад. Бо баррасии таносуби фарзияи тафтишӣ ва нақшаи тафтиш Ларин А.М.

умумияти хоси онҳоро чунин муайян мекунад: «... ҳарду системаи инъикоси фикрии образҳо, тасаввурот дар бораи амалҳо ва рӯйдодҳои мушаххас мебошанд. Муҳтавои фарзияҳо воқеан рӯйдодҳое мебошанд, ки новобаста аз иродаи муфаттиш рух додаанд, дар ҳоле ки нақша ниятҳои ӯро инъикос мекунад» [59, с. 45]. Ҳангоми сохтани фарзия муфаттиш бояд ташаббус, қобилияти таҳлил ва хулосабарориҳои мантиқӣ нишон диҳад. Фарзияҳои тафтишӣ асосан дар натиҷаи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, азназаргузаронии воситаи нақлиёт ва дигар манбаҳое, ки муфаттиш ҳангоми тафтиши садамаи мазкур ба онҳо муроҷиат мекунад сарчашма гирифта ва ба онҳо асос меёбад. Сохтани (таҳияи) фарзия баррасии ҳуқуқии парванда ба ҳисоб намеравад ва ба манфиати касе таъсир намерасонад. Бар асоси фарзияҳои пешниҳодшуда, муфаттиш бо таҳлили маълумоти марбут ба ҷинояти вобаста ба роҳу нақлиёт, масоили гуногунро баррасӣ мекунад. Дар ин раванд, ӯ робитаи ҷиноятро бо оқибатҳои баамаломада, сабабҳои ба садама дучоршавӣ, муносибати ҷинояткор ба ҳолатҳои рухдода, механизми воқеаи садама ва дигар ҷузъиётро муайян менамояд.

Дар ҳолати ҷамъоварии васеи маводи тафтишӣ ва ошкор шудани роҳу равишҳои нав дар ҷинояти марбут ба нақлиёт, фарзияҳо метавонанд бо дақиқият ва возеҳии бештар такмил ё тағйир дода шаванд. Ин раванд идома меёбад, то замоне ки ҳодиса ва мазмуни он дар ҷараёни тафтиш дар асоси далелҳои асоснок ва фактҳои дақиқ тасдиқ шаванд. Самаранокии он ҳамчунин аз рафтори субъектҳои марбут ба ҳодисаи таҳқиқшаванда ва дониши муфаттиш дар бораи хусусиятҳои криминалистии намуди дахлдори ҷиноят, муносибати он бо дигар равандҳои объективӣ ва субъективии воқеияти атроф вобаста аст. Ин маҷмуи ҳолатҳои ба ҳам алоқаманд ва вобаста дар натиҷа муҳити муайянеро ташкил медиҳанд, ки дар он тафтиши ҷиноятҳо сурат мегирад ва дар илми криминалистика вазъияти (ҳолати) тафтишӣ номида мешавад.

Барои тафтиши намудҳои муайяни ҷиноятҳо, вазъиятҳои тафтишӣ бояд бо дарназардошти якҷоя кардани унсурҳои асосӣ ва нисбатан такроршавандаашон тасниф карда шаванд. Зарурати ҷудо кардани ҳолатҳои тафтишӣ ба маъмулӣ ва

махсус аз ин ҷо маншаъ мегирад. Ин ҳамчунин бо он асоснок карда мешавад, ки тавсияҳои илмии аз ҷониби криминалистика ва дигар илмҳои марбута таҳияшуда наметавонанд барои ҳар як вазъияти тафтишӣ, ки мазмуни онро пешгӯӣ кардан номумкин аст, ба ҳисоб гирифта шаванд. Р.С. Белкин дуруст қайд мекунад, ки «... барои дар методикаи криминалистӣ истифода шудан, ҳолатҳои тафтишӣ бояд ба навъ ҷудо шаванд, зеро методикаҳои махсуси ҷудогона маҳз барои ҳолатҳои маъмулии тафтишӣ таҳия шудаанд, ҳамон тавре ки фарзияҳои маъмулии тафтиширо ба назар мегиранд, пайдарпайии маъмули амалҳои тафтиширо низ дар бар мегиранд ва ғ. » [12, с. 71].

Чунин ба назар мерасад, ки танҳо дар асоси таҳлили ҳолатҳои маъмули тафтишӣ тартиби (алгоритми) мувофиқи рафторро таҳия кардан мумкин аст, ки пайдарпайии аломатҳои тафтиши ва тактикаи зарурии амалҳои тафтиширо пешбинӣ мекунанд. Ҳамзамон, «таҳияи методикаҳои тафтиши ҷиноятҳо бо дарназардошти ҳолатҳои тафтишӣ онҳоро мушаххастар карда, самаранокии тавсияҳоро бештар мекунад [124, с. 51].

Ҳар як вазъияти маъмулии тафтишӣ хусусиятҳои худро дорад, ки муайян кардани онҳо ба самараноктар истифода бурдани усулҳои гуногуни тактикии дар ихтиёри муфаттиш қарордошта ва ба методикаҳои дахлдори криминалистии махсус асосёфта мусоидат мекунад. Барои муайян кардани ҳолатҳои маъмулии тафтишӣ бояд ба он такя шавад, ки чунин ҷудокунӣ (типизация) танҳо барои як намуди ҷиноят, дуруст дар марҳилаҳои мушаххаси тафтиш ва дар асоси маҷмуи муайяни шартҳо амалӣ карда мешавад.

Вазъи тафтишӣ, аҳаммияти он барои тафтиши ҷиноятҳо, зарурати ба назар гирифтани он барои таҳия ва истифодаи самараноки тавсияҳои криминалистӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ аз ҷониби муаллифони гуногун (Белкин Р.С., Герасимов И.Ф., Драпкин Л.Я., Колесниченко А.Н., Лавров В.П., Лузгин И.М., Образцов В.А., Селиванов Н.А., Филиппов А.Г., Шиканов В.И. ва ғ.) аз солҳои 60-уми асри XX ёдоварӣ шудааст. Дар муайян кардани мафҳуми вазъияти тафтишӣ равишҳои гуногун мавҷуданд.

Ҳанӯз соли 1977, Колесниченко А.Н. навишта буд: «Вазъи тафтишӣ гуфта ҳолати муайянеро дар тафтиши ҷиноятҳо бояд фаҳмид, ки бо мавҷудияти баъзе далелҳо ва маводи иттилоотӣ ва вазифаҳои мушаххаси ҷамъоварӣ ва тафтиши дар робита ба он бавуҷудомада тавсиф карда мешаванд [161, с. 7].

Герасимов И.Ф. вазъи тафтиширо ҳамчун аломате баррасӣ намудааст, ки худи тафтишро тавсиф мекунад: «Вазъи тафтишӣ маҷмуи омилҳои муқарраршудаи динамикии иттилоотӣ исботкунанда, ташкилӣ, техникӣ ва тактикии тавсифкунандаи тафтишот мебошанд, ки таҳлил ва арзёбии он ба муайян кардани самти тафтиш, қабули қарор ва интихоби воситаҳои амал таъсир мерасонад» [115, с. 61].

Барои вазъияти маъмулии тафтишӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳои марбут ба роҳу нақлиёт, хусусан ҷиноятҳое, ки дар шароити деҳот содир мешаванд, бояд унсурҳои дорои хусусияти иттилоотӣ дошта асос гирифта шаванд. Унсурҳои дигар – дорои хусусияти равонӣ (психологӣ), мурофиавӣ ва тактикӣ, моддӣ ва ташкилӣ-техникӣ – барои фардикунонии вазъи тафтишӣ ба кор бурда мешаванд.

Ба сохтори иттилоотии ҳолатҳои маъмулии тафтишӣ асосан маълумоти дар асоси унсурҳои тавсифи криминалистии ҷиноятҳои марбут ба роҳу нақлиёт аз ҷумла ҷиноятҳои дар шароити деҳот содиршуда дохил мешаванд.

Ҳар як ҳолати маъмулии тафтишӣ дорои маҷмӯи шароити муайяне мебошад, ки мавҷудияти он имкон медиҳад вазъияти мазкур ба марҳилаҳои муайяни тафтиши ҷиноятҳои марбут ба роҳу нақлиёт мутааллиқ дониста шавад.

Ҳама гуна таснифи ҳолатҳои тафтишӣ мавҷудияти маводи муҳимми эмпирикиро дар назар дорад, ки дар асоси онҳо таҳлилу ва хулосабарориҳо сурат мегиранд.

Барои тафтиши ҷиноятҳои марбут ба роҳу нақлиёти дар минтақаҳои деҳот содиршуда дуруст гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар марҳилаи ибтидоии тафтиш аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Дар марҳилаи ибтидоии тафтиш чор гурӯҳи ҳолатҳои маъмулии тафтишии ибтидоӣ фарқ карда мешаванд.

Гурӯҳи аввал ҳолатҳое мебошанд, ки ронанда, воситаи нақлиёт ва ҷабрдида дар ҷойи ҳодиса ҳузур доранд, ё агар онҳо бо сабабҳои муайян, аз қабили расонидани ҷабрдида ба муассисаи тиббӣ аз ҷониби ронанда, дар ҷойи ҳодиса набошанд, иттилооти дақиқ дар бораи онҳо мавҷуд аст.

Гурӯҳи дуюм ҳолатҳоеро дар бар мегирад, ки ҷабрдида дар ҷойи ҳодиса ҳузур дорад, аммо ронанда ва воситаи нақлиёт ғайриҳозир буда, иттилоот дар бораи онҳо вуҷуд надорад.

Гурӯҳи сеюм ҳолатҳое мебошад, ки дар онҳо ҷабрдида ва воситаи нақлиёт дар ҷойи ҳодиса ҳузур доранд, аммо ронандаи воситаи нақлиёт дар маҳал ҳозир нест. Ба гурӯҳи чоруми ҳолатҳо дар ҷойи ҳодиса набудани ронанда, воситаи нақлиёт ва ҷабрдида дохил мешаванд [34, с. 8].

Дар рафти ҳалли вазъияти ибтидоии тафтишӣ оид ба далели ҷинояти марбут ба роҳу нақлиёти дар деҳот содиршуда, вақте муфаттиш дар бораи ҳамаи иштирокчиёни ҳодиса маълумоти зарурӣ дорад, воситаи пинҳоншуда ва ронанда ошкор ва дастгир карда шуда, ҳолатҳои тафтишии барои марҳилаи минбаъдии тафтишот хос ба вуҷуд меоянд. Вобаста ба рафтори шахси гумонбар ба содир намудани ҷиноят, онҳоро ба се намуд тақсим кардан мумкин аст:

1. гумонбаршуда ба гуноҳи худ иқрор мешавад;

2. гумонбаршуда, далели рондани воситаи нақлиётро эътироф карда, вайрон кардани Қоидаҳои ҳаракатро, ки боиси рух додани натиҷаи ҷиноят шудааст, рад мекунад, яъне гунаҳкор будани худро эътироф намекунад;

3. гумонбаршуда худи далели ширкат доштанашро дар ҳодисаи тафтишшаванда рад мекунад.

Чунин ҳолатҳои тафтишии маъмулӣ дар марҳилаи минбаъдии тафтишот метавонанд барои ҳама гуна ҷиноятҳои марбут ба роҳу нақлиёт хос бошанд, на танҳо ба ҷиноятҳое, ки дар шароити деҳот содир шудаанд. Бинобар ин, ба таҳлили ҳолатҳои маъмулии марҳилаи ибтидоии тафтиш муфассалтар таваҷҷуҳ мекунем.

Таҳлили маводи таҷрибавӣ (эмпирикӣ) нишон дод, ки дар марҳилаи ибтидоии тафтиш дар 56% ҳолатҳо *гурӯҳи аввали* вазъиятҳо рух медиҳанд. Ин

ба сабаби он аст, ки дар деҳа пинҳон кардани ҷинояти содиршуда хеле душвор аст; ронандае, ки сабабгори рух додани садама шудааст ва ҷабрдида аксар вақт ҳамдигарро мешиносанд; агар ҷиноят ҳангоми рондани техникаи кишоварзӣ содир шуда бошад, пас аз сабаби суръати пасти он аз ҷойи ҷиноят фирор кардан бисёр душвор аст. Хусусияти фарққунандаи ин навъи вазъиятҳо дар он аст, ки ронанда, ки сабабгори садама шудааст, аз ҷойи ҳодиса бо мақсади таъҷилан бурдани ҷабрдида ба беморхона барои гирифтани кумаки тиббӣ дур мешавад. Ин гуна ҳолат дар 58% садамаҳои нақлиётӣ рух медиҳад, ба шарте ки ҷабрдида зинда бошад. Дар чунин ҳолат, муфаттиш ба мушкилоти марбут ба муайян кардани ҷойи ҳодиса дучор мешавад, ки одатан онро гумонбаршуда нишон медиҳад.

Ҳангоми содир шудани ҷинояти марбут ба роҳу нақлиёт дар роҳи автомобилгард, вақте ки ронанда ва воситаи нақлиёт дар ҷойи ҳодиса қарор доранд, мумкин аст мушкилоти марбут ба муайян кардани шахсияти пиёдагарди ҳалокшуда ба миён ояд.

Дар сурати мавҷуд будани вазъияти гурӯҳи якум, шахсе, ки ҷинояти марбут ба роҳу нақлиётро тафтиш мекунад, метавонад дар бораи ҳолатҳои ҳодиса маълумоти кофии пурра ба даст орад. Барои ин ҷойи ҳодиса ва воситаи нақлиётро аз назар гузаронидан пурсидани ҷабрдида (агар имкон бошад), ронанда, шоҳидони эҳтимолӣ ва ғайра лозим аст.

*Гурӯҳи дуюми* ҳолатҳои маъмулии тафтишӣ дар марҳилаи ибтидоии тафтишот аз ҷузъиёти (компонентҳои) дорои хусусияти иттилоотие ба вуҷуд меоянд, ки иттилоот дар бораи вақт ва ҷойи содиршавии ҷиноят ва оқибатҳои онро дар сурати номуайянии иттилоотӣ дар хусуси механизми ҷинояти содиршуда ва набудани маълумот дар бораи воситаи нақлиёт ва ронанда фаро мегиранд. Ин ҳолати маъмулии тафтишӣ дар 22% ҷиноятҳои омӯхташудаи марбут ба роҳу нақлиёт, ки дар минтақаҳои деҳот рух додаанд, мушоҳида мешавад. Вазифаҳои асосие, ки бояд дар ҳолатҳои зикршуда ҳал карда шаванд, кофтуков ва дарёфти воситаи нақлиёти пинҳонкардашуда ва ҷустуҷӯ ва дастгир кардани ронандаи он мебошанд. Вазъияти баррасишавандаи маъмулии

тафтишӣ дорои хусусиятҳое мебошад, ки дар мунтазамии муайяни иҷроиш, якҷоякунии (омезиши) амалҳои зарурии тафтишӣ ва чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯи ифода ёфта, ба муайян кардан ва ҷустуҷӯи ронанда ва воситаҳои нақлиёти пинҳоншуда равона карда шудаанд. Ҳамин тариқ, самтҳои зерини ҳалли вазъиятҳои маъмулии тафтишии ин гурӯҳро ҷудо мекунем:

1. аз муайян кардани ронанда то муайянкунии воситаи нақлиёт ва ҳолатҳои ҳодиса;

2. аз ошкор кардани воситаи нақлиёт ва мавҷудияти пайҳои ҷиноят дар он то муайянкунии ронанда;

3. аз муайян кардани пайҳои ҷиноят то муайянкунии ронандаи воситаи нақлиёт [175, с. 141].

Дар сурати мавҷуд будани вазъиятҳои гурӯҳи мазкур дар минтақаи деҳот, воситаи нақлиётро дар қисмҳои навбатдории наздиктарини Бозрасии Давлатии Автомобилӣ ё дар нуқтаҳои аҳолинишин, ки дар наздикии ҷойи ҳодиса ҷойгиранд, муайян кардан мумкин аст.

Гурӯҳи дуюми ҳолатҳо маълумотро дар бораи вақт ва ҷойи содиршавии ҷиноят ва эҳтимолан нишонаҳои воситаи нақлиётро ҳам дар бар мегиранд. Барои ин азназаргузаронии ҷойи ҳодиса зарур аст, ки дар рафти он ба ошкор кардани пайҳои воситаи нақлиёт ва эҳтимолан борҳои интиқолдиҳандаи он диққати махсус дода мешавад. Агар дар вақти азназаргузаронии ҷойи ҳодиса муайян шуда бошад, ки воситаи нақлиёт осебе дидааст, ки ба масофаи нисбатан дур ҳаракат карданро имкон намедиҳад, пас минтақаи наздик ба ҷойи ҷинояти марбут ба роҳу нақлиёт ҳам бояд аз назар гузаронида шавад. Ҷабрдида ва шоҳидони эҳтимолии ҷинояти марбут ба роҳу нақлиёт дар бораи нишонаҳои воситаи нақлиёт муфассал пурсида мешаванд. Ҳангоми дастрас кардани маълумот дар бораи рақами мошин ё қисми он, инчунин намуди воситаи нақлиёт, барои муайян кардани соҳиби он мутобиқи қайдҳои БДА бояд чораҳо андешида шаванд. Дар бораи кофтукови воситаи нақлиёт, ки аз ҷойи ҳодиса фирор кардааст, фавран ба қисмҳои навбатдории БДА ва дигар навбатдорони берунии мақомоти корҳои дохилӣ хабар дода мешавад. Пас аз пайдо кардани

воситаи нақлиёт, он бояд бодиққат аз назар гузаронида шуда, ронанда барои шиносоӣ ҳозир карда шавад.

Дар марҳилаи ибтидоии тафтиш гурӯҳи сеюми вазъиятҳо дар 9% -и ҳолатҳои омӯхташуда ба амал меоянд. Ин ҳолатҳо аз шароити дорои хусусияти иттилоотие ба вуҷуд меоянд, ки маълумотро дар бораи вақт ва ҷойи ҳодисаи рухдода, оқибатҳо ва механизми он, инчунин воситаҳои нақлиёти дар он иштирокдошта, ҳангоме, ки шахсияти ронандаи пинҳоншуда номуайян аст, фаро мегирад. Дар ин гуна ҳолатҳо маъмулан бархӯрди ВН ё пахш кардани монеае рух медиҳад, ки дар натиҷа воситаи нақлиёт осеби техникӣ мегирад ва наметавонад ба ҳаракаташ идома диҳад. Ҷабрдидаҳо дар аксари ҳолатҳо ҷароҳатҳои дараҷаҳояшон гуногун мегиранд. Дар чунин ҳолатҳо, ҷабрдида ва шоҳидони айнӣ на танҳо ронандаи аз ҷойи ҳодиса фироркардаро мебинанд, балки баъдтар метавонанд ӯро шиносанд. Аммо, зарурати андешидани чораҳо барои муайян кардан ва тасбити пайҳои моддии аз ронандаи пинҳоншуда боқимонда ҳамоно муҳим мемонад. Ин барои тасдиқи ҳузури ронандаи мушаххас дар сари чанбарак ва ҳамчунин муайян кардани шахсияти ӯ, агар дувумӣ ин далелро рад кунад, кӯмак мекунад. Дар бадани ронанда мумкин аст осебҳои ҷисмонии хос ба садамаи нақлиётӣ боқӣ монанд, ки ҳангоми гузаронидани экспертизаи судӣ-тиббӣ ошкор карда мешаванд.

Вазифаҳои асосие, ки дар чунин вазъияти тафтишӣ ба миён меоянд, ошкор ва ҷамъоварии далелҳое мебошад, ки бо ёрии онҳо шахси идоракунандаи воситаи нақлиёт дар рафти содир намудани ҷинояти марбут ба роҳу нақлиёт муайян шуда, ҳамчунин тактикаи мувофиқи тафтиш барои нобуд ва сохтакорӣ нашудани хусусияти воқеии ҷиноят ва пинҳон намондани шахсияти ҷинояткор муайян кардан мешаванд.

Гурӯҳи сеюми ҳолатҳо дар деҳот, ба назари мо, хеле кам бо сабаби он рух медиҳад, ки воситаи нақлиётро тарк кардани ронанда чизеро тағйир намедиҳад, зеро муайян кардани шахсияти ӯ бисёр осон аст. Ғайр аз ин, хоҷагидории табиии деҳқон ба ӯ иҷозат намедиҳад, ки молу мулки гаронарзишро беназорат гузорад. Тавре таҳқиқот нишон медиҳад, ронандаҳо аксар вақт воситаи

наклиётро дар ҷойи ҳодиса гузошта, фарзияи рабуда шудани онро пеш мегузоранд ё кӯшиши пинҳон кардани далели мастиро мекунанд.

Гурӯҳи чоруми вазъиятҳо дар 13% ҳолатҳои омӯхташуда ба амал меоянд. Ин асосан вақте рух медиҳад, ки дар садама хешовандон ё дӯстони наздики гумонбаршуда осеб мебинанд. Дар чунин ҳолатҳо, ҷабрдидаҳо ба табиати маишии ҷароҳатҳои бардошта ишора карда, фарзияҳои расонидани зарари ҷисмонӣ ба воситаи автомобили номаълум ва ғ.-ро пеш мегузоранд. Хусусияти гурӯҳи чоруми ҳолатҳо дар он аст, ки муфаттиш дар оғози тафтиш танҳо дар бораи оқибатҳои ҳодиса маълумоти муътамад дорад. Дар чунин ҳолат, маъмулан вақт ва ҷойи содиршавии ҷиноят ва шахси онро содирнамуда маълум нестанд. Манбаъҳои гирифтани маълумот дар чунин вазъ азназаргузаронии ҷойи осеб, пурсиши ҷабрдида ва шоҳидон, экспертизаи судӣ-тиббӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, сари вақт ва бо сифати баланд тафтиши пешакии тамоми хабарҳо дар марҳилаи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дошта, самаранокии тамоми раванди ҷамъоварӣ, омӯхтан ва баҳодиҳии далелҳо, қабули қарорҳои дурусти мурофиавиро бештар муайян мекунад.

# БОБИ 3. ТАФТИШИ ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОИДАҲОИ ҲАРАКАТИ РОҲ ВА ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

## 3.1. Хусусиятҳои тактикии амалҳои алоҳидаи тафтишӣ дар тафтиши ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт

Таҳлили ҷиноятҳои мазкур бидуни арзёбӣ ва ташаккули стратегияҳои мувофиқ, ки муфаттиш дар раванди ҷустуҷӯ барои расидан ба ҳадафҳои муайяншуда татбиқ менамояд, ғайримумкин аст. Дар ин замина, омӯхтани воситаҳо ва равишҳои татбиқшаванда аҳаммияти ҳалкунанда дошта, нақшаи дақиқи амалиётро муайян мекунад.

Ба назари мо, пурсиши фаврии гумонбаршуда ба он нигаронида шудааст, ки вай дарҳол аз додани нишондод даст кашида, маълумоти бардуруғ пешниҳод кунад. Ба андешаи мо амалҳои ибтидоии тафтишӣ бояд онҳоеро дар бар гиранд, ки фавран дар оғози тафтиш амалӣ карда шаванд, ҳамчунин амалҳои дигареро, ки иҷроиши фавриро талаб намекунанд, аммо барои ба даст овардани маълумоти барои банақшагирии тафтиш нокифоя равона шудаанд. Амалҳои ибтидоии муфаттиш гуфта, он амалҳои тафтишӣ дар назар дошта шудааст, ки то лаҳзаи ба миён омадани зарурати банақшагирии муфассал анҷом дода мешаванд. Амалҳои аввалини тафтишӣ – ин амалҳои зарурие мебошад, ки муфаттиш дар ҷараёни тафтиши парвандаи ҷиноятӣ сари вақт ва оҷилан онҳоро амалӣ менамоянд.

Барои ин, муфаттиш бояд таҳлили пурраи меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ ва маъмуриро дар ин соҳа хуб бифаҳмад. Ин мавзуъ дар таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибаи амалии тафтиш ва судӣ низ аз тарафи мутахассисони соҳа баррасӣ гардидааст. Зеро вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиёт дар ҳама ҳолат ҷиноят эътироф намешаванд, ҳамеша ронандаро гунаҳгор кардан низ мумкин нест, нисбати иштирокчиёни роҳ низ қонунгузории ҷиноятӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ кардааст.

Ҳатто муфаттишон бояд таҷрибаи муайяни тафтиши чунин парвандаҳои ҷиноятиро дошта бошанд. Тавре ки Е. Попов, мегӯяд, «оид ба тафтиши ҷиноятҳои нақлиётӣ муфаттишони махсусгардонда бояд ҷой дошта бошад. Чунки дар тафтиши ин ҷиноятҳо ҳолатҳои махсус ҷой доранд, ки бо тамоми нозукиҳояш муфаттиш бояд онҳоро ошкор карда ҷиноятро баҳо диҳад» [173, с. 94].

Барои дуруст ва ҳаматарафа гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишӣ тавсияҳои илмӣ ва амалӣ таҳия кардан лозим аст. Бо дарназардошти гуфтаҳои пешин, таҳқиқ ва омӯзиши низоми қонунгузорӣ, такя ба адабиёти илмӣ ва таҷрибаи амалии тафтишот, имконпазир аст, ки барои анҷом додани амалҳои мушаххаси тафтишӣ ҳангоми баррасии ҳолатҳои нақзи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ аз ҷониби иштирокчиёни роҳ, якчанд тавсияҳои тактикӣ пешниҳод карда шаванд, ки иҷрои онҳо ҳатмӣ мебошад.

**Тактикаи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса.** Мувофиқи моддаи 83-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, азназаргузаронӣ бояд ҳамеша бо иштироки шахсони холис гузаронида шавад. Аммо дар ҳолатҳои истисноӣ, аз ҷумла дар маҳалҳои душворгузар, ҳангоми набудани воситаҳои зарурии иттилоотӣ ва инчунин, вақте ки азназаргузаронӣ метавонад ба ҳаёт ва саломатии инсонҳо хатари ҷиддӣ эҷод намояд, гузаронидани он бе иштироки шахсони холис иҷозат дода мешавад.

Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дар ду ҳолат гузаронида мешавад. Вақте ки гумон дар бораи ҷинояти содиршуда вуҷуд дорад ва дар ҷараёни азназаргузаронӣ муқаррар кардани он, ки дар воқеият кадом ҳодиса рӯй додааст, талаб карда мешавад [62, с. 435].

Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса аз рӯйи далели ошкор шудани ҷасад бояд ба таври ғайримарказӣ гузаронида шавад, яъне. аввал ҷасад ва ҷойи хобидаи ҷасадро, сипас атрофи ҷасад ва тамоми қаламрави ҷойи ҳодиса аз назар гузаронида шавад.

Азназаргузаронӣ бо гурӯҳи тафтишӣ-оперативӣ анҷом мешавад, ки муфаттиш, кормандони милиса, корманди тиббӣ-судӣ, эксперт ва нозири

кинолог бо саги хизматиро дар бар мегирад. Қоидаҳои асосии тактикӣ, ки муваффақияти азназаргузаронӣ ва дигар амалҳои тафтиширо таъмин мекунанд, риояи меъёрҳои қонунгузории мурофиавӣ-ҷиноятӣ ва тавсияҳои тактикии криминалистӣ мебошанд.

Дар аксарияти ҳолатҳо, кор дар ҷойи ҳодиса хеле гуногунҷабҳа аст ва онро танҳо тавассути якҷоя кардани амалҳои тафтишӣ, мурофиавӣ ва дигар чораҳои ташкилӣ, ҷустуҷӯӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯӣ иҷро кардан мумкин аст. [37, с. 92]. Аз вазъи моддии ҷойи ҳодиса гирифтани ҳадди аксари маълумоти аз лиҳози криминалистӣ муҳим танҳо дар сурате кафолат дода мешавад, ки амалҳои тафтишӣ ва дигар амалҳои муфаттиш ҳамроҳ бо чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ [13, с. 85] ва бо истифода аз имкониятҳои экспертҳо ва мутахассисон, бо иштироки намояндагони ҷомеа дар якҷоягӣ гузаронида шаванд. Сатҳи ҳамкории муфаттиш бо субъектҳои номбаршуда, инчунин шумораи онҳо, асосан аз дараҷаи вазнинии ҷинояти содиршуда муайян карда мешавад.

Сарфи назар аз он ки азназаргузаронӣ бояд фавран гузаронида шавад, омодагӣ ба он ҳам зарур аст. Муфаттиш бояд пешакӣ муайян кунад, ки кадоме аз мутахассисон, шахсони дигар ҳангоми азназаргузаронӣ иштирок мекунанд ё ҳозир мешаванд; барои ҷустуҷӯ, ошкор кардан ва ба қайд гирифтани пайҳо ва вазъият чӣ гуна таҷҳизот ё техникаи криминалистӣ бояд истифода шавад; омода кардани маводи бастабандӣ, бланкҳои мурофиавӣ ва бланкҳо барои гирифтани пайҳо. Агар имконпазир бошад, пешакӣ ё фавран пас аз расидан ба ҷойи ҳодиса вазифаи ҳар як иштирокчии амали тафтишӣ бояд муайян карда шуда, онҳо аз чораҳои амниятӣ огоҳ карда шаванд, тактика ва методикаи азназаргузаронӣ тавре интихоб карда шавад, ки тамоми минтақа фаро гирифта шуда, ягон объект аз мадди назар дур намонад.

Яке аз асосгузорони криминалистикаи шуравӣ Якимов И.Н., дар ин робита, гуфта буд, ки «натиҷаи азназаргузаронӣ аллакай муваффақияти тафтиши парвандаро пешакӣ муайян мекунад ва бо роҳҳои дигар маводи тафтишие, ки тавассути он ба даст оварда шудаанд, танҳо пурра ва равшан карда мешаванд. Иштибоҳҳои муфаттиш ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса аксар вақт ба

рафти минбаъдаи тафтишот таъсири манфӣ мерасонанд, тафтишотро ба роҳи хато ё сарбаста мебаранд» [18, с. 3]. Яке аз муқаррароти умумии тактикаи азназаргузаронӣ пуррагии гузаронида шудани он мебошад. Татбиқи ин муқаррарот ба истифодаи воситаҳо ва усулҳои техникӣ-криминалистӣ зич алоқаманд аст [125, с. 2-5].

Аз ҷониби криминалистика ва таҷрибаи тафтиши ҷиноятҳо ҳанӯз хеле барвақт муайян карда шудааст, ки азназаргузаронии ҷойи ҳодиса амали хеле мураккаби тафтишӣ мебошад, ки аз дақиқан муайян кардани ҷой дар маҳал оғоз мешавад ва азназаргузаронии дақиқи ашёи моддии вазъияти онро ташкилдиҳанда, ҷустуҷӯ ва бақайдгирии пайҳои боқимондаи ҷиноятоткорро фаро мегирад. Муваффақияти тафтиш аз бисёр ҷиҳат ба сифати азназаргузаронии амалишуда вобастагӣ дорад – кайҳост ба аксиомае табдил ёфтааст, ки дар амал, мутаассифона аксар вақт нодида гирифта мешавад.

Василев А.Н. дар илми криминалистика таърифи бунёдии мафҳуми азназаргузаронии ҷойи ҳодисаро чунин таҳия кардааст: «Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса амали тафтишие мебошад, ки иборат аз ҷониби муфаттиш бевосита дарк, таҳқиқ ва муайян кардани вазъияти ҷойи ҳодиса, инчунин ошкор, муайян ва мусодира кардани пайҳо ва далелҳои шайъиро дар бар мегирад» [17, с. 5].

Чораҳои омодасозӣ барои азназаргузаронии ҷойи ҳодиса аз омода будан ва ба ҷойи ҳодиса рафтан, омодагӣ ба азназаргузаронӣ баъди он ки хабар дар бораи ҳодиса омадааст ва аз омодагӣ барои дар ҷойи ҳодиса амалӣ кардани онҳо иборат мебошанд. Чунин ҳолатҳо вобаста ба ҷинояти баррасишавандаи мо вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиёт низ тааллуқ дорад.

Дар ин ҷиноятҳо муфаттиш дар рафти азназаргузарони вазифаҳои зеринро доро аст:

1) хабарро дар бораи садамаи нақлиётӣ қабул карда, аниқ намояд, ки чӣ тавр садамаи нақлиётӣ ва дар куҷо ба амал омадааст ва дар бораи ҳифзи вазъияти он чораҳо андешад;

2) огоҳ кардани шахсоне, ки муҳофизати ҷойи ҳодисаро ташкил кардаанд (кормандони БДА, нозирони роҳ, нозирони минтақавӣ ва ғ.). Инчунин шоҳидонро муқаррар намоянд, чунки нишондодҳои онҳо пеш аз оғози азназаргузаронӣ муҳим мебошанд;

3) дастур диҳад, ки ба ҷабрдидагон ёрӣ расонида шавад;

4) муқаррар намояд, ки кормандони БДА ва милитсия барои боздошти шахсони гумонбаршуда ва пешгирии оқибатҳои ҳодисаи нақлиётӣ чораҳо андешидаанд ё не;

5) муқаррар кардани ҳолати оперативӣ дар ин мавзеъ ҷой дошта метавонад ё не;

6) санҷидани омодагии ҷомадони тафтишӣ, дастгоҳи аксбардорӣ ва дигар воситаҳо, ки дар рафти азназаргузаронӣ истифода мешаванд ва ҳатто таъмини амнияти ҷойи ҳодиса;

7) даъват кардани мутахассисон ва шахсони холис ба ҷойи садамаи нақлиётӣ.

Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса бо дигар навъҳои тафтиш ивазнопазир мебошад, зеро дар ҷараёни он таҳлили касбӣ ва омӯзиши воқеиятҳое анҷом дода мешавад, ки дар дигар манбаъҳо дастрас нестанд. «Азназаргузаронӣ яке аз муҳимтарин чораҳои тафтишӣ дар парвандаҳои ҷиноятии вобаста ба нақзи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт мебошад. Қарори оғоз ё рад кардани парвандаи ҷиноятӣ метавонад ба натиҷаҳои ин чора вобаста бошад. Пайҳои моддӣ, ки сари вақт ошкор ва сабт нашаванд, метавонад гум шаванд. Бо сабаби ин, азназаргузаронии такрорӣ аҳаммияти ибтидиро надошта, наметавонад ба он баробар ҳисоб шавад» [162, с. 90].

Олим Илченко Ю.И. ба омӯзиш ва таҳлили вазъи моддии ҷойи садамаи нақлиётӣ  тадқиқоти зиёд бурда, бар ин назар аст, ки «манзараи ҷойи ҳодиса зуҳуроти берунии мазмуни дохилии ҳодисаи нақлиётӣ буда, шакли ягонаи мавҷудияти он мебошад. Мисли ҳар як ҳодиса ё ҳодисаи олами объективӣ ҳодисаи моддии расмӣ буда, ҳамчун маҷмуи қисмҳо ва унсурҳои ба ҳам алоқаманд амал мекунад. Ин маҷмуа дорои сохтори муайян – сохторест, ки

онро ҳам дар натиҷа ва ҳам ҳамчун раванд баррасӣ кардан мумкин аст – тағйироти пайваста ва табиии ҳолати маҷмуи унсурҳои додашуда мебошад» [160, с. 8; 97, с. 81-124; 145, с. 85-93].

Дарки вазъияти содиршавии ҷиноят ва мавҷудияти пайҳо дар он ба муфаттиш имконият медиҳад, ки ҳодисаи ҷиноятиро абстрактӣ ва рӯякӣ такрор намояд [97, с. 81-24; 145, с. 85-93]. Бояд гуфт, ки аъзоёни гурӯҳи оперативӣ-тафтишӣ ҳамон объектеро қабул мекунанд, ки бевосита ба суиқасди садамаи нақлиётӣ равона шуда бошад. Муфаттиш дар асоси дарки вазъияти содиршавии ҷиноят ва фаҳмиши муфаттиш дар бораи ҳолатҳои алоҳидаи садамаи нақлиётӣ маълумоти зарурӣ мегирад.

Таҳлили суҳбатҳо бо кормандони мақомоти тафтиш ва БДА нишон дод, ки сабаби асосии ба таври кофӣ истифода нашудани ин амали муҳими тафтишӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар ҳолати маълум будани ҳолати вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳ аз ҷониби ронандагон муфаттишон аксар ба ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ ва сабти пайҳои дар ҷойи ҳодиса боқимонда аҳамияти заруриӣ намедиҳад.

Мо бар ин боварем, ки истифодаи чунин амалияҳо ҳангоми тафтиши ҳолатҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ номақбул мебошад. Тактикаи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса вобаста ба гурӯҳи ҷиноятҳои баррасишаванда се марҳиларо дарбар мегирад: омодагӣ, иҷро ва анҷомӣ.

Пеш аз сафар ба ҷойи ҳодисаи нақзи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ муфаттиш бояд:

– маълумоти воридшуда ба шуъбаи минтақавии милитсия аз ҷониби нозирони БДА-ро дақиқ ва муфассал баррасӣ намояд ва шароити содир шудани ҷиноятро, ки дар доираи он корҳои тафтишӣ сурат мегиранд, равшан созад;

– ба навбатдори қисми оперативӣ (корманди оперативии навбатдор) оид ба андешидани чораҳо ҷиҳати ҳифзи ҷойи ҳодиса дастуру супоришҳо диҳад. (Ҳатто ба кормандони БДА, ки аллакай дар ҷойи ҳодиса қарор доранд, барои таъмини ҳифзи он дастур диҳад);

– ҳайати гурӯҳи тафтишию оперативиро муайян намояд.

Барои аз назар гузарондани ҷойи ҳодиса ҳангоми сар задани садамаҳои нақлиётӣ мутахассисони соҳавӣ бояд чалб карда шавад. Дар ин асно олимон ба монанди Егоров Н.Н. ва Ищенко Е.П. пешниҳод доранд, ки «ёрии мутахассисон ва истифодаи воситаҳои техникӣ дар тафтиши садамаҳои нақлиётӣ доираи тафтиши вазъияти содиршавии ҷиноятро дар ҷойи ҳодиса хеле васеъ карда, имкон медиҳад, то маълумотҳое, ки ошкор карданашон мушкил аст, ошкор карда шаванд» [38, с. 266].

Карлова В.Я. дуруст мешуморад, ки «воситаҳои техникӣ-криминалистӣ имконият медиҳанд, ки маълумоти муфассал ва дақиқ дар бораи пайҳои моддӣ оид ба ҳодисаи ҷиноят ба даст оварда шаванд» [41, с. 118]. Ин воситаҳо робитаи сабабию таъсириро байни кирдор ва оқибатҳои он боэътимод муайян намуда, аломатҳои шахсони дахилдор ва дигар ҷузъиёти муҳимро муайян месозанд.

Ҳангоми расидан ба ҷойи ҳодиса бошад, то оғози тафтиши ҷинояти муфаттиш бояд чунин амалҳоро анҷом диҳад:

- ➢ аз кормандони БДА ва дар мавридҳои зарурӣ шоҳидони дар ҷойи ҳодиса хузурдошта оид ба тартиби вайроншавии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ каме суҳбат кунад;
- ➢ таъмини амнияти ҷойи ҳодиса ё муҳофизаи атрофи онро ташкил карда, шоҳидони зарурирo, ки пурсиш нашудаанд, даъват карда, бо онҳо суҳбат намояд;
- ➢ шахсони бегонаро, ки барои тафтиш зарур нестанд ё ба рафти он халал мерасонанд, аз ҷойи ҳодиса дур кунад;
- ➢ ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни ин амали тафтиширо пурра фаҳмонад;
- ➢ истеҳсолоти тафтиши ҷойи ҳодисаро ба роҳ монда тарзу усули гузаронидани онро муайян кунад.

Дар рафти баамалбарории азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ҳангоми вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо муфаттиш чунин амалҳоро бояд анҷом диҳад:

– биноҳои дар назди ҷойи ҳодисаро азназаргузаронида, системаи назорати видеоии берунаи биноҳоро муайян кунад;

– ба мутахассис оид ба амалигардонии сабти навори видеоӣ ё суратгирии куллӣ ё ҷузъии ҷойи ҳодиса супоришҳо диҳад ё ҳангоми иштирок надоштани он шахсан ин амалро анҷом диҳад.

Дар шароити гузарондани азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дар ин ҷиноятҳо истифодаи усули мутамарказонии азназаргузаронӣ (аз атроф ба марказ) ё азназаргузаронии нуқтавӣ-азназаргузаронии воситаи нақлиёт ба мақсад мувофиқ аст.

**Давраи дуюм марҳилаи кории азназаргузаронии ҷойи ҳодиса мебошад.**

Дар ҳолатҳое, ки воситаи нақлиётро ронанда ё мусофир идора кардааст, муфаттиш вазифадор аст, ки пайҳои пойафзолро ҷамъоварӣ кунад, зеро онҳо барои муайян кардани шахсияти ронанда муҳиманд. Пайҳои ёфтшуда бояд бо усули ченкунии мистарӣ муайян ва дар протокол сабт гарданд. Агар пайҳо ҳаҷмӣ бошанд, онҳоро бо қолабгирӣ бояд сабт намуд.

Вақте ки пайҳои моддии ҷиноят аз ҷойи ҳодиса ошкор ва ҷамъоварӣ мегарданд, тафтиши ҷиноят осон мегардад [41, с. 117].

Бо шиносоии муфассал бо минтақаи атроф ва шароити садамаи нақлиётӣ, муфаттиш метавонад хусусиятҳои роҳро, аз ҷумла таъйинот, намуди сатҳ, ҳолати ҷӯйборҳои канори роҳ, пиёдароҳаҳо, чароғакҳои роҳнамо, истгоҳҳои нақлиёти ҷамъиятӣ ва аломатгузориҳоро муайян намояд. Ин маълумот имкон медиҳад, ки механизми рухдодҳои садама дуруст фаҳмида шуда, диққат ба нуқтаҳои асосии ҳодиса равона гардад. «Тавсия дода мешавад, ки то шуруи бевоситаи азназаргузаронӣ дар ҷойи садама истода, онро бодиққат нигоҳ кардан лозим аст. Вақте ки сарфи сайру ҳаракат дар қаламрави атроф мешавад, хеле кам беҳуда меравад. Аксари он чизе, ки муфаттиш дар ин вақт меҷӯяд, бо интизоъ (абстраксия) наздик аст. Бо «эҳсос кардан»-и садамаи нақлиётии ба чунин тарз ташаккулёфта дубора аз назар гузаронидани ҷойи ҳодиса ва воситаҳои нақлиёт муфид аст, то фарзияҳо ё тахминҳои интуитивӣ тасдиқ ё рад карда шаванд» [8, с. 137].

Барои он ки чизе аз даст наравад ва ҳамаи шахсони манфиатдор ва иштирокчиёни ҷараёни минбаъдаи баррасии парванда «хабардор» бошанд, бояд фавран самти татбиқи азназаргузаронӣ муайян ва дар протокол қайд карда шавад. Агар пахш кардани (бархӯрд бо) пиёдагард ё ягон монеа рух дода бошад, беҳтар аст, ки ҷойи ҳодиса мутобиқ ба самти ҳаракати нақлиёт аз назар гузаронида шавад. Ҳангоми бархӯрди якчанд ВН-и ба як самт ҳаракаткунанда азназаргузаронӣ бояд мутобиқ ба самти ҳаракати онҳо гузаронида шавад. Ба манбаи рӯшноӣ низ диққат додан лозим аст. Масалан, агар офтоби тулуъ ё ғурубкунанда дурахшон бошад, пас албатта, аз назар гузаронидани ҷойи ҳодиса дар ҳолате муносиб аст, ки манбаи рӯшноӣ дар қафо монда бошад ва ба азназаргузаронӣ халал нарасонад. Агар дар вақти шабона дар яке аз самтҳои ҳаракат ҷараёни пуршиддати нақлиёт ба амал омада бошад, пас беҳтар аст, ки ин ҷой ҳангоми аз қафо ҳаракат доштани ҷараён аз назар гузаронида шавад. Вобаста ба макони бархӯрд нисбат ба хатҳои ҳаракат низ ҷойи садамаро аз назар гузаронидан мумкин аст. Масалан, агар садамаи нақлиётӣ дар хатти канорӣ рух дода бошад, пас беҳтар аст он ҳамчун хатти канории рост ҳисобида шуда, азназаргузаронӣ дар ҳамон самт сурат бигирад. Ин кор ташкили гардиш дар макони садамаро осон мекунад. Агар садама дар мобайни қисми мошингарди роҳ ба амал ояд, азназаргузаронӣ душвортар аст. Дар чунин ҳолат, бояд ба ҷараёни ҳаракат диққат дода шавад, то қисми мошингард то баландтарин ҳадди имкон барои ҳаракат озод карда шавад. Дар протоколи азназаргузаронӣ самти он бо ибораи зерин сабт мешавад: «Азназаргузаронӣ дар самти ... гузаронида шуд».

Баъдан, дар кадом самт гузаронида шудани азназаргузаронӣ набояд фаромӯш шавад, то ягон нофаҳмӣ ба вуҷуд наояд. Ба андешаи мо, ба бланки азназаргузаронии ҷойи ҳодиса (на танҳо садамаи нақлиётӣ) дохил кардани сутуни махсус мувофиқи мақсад аст.

Дар марҳилаи азназаргузаронии умумӣ бояд нақшаи садамаи нақлиётӣ таҳия шавад, ки андозаи роҳ, воситаҳои нақлиёт, ҷасадҳо ва дигар ашёро нишон диҳад.

Дар ин марҳила муфаттиш бояд шароити роҳ, аз ҷумла паҳно, таъйинот, намуди сатҳи роҳ (асфалт, шағал, хок ва ғайра) ва ҳолати қисми мошингарди роҳро ба таври дақиқ сабт кунад.

Дар роҳҳои деҳот сатҳи роҳ омехтаи асфалт, шағал ва хок буда, баъзан қисми канорӣ вуҷуд надорад ва харобиҳо зиёд мешаванд. Ғайр аз ин, гардишҳои зиёд ва тағйирёбии шароити обу ҳаво низ тавсифи роҳро душвор мекунанд.

Ғайр аз ин, барф метавонад ковок, ҳамворшуда, бо оби ях мулоимшуда ё ях дар чуқурии чархҳои мошинҳои гузашта сахт шуда бошад.

Ҳамчунин, роҳ метавонад пурра ях баста ё бо қабати барф пӯшонида шавад. Қабатҳои лағжони роҳҳои деҳот метавонанд бо рег, шағал, даҷғол (шлак) ё хок фаро гирифта шаванд.

Дар чунин вазъият, сифати пайвастии васоити нақлиёт танҳо тавассути озмоиш ва бевосита пас аз азназаргузаронии ҷойи садама муайян карда мешавад.

Андозагирии паҳнои қисми мошингарди роҳ дар аксар ҳолатҳо мушкил намесозад. Вале агар дар роҳе бо сатҳи болоии комил марзи қисми мошингарди роҳ равшан бошад, муайян кардани паҳнои қисми мошингарди роҳ дар қитъаҳои миёни деҳот баъзе душвориҳо дорад, зеро сарҳади он дақиқ дида намешавад.

Аз ин рӯ, барои андозагирӣ на танҳо қитъаи ҳамворшудаи роҳ, балки қитъаҳои шафати он низ бояд ба диққат гирифта шаванд ва дар протокол андозаи онҳо ҳамчунин мувофиқ будан ё набудани онҳо барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт қайд карда шавад.

Паҳнои қисми мошингарди роҳ дар деҳот метавонад дар ҷойҳои гуногун яксон набошад. Дар чунин ҳолат бо истифодаи хатти асосӣ канори қисми мошингард муайян ва паҳнои он дар ҷойҳои танг ва васеъ бо аломатгузорӣ дар нақша чен карда мешавад.

Барои андозагирии радиуси каҷӣ (хамгаштӣ) усули зерин истифода мешавад: дар қисми барҷастаи хамгаштӣ ду аломат гузошта мешаванд, ки бояд

дар ҳудуди хамгаштӣ қарор дошта бошанд; масофаи байни онҳо ихтиёрӣ, вале на камтар аз 10-15 метр интихоб мегардад; сипас масофаи байни аломатҳо ва перпендикуляре, ки аз мобайни бурииш то камонаки гардиш кашида шудааст, чен карда мешавад.

Маълумоти ҷамъоваришуда минбаъд имконият медиҳанд, ки андозагирии зарурӣ анҷом дода шавад. Муайян кардани кунҷи баландӣ ё нишебии роҳ, вақте нишондиҳандаҳои лозим вуҷуд надошта бошанд, бо усули зерин сурат мегирад: дар қисми автомобилгарди роҳ охири чентаноб бо нишони «сифр» насб карда мешавад; пас тасма (банд) то 10 метр уфуқӣ кашида мешавад; масофа аз сатҳи роҳ то тасма бо нишондодҳои 5 ва 10 метр чен карда мешавад.

Ба ҳамин тартиб нишебии паҳлуи қисми мошингарди роҳ низ муайян карда мешавад. Ин маълумотҳо дар қарор барои таъйини экспертизаи авто-техникӣ истифода шуда, имкон медиҳад радиуси гардиш ва кунҷи баландӣ (нишебӣ) ҳисоб карда шаванд. Андозагириҳои мазкурро бо ёрии тарозае ҳам анҷом додан мумкин аст, ки дар анбори қариб ҳар як заминдори деҳот мавҷуд аст. Дараҷасанҷи электронии сохтмонӣ метавонад кори муфаттишро дар муайян кардани нишебии роҳи мошингард хеле осонтар кунад.

Пас аз тавсифи қисми мошингарди роҳ ба паҳно ва ҳолати қисмҳои канории роҳ, мавҷудияти ашёе, ки ҳаракатро маҳдуд мекунанд (тӯдаҳои шағал, сангҳои калон, буттазорҳо ва ғ.) диққат додан лозим аст. Ғайр аз ин, мавҷудияти сатҳҳои алафӣ, кӯлмакҳо, ҷойҳои фурӯрафта, ҳамворшуда ё нармшуда бояд тавсиф карда шаванд. Дар деҳот аксар вақт роҳҳо қисми канорӣ надоранд ё бо онҳо қисми мошингарди роҳ якҷо ҳастанд, ки ин ҳолат низ бояд дар протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса инъикос карда шавад.

Бо тавсифи ҳолати қисмҳои канории роҳ, бояд ба баландии резиши роҳ ба болои минтақаи атроф, инчунин ба мавҷуд будан ё набудани монеаҳои канорӣ диққат дода шуда, намуд ва андозаи онҳо нишон дода шавад. Хусусиятҳои мазкур метавонанд муҳим бошанд ва ба ҳолатҳои садамаи нақлиётӣ таъсир расонанд. Воқеан, ронанда ҳангоми амал кардан дар ҳолати садамавӣ, бешубҳа

фурсати таваҷҷуҳ кардан ба ҳолати қисмҳои канории роҳ, монеаҳо ва баландии он аз муҳити атроф метавонист диққат диҳад.

Ҳангоми инъикоси вазъи шароити роҳ дар ҳолати боришот, танҳо ишора ба боришоти барф ё борон кофӣ нест. Барф метавонад хушк ва кам ё часпанда ва ғафс бошад. Борон бошад метавонад кам, пуршиддат, бо жола ва раъду барқ ҳамроҳ бошад, ки дурахши барқ ба таври назаррас қобилияти дидани роҳро беҳтар мекунад ва овози раъду барқ метавонад иштирокчиёни ҳаракат дар роҳро ба ташвиш андозад. Дар сурати мавҷуд будани чунин боришоти атмосферӣ беҳтар аст ба фаҳмидани қобилияти дидашавӣ фавран эксперимент гузаронида шавад, зеро чунин боду ҳаво шояд дар ояндаи наздик дигар ба вуҷуд наояд.

Пеш аз азназаргузаронии муфассали макони бевоситаи садамаи нақлиётӣ, зарур аст, ки воситаҳои нақлиёт ва дигар ашёҳои мавҷуда ба ягон объекти бебарқ ё беҳаракат маҳкам карда шаванд. Ҳама гуна андозагирӣ бояд бо кунҷҳои рост ва дақиқ сурат гирад.

Ҳамзамон, макони ҷойгиршавии объекти азназаргузаронидашавандаро нисбат ба хатҳои меҳварӣ ё марзҳои қисми автомобилгарди роҳ чен намуда, бо протокол сабт кардан лозим аст. Агар чунин хатҳо мавҷуд набошанд, андозагирӣ бояд нисбат ба сарҳади қисми мошингард ё канори он анҷом дода шавад. Бо ин усул объектҳои дар ҷойи ҳодиса ҷойгиршударо «баста», ба тавсиф ва бақайдгирии пайҳои (нишонаҳои) дар минтақаи азназаргузаронидашаванда мавҷудбуда шуруъ кардан мумкин аст.

Нишонаҳои ҳаракати воситаҳои нақлиёт, аз қабили боздорӣ, лағжиши паҳлуӣ ва албонҷхӯрии озод бояд бо дақиқии баланд сабт гарданд, зеро онҳо имконият медиҳанд мавқеи воситаҳои нақлиётро дар вақти муайяни ҳодиса ва баъзан суръати ҳаракати онҳоро муайян намоянд.

Ҳангоми ченкунии нишонаҳои боздорӣ, дарозии ҳар як нишонаро то ҳар як чархи воситаи нақлиёт ба таври дақиқ қайд кардан лозим аст. Оғози ҳар нишонаи боздорӣ бояд бо нишон додани масофа аз сарҳади қисми мошингард ва дигар иншооти бебарқ сабт шавад.

Агар пайҳои ҳаракат хатти каҷ дошта бошанд, онҳоро ба қисматҳои кӯтоҳи 1-2-метрӣ тақсим намуда, ҳар як қисматро нисбат ба канори қисми мошингард алоҳида чен ва сабт кардан лозим аст.

Аз нишонаҳои боқимонда дар қисми мошингарди роҳ метавон намуди воситаи нақлиёт ва самти ҳаракати онро муайян кард.

Ба андешаи мо, маъмултарин нишонаҳое, ки самти ҳаракати воситаи нақлиётро дар минтақаи деҳот нишон медиҳанд, Алексеев Н.С. ва Маскутов И.Х. тавсиф кардаанд [7, с. 62]. Масалан, дар пайҳои аз шина боқимонда болои кунҷҳои нақши протектор ба самти муқобили ҳаракат равона шудаанд. Пайҳои боқимонда пас аз ҳаракат аз болои кӯлмак бар асари ҷорӣ шудани об ва лой ба самти ҳаракат мутобиқанд. Қатраҳои моеъ (об, равған) ҳангоми ҳаракат бо нӯгҳои дарозшуда ба самти ҳаракат нигаронида мешаванд. Дар умқи пай, ки дар рег, хок ё барф боқӣ мондааст, метавон аломатҳои дандонаҳои зинадори ғубор ё канорҳое мушоҳида кард, ки паҳлуҳои онҳо ба самти ҳаракат моил мебошанд.

Ҳамчунин, агар дар сатҳи нарми рег, хок ва дигар масолеҳ гандумпоя ё шохаҳои растанӣ бошанд, пас аз ҳаракат нӯги шикастаи онҳо ба самти ҳаракат нигаронида мешавад.

Дар наздикии пайҳои дохили чанг (ғубор) навардакҳое ба вуҷуд меоянд, ки пайи кунҷи тезро ташкил медиҳанд, ва болои он ба самти ҳаракат равона шудааст. Пораҳои хок тавассути чархҳо ба самти муқобили ҳаракат равона мешаванд. Алафҳо дар самти ҳаракат, ҳангоми лағжидан ба самти муқобили ҳаракат мечаспанд. Ҳангоми ҳаракат бо суръати тезтар ҳарду тарафи пай зарраҳои хок дар шакли бодбарак пайдо мешаванд, ки бо канори тези худ ба самти ҳаракат гардонида шудаанд. Суръати ҳаракат ҳар қадар баландтар бошад, болҳои бодбарак ҳамон қадар васеътар мешаванд.

Ошкор ва ба қайд гирифтани пайҳои чархи нақлиёти автомобил аҳаммияти махсус пайдо мекунад, агар воситаи нақлиёт аз ҷойи ҳодиса фирор карда бошад. Дар чунин ҳолат бо муайян кардани самти ҳаракат аз ақиби пайҳои нақлиёти фироркарда рафтан лозим аст, то истгоҳҳои эҳтимолие, ки барои

ронандаи пинҳоншаванда барои азназаргузаронии воситаи нақлиёт заруранд, муайян карда шаванд. Дар нуқтаи қатъ шудани ҳаракат пайҳо махсусан намоёнтаранд. Дар ҷойи садамаи нақлиёт метавон қисмҳои вайроншудаи мошин, пораҳои либоси ҷабрдида ва дигар нишонаҳои боқимондаро ёфт. Баъзан ронанда баъзе қисмҳои осебдидаро таъмир ё шуста, тоза мекунад, вале пайҳои хурде, ки боқӣ мемонанд, метавонанд барои шинохти ӯ истифода шаванд.

Вақте мошин зуд ба ҳаракат медарояд, дар роҳ пайҳои лағжиш боқӣ мемонанд, ки шояд ба нишонаҳои боздорӣ монанд бошанд. Аммо фарқи онҳо дар он аст, ки ҳангоми суръат гирифтан, сангреза ва регрезаҳо аз чархи мошин ба берун партофта шуда, дар роҳ харошидаҳо ба вуҷуд меоранд. Вале вақте мошин бозмедорад, ин зарраҳои хурд ба рӯйи роҳ фишурда шуда, харошидаҳо дар он ҷой мемонанд.

Ҳар як нишонаи лағжиш ё харошида бояд бо миқёси дақиқ дар нақша сабт шуда, бо акс низ сабт карда шавад, то баъдан барои таҳқиқи ҳолат истифода шавад.

Марҳилаи авҷи азназаргузаронии муфассали ҷойи ҳодиса муайян кардани макони бевоситаи садама мебошад, ки бояд бо ишора ба тамоми аломатҳо инчунин ба «бастан» ба ашёҳои беҳаракат (статикӣ) ва сарҳади қисми мошингарди роҳ тавсиф карда шавад. Ҳар як намуди садама нишонаҳои худро дорад, ки ҷойи фалокатро нишон медиҳад.

**Азназаргузаронии воситаи нақлиёт** барои муайян кардани шахси гунаҳгор аҳаммияти хосса дорад. Бо сабаби он, ки ронанда ва воситаи нақлиёт иртиботи доимӣ доранд, ҳангоми азназаргузаронии воситаи нақлиёт метавон якчанд пайҳоро муайян кард, ки ба ронанда тааллуқ доранд ва шахсияти онҳоро муайян мекунад.

Азназаргузаронии воситаи нақлиёт бо мақсади муайян кардани пайҳои ҳангоми садама бавуҷудомада, барқарор кардани механизми садама, муайян кардани ҳолати техникии воситаҳои нақлиёт ва ғайра гузаронида мешавад.

**Азназаргузаронии воситаи нақлиёт**

Азназаргузаронӣ (тафтиш) – ин равандест, ки дар он муфаттиш ҳама ҷузъиёт ва ҳолатҳои мошинро санҷида, сабт мекунад. Ин барои фаҳмидани сабаби садама ва муайян кардани шахси гунаҳкор кумак мекунад.

**Чӣ чизҳоро тафтиш мекунанд?**

- Намуди мошин ва модели он.
- Ҳолати берунии мошин, аз ҷумла харошидаҳо, шикастагӣ ва дигар аломатҳои осеб.
- Мавҷудияти бор ва чӣ гуна баста шудани он.
- Аломатҳои хоси садама, мисли пайҳои гузошташуда (масалан, нуқтаҳои зарба) ва нишонаҳои қабулкардашуда.
- Системаи тормоз ва идоракунӣ, ки кор мекунад ё не.
- Агар ронанда мошинро тарк карда бошад, пайҳои ангуштӣ ва нишонаҳои дигарро барои шинохти ӯ ҷамъ мекунанд.

**Барои чӣ ин кор муҳим аст?**

Бо кумаки ин тафтишот тафтишгар метавонад:

- Сабаби садамаро фаҳмад.
- Баъзе маълумотро дар бораи ҳаракати мошин ва суръати он дастрас кунад.
- Муайян кунад, ки кӣ мошинро рондааст.

Мавқеи воситаи нақлиёт дар ҷойи садама нисбат ба унсурҳои роҳ (пиёдагард, алафзор), аломатҳои доимӣ (гӯшаи бино ва ғайра) ва дигар воситаҳои нақлиёт бояд ҳатман ба қайд гирифта шавад. Дар ин ҳолат аксбардорӣ ва нақшакашӣ сурат мегирад. Мутафтиш тибқи маълумоти дар бораи шароити ҳодиса тартиби азназаргузаронии воситаи нақлиётро муайян мекунад. Тафтиш бояд аз қисматҳое оғоз гардад, ки дар онҳо аломатҳои осеб, пайҳо ва ашёҳои марбут ба ҳодиса дида мешаванд. Аммо, чун қоида, азназаргузаронӣ «аз поён ба боло» гузаронида мешавад. Он бояд аз қисми пеши мошин шуруъ шавад. Бампер, чароғҳои рӯшноидиҳанда ва чароғҳои поёни онҳо, шишаи пеш, сарпӯши муҳаррик (капот), қанотҳои пеш ва ғайра бояд дақиқан аз назар гузаронида шаванд. Ҳангоми азназаргузаронии қисми поёни

мошин диққат ба қисмҳои ҳаракаткунанда, қисмҳои баромадаи тирҳо (меҳварҳо), рессорҳо, картери муҳаррик, меҳвар, дода мешавад, ки дар онҳо пораҳои либос, мӯй, хун, зарраҳои моддаи майна, ранг ва ғ.-ро пайдо кардан мумкин аст .

Пайҳои дастҳоро дар ҷойҳое ҷустан лозим аст, ки ба тағйирот камтар дучор шуданд – чанбарак, дастаки ивазкунии суръат, равзанаи идоракунӣ ва ғайра; пайҳои бӯйро бошад аз нишастгоҳҳо ва ашёи марбут ба он, ки ронанда ва мусофирон ба онҳо даст мерасонданд ҷустуҷӯ кардан беҳтар аст. Дар рафти азназаргузаронии воситаҳои нақлиёт аз таҷҳизотҳои назорати техникии нақлиёт истифода мегардад, ки барои ошкор кардан, сабт намудан ва мусодира кардани пайҳо равона шудаанд. Ҳамчунин, барои расидан ба ҷойҳои дастнорас, эндоскоп - асбоби тиббӣ бо системаи равшанӣ ва оптикӣ  метавонад истифода шавад.

Барои осонтар шудани азназаргузаронӣ беҳтар аст, ки мошин ба қисмҳо тақсим карда шавад: пеш, чап, қафо, рост, сарпӯши муҳаррик (капот), сарпӯши бордон (бағоҷ), бом, зери капот, шинаҳо ва чархҳо, чанбарак, боздорҳо, таги мошин, дохили салон ва таркиби бордон. Аз сабаби зиёд будани шумораи қисмҳову таҷҳизот тавсифи техникаи кишоварзии ба садама дучоршуда мушкилтар аст. Дар чунин ҳолат, тавре қаблан қайд карда шуд, беҳтар аст аз ёрии ягон механик ё ягон коргари дигари ширкати кишоварзӣ истифода шавад. Агар муфаттиш мошини кишоварзиро мустақилона аз назар гузаронад, пас тавсия дода мешавад, ки тракторро ба қисмҳо тақсим кунад: кабина, муҳаррик, трансмиссия, редукторҳои меҳвари ҳаракатдиҳанда, системаи овезон ва ғайра.

Дар воситаи нақлиёт мумкин аст пайҳое ошкор карда шаванд, ки маҳз ба ҳамин навъи садама хос мебошанд.

Вақте ки пиёдагард пахш мешавад, муайян кардани макон ё нуқтаи бархӯрд аҳаммияти калон дорад. Нуқтаи бархӯрд одатан бо ҷойи пайдо шудани ҷабрдида баробар намешавад. Ин ба он вобаста аст, ки бо сабаби массаи калон ва энергияи баланди кинетикии мошин, бадани инсон дар лаҳзаи бархӯрд ба мошин "часпида" ва муддати муайян бо он ҳаракат мекунад, пеш аз он ки ба

замин афтад. Аломати дақиқи ҷойи пахшкунӣ ё бархӯрди мошинҳо одатан ифлосӣ, хок ё дар фасли зимистон қабати барф мебошад, ки аз пойи мошин, қанотҳо ва дигар қисмҳои он ба замин меафтад. Барои дарёфти мавқеи мутақобилаи воситаҳои нақлиёт, ҷабрдидаҳо, пайҳо ва ашёи дигар, аксбардорӣ ва андозагирӣ ба таври дақиқ ва саривақтӣ анҷом дода мешавад. Ҳамзамон, дар маҳал бояд мавқеи мошинҳо ва нишонаҳо чен ва бо усули «бастан» сабт карда шаванд [87, с. 24].

Масалан, дар сурати пахш кардани пиёдагард, бояд ба қисмҳои баромадаи баданаи мошин, эҳтимоли ҷудошавии хок, лой, ранг аз сатҳи онҳо диққати махсус дода шуда, мавҷуд будани фурӯрафтагиҳо дар қисмҳои пеш ва канори воситаи нақлиёт муайян карда шавад. Дар ин робита, таҳқиқоте, ки Коржаков И.К. анҷом додааст, қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Ба қавли ӯ: «Вобаста аз суръати ҳаракати автомобил, ҷойҳои асосии тамос бо пиёдагард муайян карда мешаванд. Масалан, ҳангоми ҳаракат бо суръати то 30 км-соат, қисми пеши болоии сарпӯши муҳаррик (капот), то 40 км-соат – қисми миёнаи он, то 50 км-соат – қисми қафои он, то 60 км-соат қисми мобайни шишаи пеш ва то 80 км-соат – қисми пеши болоии боми мошин тахриб мешавад. Дар хотир бояд дошт, ки маълумоти мазкур барои мошинҳои сабукрав хос аст. Ғайр аз ин, вобаста ба массаи воситаи нақлиёт ва вазни пиёдагард хусусиятҳои осебҳо метавонанд гуногун бошанд.

Ҳангоми гузаштани воситаи нақлиёт аз болои бадани инсон бояд пайҳои хун, моддаҳои майна, мӯй, пораҳои либос ва нахҳои матоъ ҷустуҷӯ карда шаванд. Барои ин, таги мошин бо диққати махсус таҳқиқ шуда, ба қисмҳои баромадаи он ҷиддӣ таваҷҷуҳ карда мешавад.

Ҳангоми бархӯрди воситаи нақлиёт бояд нишонаҳои тамоси мошинҳои ба садама дучоршуда ҷустуҷӯ шаванд (қабатҳои ранг аз воситаҳои нақлиёти ба ҳам бархӯрда, мавҷудият ва самти равиши харошидагиҳо, мавҷудият ва хусусияти осебҳои буранда ва ғ.). Микрозарраҳои ранг, гач (шпаклевка) ва филиз, ки ҷойи бархӯрдро нишон медиҳанд, мусодира мешаванд. Дар шароити деҳот мумкин аст ашёи аз рустаниҳо пайдошуда (барг, поя, гул ва ғ.), инчунин

маҳсулоти коркарди онҳо (ғалладона, хӯроки омехта, орд ва ғ.) дар воситаи нақлиёт боқӣ монанд. Ашёи номбурда далели ҳузури воситаи нақлиёт дар ҷойи ҳодиса мебошанд.

Илова ба арзёбии системаҳои асосии нақлиёт, ҳолати механизмҳои овезон ва таҷҳизоти дигари марбута низ бояд пурра баҳо дода шавад. Дар тавсифи ҳолати техникии воситаи нақлиёт, ба унсурҳои иловагӣ, махсусан ба ҳолати дастгоҳҳои тозакунандаи шишаҳо ва асбобҳои шустушӯйи шишаи шамолдори он, аҳаммияти хос дода мешавад. Ин муҳим аст, хусусан дар шароити ҳавои намнок, ки фаъолият ва самаранокии онҳо таъкид мегардад. Ҳангоми тавсифи шишаи пеш, на танҳо дар бораи тарзи анъанавии «сиёҳкунӣ»-и шиша, балки дар бораи намудҳои дигари маҳдудиятҳо дар биноӣ (чанг, лой, қатраҳои аввали борон, яхбандӣ ва ғ.) маълумот додан лозим аст. Таҳқиқоти ҷолиб дар ин самт аз ҷониби Путивка С.Н. анҷом дода шудаанд, ки мегӯяд:. «Натиҷаҳои бадастомада нишон доданд, ки вақте қатраҳои борон ҳангоми кор накардани тозакунандаи шиша ба рӯйи шишаи пеш меафтанд, ба сабаби пайдоиши эффекти таҳриф, ҳадди ниҳоии шинохтани ашё 1,5–8 маротиба кам мешавад. Гузашта аз ин, бояд махсус қайд кард, ки пас аз муддате, ки барои пурра тар кардани шиша кифоя аст, дараҷаи бадшавии намоёнӣ дигар ба шиддатнокии борон вобаста нест».

Масъалаи оинаҳои нишондиҳандаи ақиб набояд нодида гирифта шавад, махсусан вақте ки садама дар ҳолатҳое рух медиҳад, ки ронанда бояд ҳаракати нақлиётро дар қафои мошин назорат кунад (масалан, ҳангоми манёвр кардан, оғоз ё ҳаракат ба қафо). Вақте ки мавқеи дурусти оинаҳои нишондиҳандаи ақиб санҷида мешавад, бояд талаботи муайяншударо риоя намуд. Оинаи чапи берунии ақиби мошинҳои боркаш бояд чунин бошад, ки «ронанда аз масофаи на бештар аз 10 метр ба қисмати ҳамвории уфуқӣ бо паҳноии на камтар аз 2,5 метр дар паси мошин ба таври равшан ва бо хати уфуқӣ назар афканад. Оинаи рости берунии нишондиҳандаи ақиб дар ҳолати корӣ бояд ба ронанда имконият диҳад, ки масофаи на бештар аз 30 м ақибро баробари чашми худ, қисми роҳи уфуқии ҳамворро бо паҳнои на камтар аз 3,5 м, ки ба самти рости буриш аз

сарҳади рости хатти ҳаракат ва хатти уфуқ ҳисоб карда шудааст, дида тавонад. Оинаи дохилии мошини сабукрав бояд имконияти аз ҷойи нишасти ронанда дидани як қисми уфуқии роҳи ҳамворро, ки паҳноаш 20 м аст, дар масофаи на бештар аз 60 м пушти мошин ва хати уфуқиро таъмин кунад» [49, с. 26-27].

Ҳангоми азназаргузаронии воситаҳои нақлиёт бояд намуд, мустаҳкамӣ ва тақсими бор тавсиф шавад. Доштани борҳои калон ва вазнин, ки ё суст басташуда ва ё зудшиканандаанд, метавонад ба тарзи ҳаракат ва рафтори ронанда дар роҳ таъсири муҳимме расонад. Мавзуи ҳаҷми бор ва мутобиқаташ бо иқтидори борбардории мошин низ бояд ҳамеша дар назар гирифта шавад. Инчунин, набояд пурра ба ҳуҷҷатҳои ҳамроҳ такя кард, зеро барои муайян кардани вазни воқеии нақлиёт ва бораш лозим аст, ки онҳоро мустақилона чен намоянд. Мушкилии махсус дар тафтиши садамаҳои нақлиётии дар деҳот рухдода ҳангоми интиқоли гову асп ва ҳайвоноти дигар ба вуҷуд меояд. Ҳайвонҳое, ки ҳангоми ҳаракат тағйири макон мекунанд, метавонанд ба раванди идоракунии воситаи нақлиёт таъсир расонанд ва дар чаппашавии он мусоидат кунанд.

Ҳангоми азназаргузаронии дохили мошин, ба назари мо, риояи тартиби (алгоритми) пешниҳодкардаи Радаев В.В. ва Федяева Н.Ф., ки тибқи тавсияи онҳо: «таҳқиқи дохили мошин аз қисми дарунии дари ронанда оғоз шуда, пас аз он ба нишастгоҳи ӯ ва сатҳи фарш идома кунад, қобили қабул аст. Ғайр аз ин, мувофиқи нақшаи монанд, нишастгоҳи паҳлуи он ва пас аз он қисми ақиби салон аз назар гузаронида мешавад» [73, с. 63]. Ҳангоми азназаргузаронии ҷойи нишасти ронанда ба ҳама ҷузъиёти хурде, ки амалҳои ӯро шарҳ медиҳанд, диққат дода мешавад. Инҳо метавонад донаҳо аз тухми отфтобпараст, бастаҳои кушодаи хӯрокҳои гуногун, шишаҳои холӣ, истаконҳо, кроссвордҳо ва ғайра бошанд. Дар салони мошин мумкин аст латтае бо нишонаҳои хун мавҷуд бошад, ки ронанда пайҳои бархӯрдро бо он тоза карда бошад. Ғайр аз ин, аз ҷойи кори ронанда изҳои дастҳоро аз сатҳҳои корӣ (чанбарак, дастакҳои тағйирдиҳандаи суръат, калидҳои мухталифи гузариш ва ғ.) гирифтан лозим аст. Дар фарш ва поякҳо (педалҳо) мумкин аст нишонаҳои (пайҳои)

муайянкунандаи пойафзол мавҷуд бошанд. Дар ҷойи кори (нишасти) ронанда метавонанд наххои либос, доғҳои хун ва баъзе ашёи дигар мавҷуд бошанд. Ҳамаи ин бояд бодиққат аз назар гузаронида, сабт ва мусодира шаванд, то аз бор шудани гуноҳи ронанда ба мусофир (хусусан агар ӯ фавтида бошад) истисно карда шавад.

Дар ҳолатҳои рад кардани иштироки ронанда дар содир намудани садамаи нақлиётӣ, муфаттиш бояд қисми дохилӣ ва берунии воситаи нақлиётро пурра ва бодиққат тафтиш намояд. Барои ёфтани нишонаҳои эҳтимолии дасти ронанда, сатҳи ҳамвор ва қисмҳое, ки ронанда бештар даст мезанад, бояд аз назари техникӣ бодиққат санҷида шаванд. Инчунин, ҷузъҳои мисли чанбарак, тугмаи сигнали садо, фишангҳои идоракунии дастӣ, асбобҳо, шишаҳои тирезаҳо ва оинаҳои назорати қисми ақиб ва шишаҳои дарҳо бояд дар бар гирифта шаванд.

Барои пайдоиш ва ҳифзи нишонаҳои дасти ронанда, истифодаи дастгоҳи RUVIS, ки технологияи аксбардории ултрабунафшро истифода мебарад, хеле муассир аст.

Аз ҷойи нишастгоҳи ронанда мӯйҳо, пашмҳои бадан ё либоси ронандаро пайдо кардан мумкин аст.

Инчунин барои ба флешкартаи насбшуда, ки сабти видеонавор ё сабти овоз дар он нигоҳ дошта мешаванд назар карда шавад, агар он дар воситаи нақлиётӣ ҷой дошта бошанд. Аксари воситаҳои нақлиётии замонавӣ инро доро мебошанд. Ин ба рафти тафтиш ва ё ошкор кардани садамаи нақлиётӣ ёрии аввалиндараҷа мерасонад. Ҳангоми ёфтани он фавран ба экспертизаи фоноскопӣ ё лингвистикӣ равон карда шавад.

**Тартиби амали муфаттиш дар марҳилаи ниҳоии азназаргузаронии воситаи нақлиёт ва маҳалли ҳодиса**

Муфаттиш (таҳқиқбаранда) ҳангоми анҷоми марҳилаи ниҳоии азназаргузаронии воситаи нақлиёт, атрофи он ва ашёҳои дигари ҷойгирифта дар маҳалли ҳодиса вазифадор аст, ки амалҳои зеринро иҷро намояд:

1. Тартиб додани протокол бо дарназардошти тамоми ҷанбаҳои ҳолати ҷойи ҳодиса;

2. Бастабандӣ ва нигоҳдории ҳама ашёҳои пайдошуда дар маҳалли ҳодиса, ки ҳамчун далел хизмат мекунанд, ҳамчунин андешидани чораҳои зарурӣ барои ҳифзи далелҳое, ки ҷамъоварии онҳо имконнопазир аст;

3. Азназаргузаронии сари вақт ва пурраи ҷойи вайроншавии қоидаҳои ҳаракат, ки имкон медиҳад, ҳодиса ва далелҳои марбут ба он ба таври объективӣ ва ҳамаҷониба омӯзиш ёбанд;

4. Пас аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ муфаттиш ҳуқуқ дорад воситаи нақлиётро аз назар гузаронад. Бо ин вуҷуд, ин амалиёт одатан баъди гузашти муҳлати муайян анҷом мешавад, ки боиси гум шудани пайҳои биологӣ (аз қабили ангуштони даст) мегардад;

5. Азназаргузаронии воситаи нақлиёт бояд аз таҳлили берунии кузов оғоз ёбад (навъ, рангу рақамҳои давлатӣ, осебҳо ва ҷойгиршавии онҳо), сипас қисми бағоҷ ва дохили мошин тафтиш карда шавад. Азназаргузаронии дохилии восита бояд аз ҷойи ронанда оғоз гардад;

6. Ба ошкорӣ ва таҳлили пайҳо ва осебҳои хоси нақлиёти автомобилӣ диққати ҷиддӣ додан лозим аст, зеро онҳо метавонанд дар либос ва бадани ҷабрдида низ боқӣ монанд;

7. Муфаттиш бояд пайҳои гирифташуда (зарраҳои ранг, равғанҳои молиданӣ, пайҳои протектор) ва қисмҳои гуногуни воситаи нақлиётро, ки маълумотҳои заруриро доранд, ба таври дақиқ таҳлил ва сабт намояд;

8. Азназаргузаронии ҷасад дар маҳалли ҳодиса имкон медиҳад, ки дар бораи механизми умумии садама ва хусусиятҳои расиши ҷароҳатҳо маълумоти дақиқ ба даст оварда шавад. Мавқеи ҷасад нисбат ба унсурҳои дигари ҳолати роҳ метавонад далели куштори саҳнасозишуда бошад;

9. Ҷароҳатҳои аз осеби автомобилӣ бардошта одатан фишурда, васеъ ва яктарафа буда, бояд ба таври дақиқ сабт шаванд;

10. Ғайр аз ҷасад, либос, пойафзол ва дигар ашёҳои марбут ба ҷабрдида низ бояд бодиққат тафтиш ва қайд шаванд. Ҳангоми азназаргузаронии либосҳо, ҳолати онҳо, осебҳо ва ифлосиҳо, аз ҷумла пайҳои кашолакунӣ бояд ба таври комил сабт карда шаванд;

11. Дар ҳолати номаълум будани шахсияти ҷабрдида, нишонаҳои зоҳирӣ ва аломатҳои махсус бояд ба таври дақиқ қайд гарданд;

12. Либосҳо бояд ба шакли аслии худ нигоҳ дошта шаванд;

13. Агар шароит имкон диҳанд, ҷасад дар маҳалли ҳодиса бо иштироки мутахассиси тиббии судӣ аз назар гузаронида шуда, тамоми аломатҳои зарурӣ дар бадан ва либос андозагирӣ ва аксбардорӣ мешаванд [51, с. 359].

Азназаргузаронии либоси ҷабрдида имкон медиҳад, ки вазъиятҳои дақиқи садама барқарор гарданд, аз ҷумла тарзи бархӯрдани воситаи нақлиёт бо ҷабрдида, мавқеи ӯ дар лаҳзаи бархӯрд, пайдо кардани нишонаҳои протектор ва ранг, муайян кардани тамға ва намуди мошин, ҳамчунин маҳдуд кардани доираи ҷустуҷӯ. Дар раванди тафтиш муфаттиш набояд пайҳои ба назар нопурра ё камаҳаммиятро, ки дар маҷмуъ бо дигар далелҳо барои таҳлили умумии ҳодиса аҳаммияти калон пайдо мекунанд, нодида гирад. Аз ҷумла, чунин нуктаҳоро бояд дар назар дошт:

1. Мавқеи дастгоҳи тағйирёбии суръат ва ҳолати он - нейтралӣ ё хомӯш ва дар сурате ки хомӯш бошад, дар кадом ҳолати нишондод қарор дорад (ки метавонад барои тахмини суръати эҳтимолӣ аҳаммият дошта бошад);

2. Тозагӣ ва равшании шишаи пеш ва шишаҳои паҳлӯӣ, ки шароити намоёнӣ ва имкони назорати ронандаро муайян мекунад;

3. Ҳолат ва мавқеи чароғҳои равшанидиҳанда, ки нишон медиҳад мошин дар лаҳзаи садама дар кадом навъи равшанӣ ҳаракат мекард ва намоёнии ронанда чӣ дараҷа дошт;

4. Фаъол ё хомӯш будани гармкунаки шишаи қафо, ки барои арзёбии маҳдудияти намоёнӣ аз қафо муҳим аст [74, с. 43].

Барои азназаргузаронии ҷасад, тавре қаблан қайд карда шуд, даъват кардани корманди тиббии суд ё табиб тавсия дода мешавад. Дар ҷойи ҳодиса онҳо метавонанд дар тавсифи мавқеъ ва ҳолати ҷасад, падидаҳои хос ба он ва ҷароҳатҳои мавҷуда дар бадан кумак карда, моддаҳои биологиро муайян кунанд, ба қайд гиранд, мусодира ва бастабандӣ кунанд, дар ҳолати зарурӣ таҳқиқи пешакии онҳоро анҷом дода, механизми пайдоиши онҳоро шарҳ

диҳанд ва ғ. Агар духтур ҳузур надошта бошад, муфаттиш бояд ин корҳоро худаш анҷом диҳад. Ҳангоми азназаргузаронии ҷасад макони ҷойгиршавии онро нисбат ба объекти беҳаракат, мавқеи нисбии он нисбат ба воситаи нақлиёт ё пайҳои аз он боқимонда дақиқ муайян кардан лозим аст. Пас аз ин, мавҷудияти ҷароҳатҳои ба назар намоёни бадан, ки аз рӯйи онҳо механизми ташаккулашонро мушаххас кардан мумкин аст, муайян карда мешаванд. Масалан, ҳангоми пиёдагардро пахш кардани воситаи нақлиёт дар либос ва бадани ҷабрдида аксар вақт нишонаҳо (пайҳо)-и бархӯрдан ба воситаи нақлиёт (канораҳои чароғҳои рӯшноидиҳанда ва асбобҳои равшанидиҳандаи зери онҳо, қисмҳои рӯкаши пеши мошин, радиатор, бампер ва ғ.) боқӣ мемонанд. Дар бадани ҷабрдида дар ҷойи зарбхӯрда мумкин аст осори либос боқӣ монда бошанд. Онҳо бояд тавсиф ва бо ҷадвали дорои миқёс аксбардорӣ карда шаванд. Шикастани соқи пой аксар вақт бар асари зарба тавассути қисми баромадаи мошин (одатан бампер) ба амал меояд. Бо чен кардани баландии ҷойи шикаста аз таги пойафзол муқоисаи он бо баландии бампер муайян кардан мумкин аст, ки кадом навъи воситаи нақлиёт одамро пахш кардааст. Аммо, дар хотир бояд дошт, ки ҳангоми боздорӣ мошин каме «мешинад», бино бар ин осеби ошкоршуда метавонад аз баландии воқеии бампер каме пасттар бошад.

Ҳангоми интиқол додани ҷасад, макони хобидани он бояд бодиққат аз назар гузаронида шавад. Дар баъзе ҳолатҳо, ронандае, ки пиёдагардро пахш кардааст, метавонад ҷасадро ба ҷойи дигар интиқол диҳад. Дар чунин ҳолат мумкин аст, ки дар ҷойи хобидаи ҷасад ягон қатра хун набошад, балки нишонаҳои кашола карда бурдан дида шавад ва шояд баъзе чизҳои ҷабрдида дар он ҷо боқӣ монда бошанд ва ғайра. Ҳангоми азназаргузаронии ҷасад мавқеи (тарзи истодани) он, ҳолати либос (осебҳои механикӣ; олудагӣ бо равғани мошин, лой, ранг; осори кашолакунӣ, нақшҳои протектор ва ғ.) тавсиф карда мешаванд. Аз назар гузаронидани сатҳи тагчармии пойафзор барои пайдо кардани пайҳои лағжиш ҳатмист. Ҳангоми тавсифи либос барои пайдо кардани ҳуҷҷатҳо ва ашёи гаронбаҳо дохили ҷайбҳоро аз назар гузаронидан лозим аст. Тавсифи муфассали либос метавонад баъдтар барои муайян кардани ҷасади

номаълум муҳим бошад. Ранги либос шабона ба намоёнии пиёдагардон таъсир мерасонад. Агар ҷасад дар воситаи нақлиёт бошад, мавқеи ҷойгиршавӣ, тарзи истодан ва ҳолати он зикр карда мешавад. Беҳтар аст ҷасад аз воситаи нақлиёт бароварда шуда, ба тарзи монанд таҳқиқи он идома дода шавад [35, с. 155].

Тавсифи ҷасадро ба итмом расонида, таркиби ҷайбҳоро омӯхтан лозим аст ва либосҳоеро, ки дар онҳо пайҳои тамос (расиш) бо воситаи нақлиёт мавҷуд аст, мусодира кардан лозим аст. Барои таҳқиқи муфассали ҷасад ва тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшуда, ҳангоми ташхиси он аз ҷониби корманди тиббии суд ҳузур доштан муҳим аст.

Пас аз тавсифи шароити роҳ, ба қайд гирифтани ҷойи бархӯрд ва пайҳои дар роҳ мавҷудбуда, ба азназаргузаронии воситаи нақлиёт оғоз кардан лозим аст.

Дар марҳилаи ниҳоии азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, ба қайд гирифтани натиҷаҳои он зарур аст. «Дар ягон ҷо монанди тартиб додани протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса возеҳ ва мукаммал истеъдоди муфаттиши судӣ, фаҳмиши ӯ, мантиқӣ будани тафаккур ва саъю кӯшиши бошууронаи расидан мақсад, аз як тараф ва нотавонӣ, беҷуръатӣ, набудани эътимод ба худ ва номуназзамии мушоҳидаҳои ӯ, аз тарафи дигар аён намешавад» [26, с. 1088].

Ҳангоми тартиб додани протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, бояд нусхаи сиёҳнависи нақша ва сабтҳои дар марҳилаҳои қаблии азназаргузаронӣ таҳияшуда ба кор бурда шаванд. Нусхаи тозанависи нақша бояд ҳам аз ҷониби шахсони холис ва ҳам аз ҷониби иштирокчиёни садамаи нақлиётӣ имзо карда шавад. Тартиб додани нақшаи садамаҳои нақлиётӣ барои ҳамаи парвандаҳои ҷиноятии ин категория ҳатмӣ аст, зеро бе таҳияи он фаҳмидани механизми садама хеле душвор аст. Инро 100% кормандони пурсидашудаи шуъбаҳои корҳои дохилӣ, ки дар тафтиши ҷиноятҳои марбут ба ҳаракат дар роҳ ширкат доштанд, иброз доштанд. Барои он ки нақша ба воқеият мувофиқат кунад ва бо истифода аз он ҳолатҳои садамаро муайян кардан осонтар бошад, беҳтар аст, ки он тибқи миқёс дар коғази шаффоф (калка), бо гузоштани коғази миллиметрӣ тартиб дода шавад. Маълумоти асосӣ дар бораи қисмҳои роҳ, канори роҳ ва

ҷойгиршавии воситаҳои нақлиётро метавон бо истифодаи коғази нусхабардорӣ такрор ба такрор сабт намуд. Ин навъи нақшаҳо дар раванди идомаи тафтишот метавонад барои иҷрои амалҳои минбаъда муфид ва ёрдамрасон бошад. Ҳатто нақша ва протоколи хуб тартибдодашудаи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса наметавонад ҳамаи хусусиятҳо ва эҳсосотеро диҳанд, ки бо дидан ба даст меояд. Ба ҳар роҳе, ки набошад, муфаттиш мутобиқи талаботи расмии санади амали тафтишии баррасишаванда дучори маҳдудият аст. Дар ин вазъият, ба назари мо, таҳияи гузориши таҳлилӣ – замима ба протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса мувофиқи мақсад аст. Албатта, он аҳаммияти исботкунанда нахоҳад дошт, аммо тавре, ки мебинем, ба дарки пурраи механизми садамаҳои нақлиётӣ мусоидат мекунад.

Ғайр аз ин, дар тартиб додани протоколҳо оид ба азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, воситаҳои нақлиёт ва ҷасад, санадҳои азназаргузаронии ҳолати роҳ дар маҳалли садама, муайян кардани камбудиҳои дар нигоҳдории тартиботи роҳҳо, иншоотҳои роҳ ва воситаҳои техникии ташкили ҳаракат ошкоргардида, инчунин дар  диаграммаҳо барои протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса қоидавайронкуниҳо аз ҷониби муфаттишон дида мешавад.

Дар натиҷаи таҳлили тартиб додани нақшаи протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса мо якчанд камбудиҳои зеринро ошкор кардем:

- набудани андозаи тасвирҳои ба воситаи нақшаи ҷойи ҳодиса ифодашуда;
- нишон надодани нуқтаи аниқи ҷойи садамаи воситаи нақлиёт, паҳноии роҳ ё мавҷуд набудани аломатҳои роҳ; панҷараҳо, ҷазираҳои ҳаракати нақлиёт, истгоҳҳои нақлиёти ҷамъиятӣ, пиёдагардҳо, майдонҳо, майдонҳои сабз, биноҳо (агар мавҷуд бошанд) ва ғайра;
- дар тавсифи ҷойи садамаи нақлиётӣ пешниҳод гардидани маълумоти нопурра (аз ҷумла, дар бораи ҳарорати муҳити атроф; сатҳи равшанӣ дар кучаҳо; нишебӣ ё буриши амудии роҳ; ҳолати аломатҳои уфуқии  роҳ (паласа) ва дигар омилҳо);

- мавҷуд набудани имзои иштирокчиёни садамаи роҳ, шоҳидони ҳодиса ва шахсони холис, ки дар ҷойи ҳодиса пурсида мешаванд.

Дар протоколи азназаргузаронӣ ҳама осебҳои мошин, хусусият, андоза, шакл, макони ҷойгиршавии онҳо нисбат ба андозаи мошин, инчунин баландӣ аз сатҳи қисми мошингарди роҳ бояд муфассал тавсиф ва сабт карда шаванд. Ҳангоми нишонагузории пайҳо мавқеи рақамҳоро дар лавҳаи соат истифода кардан мумкин аст. Масалан, «ҳангоми тавсифи осеби филиз (металл) дар ковокӣ (сӯрохӣ, харошидагӣ ва ғ.) дар протоколи азназаргузаронӣ бояд зикр карда шавад, ки шикасташавии филиз дар пай аз ҳудуди рақами 3 лавҳаи соат оғоз ёфта, дар минтақаи рақами 7 ба итмом мерасад. Илова кардани нақша ба чунин тавсиф тавсия дода мешавад» [35, с. 155].

Протоколи тафтишоти ҷойи ҳодиса бояд, ҷузъи талаботи умумии ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ, ин маълумотҳоро низ дар бар гирад: шарҳи мухтасари макони садама; тавсифи вазъи обу ҳаво дар вақти тафтиш; шарҳи ҳолати роҳ; тавсифи нишонаҳо (пайҳо), махсусан нишонаҳои боздорӣ; координатҳои дақиқи нуқтаи бархӯрд, пахшкунӣ ё чаппашавии воситаи нақлиёт ва ҷойгиршавии ашёҳое, ки механизми ҳодисаро равшан мекунанд. Андозаи дақиқи баландӣ, нишебӣ ва радиуси гардишро муфаттиш аз муассисаҳои масъул ба корҳои роҳ мепурсад ва пас аз ин онҳоро ба нақшаи садамаҳои нақлиётӣ ворид мекунад [33, с. 70].

**Тактикаи пурсиши шоҳидон ва гумонбаршудагон.** Дар адабиёти илмӣ истифодаи усулҳои тактикӣ ҳангоми тайёрӣ ва гузаронидани пурсишҳо аз нуқтаи назари гуногун мавриди баррасӣ қарор гирифтааст [44, с. 58; 28, с. 72-84; 70, с. 175; 16, с. 200; 60, с. 97]. Пурсиш ҳамчун амали тафтишӣ раванде мебошад, ки дар доираи талаботи КМҶ ҶТ аз ҷониби мақомоти тафтиш барои дарёфти маълумоти зарурӣ анҷом дода мешавад. Дар ҷараёни он аз шахси пурсишшаванда маълумот дар бораи ҳолатҳо ва далелҳои ба ӯ маълум, ки барои пешбурди парвандаи ҷиноятӣ аҳамияти муҳими исботнамоӣ доранд, гирифта мешавад. Мақсади асосии пурсиш ба даст овардани шаҳодати пурра ва воқеӣ, инчунин муайян ва ошкор намудани нишонаҳои шаҳодати бардурӯғ мебошад.

Шахсонеро, ки дар раванди пурсиш вобаста ба навъи муносибати онҳо бо ҳодиса ширкат меварзанд, метавон ба гурӯҳҳои зерин тақсим намуд:

1. Онҳое, ки дар тартиб додани ҳуҷҷатҳои маъмурӣ оид ба нақзи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, нисбати шахсе, ки бо ҷазои маъмурӣ рӯбарӯ шудааст, иштирок мекунанд. Ба ин гурӯҳ дохил мешаванд: нозирони БДА, шахсони бетараф (шоҳидон), ҳамчунин кормандони тиббӣ;

2. Шахсонеро, ки дар воситаи нақлиёт қарор доранд, аз ҷумла ронанда ва мусофирон;

3. Дигар шахсоне, ки барои таҳқиқи парвандаи ҷиноятӣ маълумоти зарурӣ пешниҳод мекунанд, масалан, аъзои оила, ҳамсабақон, дӯстон, савдогарони маҳал ва ғайра.

Мушкилоти тактикии пурсиш асосан вобаста ба манбаи иттилоот аст. Ин шахсон манфиатҳои шахсии худро доранд.

Ҳангоми тафтиши вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ба таъхир андохтани пурсишҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ тавсия дода намешавад, зеро тафсилоти алоҳида дар хотира фаромӯш шуда метавонад.

Барои ин, таҳлили маводҳои парванда, аз ҷумла нишондодҳои дигар иштирокчиён ва иттилооте, ки дар рафти санҷиши хабарҳо оид ба ҷиноят ҷамъоварӣ шудааст, зарур мебошад. Аз нишондодҳои пурсишшуда метавон фаҳмид, ки кадом доираҳои ҳолат метавонад мавриди баррасӣ қарор гиранд ва чӣ гуна шароит метавонад дар раванди пурсиш ба вуҷуд ояд. Ҳамчунин тавсия дода мешавад, ки рӯйхати саволҳои иловагие таҳия карда шаванд, ки барои равшан кардани маълумот аз ин шахс равона гарданд; инчунин, хусусиятҳои шахсии пурсишшавандаро ба таври комил омӯзанд.

Раванди пурсишро метавон ба се марҳила тақсим намуд: омодагӣ, иҷро ва ҷамъбаст.

Марҳилаи омодагӣ иборат аст аз ҷамъоварии маълумоти ибтидоӣ, ки ҳам ба мавзуи пурсиш ва ҳам ба шахсият ва хусусиятҳои пурсишшаванда дахл доранд; таъмини васоили тактикӣ барои гузаронидани пурсиш; омода кардани далелҳое, ки эҳтимолан ҳангоми раванди пурсиш зарур хоҳанд шуд; интихоби

вақти мувофиқ ва макони пурсиш, тарзу усулҳои даъват кардани шахс; ҳамчунин таъмин намудани таҷҳизоти техникии зарурӣ барои пурсиш. [10, с. 63].

Дар марҳилаи асосии корӣ худи пурсиш баргузор мешавад. Он одатан бо пур кардани қисмати анкетавии протокол оғоз меёбад, пас шахс озодона дар бораи ҳолатҳои ҳодиса нақл мекунад ва дар поён ба саволҳои додашуда посух медиҳад.

Дар марҳилаи ниҳоӣ бошад, нишондодҳо сабт гардида, бо протокол шинос мешаванд ва агар лозим бошад, иловаҳо ва шарҳҳо ворид мешаванд. Дар раванди тафтиши садамаҳои нақлиётӣ, ки дар минтақаҳои деҳот рух медиҳанд, масъалаи пурсиши гумонбаршудагон – аксар вақт ронандагон нисбатан мушкил аст. Ҳангоми мисоли пурсиши ронандае, ки дар содир кардани садамаи нақлиётӣ гумонбар дониста мешавад, ин хусусиятҳо ба хубӣ намоён мешаванд.

Ҳангоми омодагӣ ба пурсиш муфаттиш бояд доираи ҳолатҳое, ки аз пурсишшаванда бояд шаҳодат гирифта шаванд, муайян карда, маводҳои парвандаро бодиққат омӯхта бошад.

Марҳилаи корӣ бо барқарор кардани иртиботи равонӣ бо шахси пурсишшаванда оғоз меёбад. Муҳим аст, ки нисбати ӯ муносибати некбин ва объективӣ дошта бошанд. Таъсири аввалин ба шахси пурсишшаванда на танҳо ба раванди пурсиши оянда, балки ба тамоми ҳамкорӣ дар ҷараёни тафтиш таъсири калон мерасонад. Ин таъсир «як падидаи мураккаби психологӣ буда, ҳиссиёт, мантиқ ва ҳаяҷонро дар бар мегирад. Инчунин, хусусиятҳои рафтору зоҳирии шахс низ ба ин таъсир дохил мешаванд» [14, с. 178].

Дар марҳилаи ниҳоии пурсиш, ҳангоми сабти нишондодҳо беҳтар аст ҳар ҷумла бо равшанӣ ва дақиқӣ сабт карда шавад. Ин усул имкон медиҳад, ки ислоҳот зудтар ворид гардида, фикри шахси пурсишшуда дурусттар ифода шавад. Илова бар ин, пас аз омода кардани протокол дигар зарурат намемонад, ки барои ислоҳоти нодуруст ё камбудиҳо баёноти иловагӣ дода шаванд. Ба шахси пурсишшуда мумкин аст пешниҳод шавад, ки нишондодҳои худро бо даст нависад - махсусан дар ҳолате, ки эҳтимол дорад баъдан онҳоро рад кунад.

Дар чунин ҳолат, эҳтимолан ба протокол иловаҳо ворид кардан лозим мешавад, зеро пурсишшуда шояд пурра маълумоти заруриро сабт накарда бошад.

Вазифаи асосии пурсиши шоҳидон ва дигар шахсон муайян намудани сабабҳо ва тарзи рух додани садамаи нақлиёт мебошад. Дар ин замина нишондодҳои шоҳидони мустақим, ки ҳодисаро бо чашми худ дидаанд, аҳамияти махсус доранд. Ин гурӯҳ одатан «пиёдагардон, коргарони наздики маҳалли ҳодиса, навбатдорони милиса, роҳрӯбон, сокинони манзилҳои атроф, ронандагон ва мусофирон, инчунин шахсоне мебошанд, ки дар дохили воситаҳои нақлиёти иштирокдорони садама қарор доштанд» [170, с. 94].

Дар замони ҳозира мафҳуми амалҳои тафтишӣ бо назари мухталиф баррасӣ мешавад. Олимон мисли Биховский И.Е., Ларин А.М., Соловёв А.Б. ва дигар мутахассисон ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ намудаанд [192]. Дар заминаи рушди ҷомеаи муосир, давлатҳои ҳуқуқбунёд ва низоми ҳифзи ҳуқуқи мукаммал, зарурати гузаронидани тафтиши салоҳиятманд ва дорои дониши амиқ оид ба ҷиноятҳо ба миён меояд. Аз муҳимтарин воситаҳо барои таҳқиқи ҳар навъи ҷиноятҳо пурсиш маҳсуб мешавад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки мавзуи пурсиш дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ омӯхта шудааст.

***Пурсиши шоҳидон.*** Тартиби пурсиши шоҳидон вобаста ба ҳаҷми маълумоте, ки шахси мушаххас дошта метавонад, муносибати ӯ бо предмети пурсиш ва муносибати ӯ бо иштирокчиёни ҷиноят интихоб карда мешавад.

Пеш аз ҳама, бояд он шоҳидоне пурсида шаванд, ки аз онҳо нишондоди ҳақиқиро оид ба содиршавии садамаи нақлиётӣ интизор шудан мумкин аст.

Пурсиши шоҳидон дар ҳолатҳои расмӣ оид ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ, ки аз ҷониби шахсоне, ки ҷазои маъмурӣ гирифтаанд (аз ҷумла нозирони БДА, шоҳидон ва кормандони тиб) дар шароити фаврӣ анҷом меёбад, сурат мегирад. Вобаста ба ин, вазифаи муфаттиш ин аст, ки ҳамаи ҷанбаҳои ҳодисаи ҷиноятиро ба назар бигирад. Барои ин метавонад аз роҳҳои зерин истифода барад:

- ба пурсишшаванда шарҳ додан, ки нақши нишондодҳояш дар ошкор кардани ҳақиқат дар парвандаи ҷиноятӣ чӣ гуна аст;

- истифодаи саволҳое, ки дар шуури шоҳид алоқамандии воқеаҳо ва ҳодисаҳоро ба фаъолият меоранд;
- пешниҳод намудани далелҳо бо риояи қатъии тартиби ҳодисаҳо ва пайдарпайӣ.

Дар рафти пурсиши шоҳид бояд маълум карда шавад:

1. Шоҳид аз ҷониби кӣ ва бо кадом сабаб даъват шудааст;
2. Оё кормандони БДА ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шоҳид, ронанда ва низ тартиби гузаронидани экспертизаро барои ӯ фаҳмондаанд;
3. Муносибати шоҳид ба гумонбар чӣ гуна аст;
4. Тавсифи тартиби гузаронидани муоина ё роҳхат барои муоинаи тиббӣ ва дигар расмиёти маъмурие, ки аз ҷониби кормандони БДА анҷом ёфтаанд, инчунин натиҷаҳои онҳо;
5. Рафтори гумонбар ҳангоми ба расмият даровардани ҷиноят чӣ гуна буд;
6. Оё ҳолати мастии гумонбар ба чашм мушоҳида шудааст ва агар ҳа, бо кадом аломатҳо;
7. Ҳангоми тартиб додани ҳуҷҷатҳои маъмурӣ гумонбар ба кормандони БДА чӣ тавзеҳот додааст;
8. Нозирони БДА кадом ҳуҷҷатҳоро тартиб дода, шоҳид бо мазмуни онҳо ошно шудааст ва оё имзо кардааст;
9. Оё шахсони дигар бо гумонбар дар воситаи нақлиёт буданд;
10. Оё гумонбар ба кормандони БДА муқовимат нишон додааст.

Пурсиши шахсоне, ки дар воситаи нақлиёт қарор доранд ё онҳое, ки барои тафтиши парвандаи ҷиноятӣ заруранд (масалан, хешовандон, ҳамнишинон, дӯстон ва шиносони гумонбар), одатан дар ҳолатҳои мунокишавӣ сурат мегирад. Сабабҳои ин мунокишаҳо метавонанд чунин бошанд:

- муносибати манфӣ нисбат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар маҷмуъ;
- нобоварӣ ё майл надоштан ба иштирок дар парвандаи ҷиноятӣ;
- хоҳиш надоштани халал ворид кардани муносибатҳои дӯстона бо гумонбар;

• кӯшиши кам кардани дараҷаи масъулияти шахсӣ.

Муҳим аст дарк кард, ки шоҳидон метавонанд бо сабаби маълумоти нодуруст ё ҳадафҳои шахсӣ ба гумонбар кумак расонда, нишондодҳои бардурӯғ пешниҳод намоянд. Дар чунин ҳолат, фаҳмидани сабабҳои чунин рафтор аҳаммияти хос дорад. Чунин шоҳидӣ метавонад дар натиҷаи муносибати наздик, ҳисси ҳамдардӣ ё ҳатто бо мақсадҳои ғаразнок дода шавад, ки аксаран ин амалиёт ба таври пешакӣ тарҳрезӣ мешавад. Олим Крилов И.Ф. низ ба ин нуқта ишора карда, онро тасдиқ кардааст [56, с. 523].

Чунин тактика, ба монанди гузоштани тахмини аз ҳад зиёд дар бораи донистани муфаттиш дар бораи ҳолатҳои ҷинояти содиршуда низ мувофиқ аст.

Дар як қатор мавридҳо тафсилоти максималӣ ва мушаххас кардани нишондодҳо дар сурати зарурат дар якҷоягӣ бо пурсишҳои такрорӣ хеле самарабахш мегардад. Дар айни замон пурсишкунанда таъмин менамояд, ки пурсишшаванда то ҳадди имкон муфассал дар бораи худи воқеа, дар бораи он чи, ки пеш аз он ва баъд аз он руй дода буд, нақл кунад. Бо пешниҳоди маълумоти бардурӯғ, пурсишшаванда метавонад дар тавсифи ҳодисаи содиршуда ошуфта шавад, илова бар ин, шаҳодати муфассал тавассути пешниҳоди далелҳои дахлдор ҳангоми пурсиш хеле осонтар аст;

Ҳангоми пурсиши шоҳид, ки гумонбаршуда дар ҷараёни содир кардани ҷиноят бо ӯ нӯшокиҳои спиртӣ менӯшидааст ё маводи нашъаовар истеъмол кардааст ё шоҳиде, ки аз ҳолати мастии гумонбаршуда огоҳ буд (масалан, хешовандон, ҳамнишинон ва ғ.), барои фаҳмидани:

1. Хусусиятҳои шахсии гумонбаршуда;

2. Оё гумонбаршуда дар рӯзи содиршавии ҷиноят ё лаҳзаи он машрубот ё маводи нашъадор истифода кардааст, агар ҳа - дар куҷо, чӣ миқдор ва кадом навъи нӯшокиҳои спиртӣ истеъмол намудааст;

3. Кадом сабабҳо ӯро водор кардаанд, ки дар ҳолати мастӣ мошинро идора намояд;

4. Гумонбаршуда қаблан оё дар ҳолати мастӣ воситаи нақлиётро идора мекард ва барои чанд вақт;

5. Оё шоҳид аз маҳрумияти шаҳодатномаи ронандагии гумонбар огоҳӣ дошт;

6. Гумонбар чанд бор бе шаҳодатномаи ронандагӣ воситаи нақлиётро идора кардааст;

7. Дар лаҳзаи рафтан гумонбаршуда чӣ гуна либос мепӯшид.

Ба назари мо, гурӯҳи «шоҳидони мусофир» бояд на танҳо баъд аз оғоз шудани парвандаи ҷиноятӣ, балки дар марҳилаи ибтидоии тафтиши хабарҳо вобаста ба нақзи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ низ пурсиш карда шавад. Зеро мушкилие дар рафти тафтишот ба миён омаданаш мумкин аст.

Масалан, нисбати шаҳрванд Б. бо моддаи 212 (2) КҶ ҶТ аз ҷониби кормандони ШТ ШВКД дар н. Фирдавсӣ бо сабаби бе доштани ҳуқуқи ронандагӣ рондани воситаи нақлиёт парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардида буд. Ҳолат ин буд, ки шаҳрванд А дар наклиёти автомобилӣ ба ҳайси мусофир буд. Ронанда Б. қад-қади кӯчаи Н. Қарабоев дар ш. Душанбе ба тарафи кӯчаи А. Ғуломов ҳаракат мекард ва нозирони БДА уро боздоштанӣ шуданд, мошинро дар назди маҳаллаи Гулистон нигоҳ дошта, пас аз он фавран ба курсии мусофирбар нишаст, зеро метарсид, ки ронанда иҷозати ҳуқуқи ронандагӣ надорад ва пеш барои ин кирдораш ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб шуда буд. Мусофир А. фавран омада дари ронандаро кушода, чунон вонамуд кард, ки гӯё ӯ воситаи нақлиётро ронда истода буд. Кормандони БДА наздик омада, гумонбар Б.-ро, ки дар курсии қафо хобида буд, аз воситаи нақлиёт берун кашида, ба воситаи нақлиёти хидматӣ бурданд. Кормандони БДА ҳангоми тартиб додани протоколи маъмурӣ бо ӯ суҳбат накарданд ва чизе напурсиданд. Шаҳрванд А. дар лаҳзаи пурсиш ба коркунони БДА баёнот дод, ки маҳз худи ӯ воситаи нақлиёти гумонбар Б.-ро идора мекарда бошад. Аммо рафти тафтишот маълум сохт, ки шаҳрванд Б. ронандаи воситаи нақлиёт буд ва шаҳрванд А. ба ҳайси мусофир қарор дошт [203].

Пурсиши гумонбаршуда хеле мураккаб ва хусусист. Аксари олимони криминалистика таҳқиқоти худро ба асосҳои тактикаи пурсиши гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон равона намудаанд. Дар мурофиаи

ҷиноятӣ гумонбаршуда мавқеи махсусро ишғол мекунад. Мутобиқи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ аз ӯ ҳуқуқи саркашӣ кардан аз додани нишондодро дорад (м.46 КМҶ ҶТ).

Ба ин шахсон одатан таъкид карда мешавад, ки нишондодҳои дуруст додан барои ошкор кардани ҳақиқат дар парвандаи ҷиноятӣ муҳим буда, эҳтимолан метавонад ҳолати сабуккунанда бошад.

Дар баъзе ҳолатҳо тавсия мешавад, ки ба пурсишшаванда таассуроте, ки пурсишкунанда дониши амиқ дар мавриди ҷузъиёти ҷиноят дорад, пешниҳод карда шавад. Масалан, дар гуфтугӯ бо ӯ ҷузъиёти мушаххаси парвандаи ҷиноят, ки муфаттиш аз омӯзиши пешакӣ медонад, ифода карда шавад.

Бо назардошти ин, пас аз омӯзиши парвандаҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо метавон хулосаҳои зеринро баровард.

Дар марҳилаҳои ибтидоӣ ва баъдӣ дар раванди пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, ки ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ марбутанд, мутаассифона, тамоми тадбирҳои зарурии тафтишотӣ ҳамеша бо таври пурра иҷро намегарданд. Масалан, таҳлили ҷойи ҳодиса ҳамеша дар сатҳи зарурӣ анҷом дода намешавад, ва баъзан қисми таҷҳизот ё аломатҳои воқеа аз макони ҷиноят баровarda намешаванд, ки ин ба мушкилоти муайян кардани шахси гунаҳкор дар оянда оварда мерасонад. Барои гузаронидани пурсишҳо омодагии дуруст вуҷуд надорад, ки метавонад тасвири муфассали ҳодисаи рӯйдодаро диҳад. Ғайр аз ин, воситаҳои техникии қайд кардани рафти амалиёти тафтишот кам истифода мешаванд.

Вазъияти манфии мавҷуда, инчунин азназаргузаронии муфаттишон, ки дар рафти тадқиқот гузаронида шудааст, асос мебахшад, ки ба мақомотҳои ҳуқуқтатбиқкунанда ва шахсони мансабдоре, ки ҳодисаҳои вайронкунии қоидаҳои ҳаракати роҳро тафтиш мекунанд, ба тавсияҳои судӣ-тиббии дорои хусусияти техникӣ, тактикӣ ва методӣ эҳтиёҷ доранд.

Эксперименти тафтишӣ дар равандҳои тафтиши садамаҳои нақлиётӣ як чорабинии муҳиммест, ки имконият медиҳад маълумоти мавҷударо тасдиқ ё

дақиқ намояд ва инчунин пайҳои моддии ҳодисаҳои нақлиётиро ошкор ва таҳлил кунад.

Мувофиқи таҳқиқоти мо, эксперименти тафтишӣ дар 17% парвандаҳои ҷиноятӣ гузаронида шуда, дар 28%  он гузаронида намешавад, ҳарчанд ба он ниёзи ҷиддӣ вуҷуд доштааст, дар 55% парвандаҳо гузаронидани эксперименти тафтишӣ имкон медод, ки пойгоҳи далелӣ, айбдоркунӣ ё радкунии сафедкунӣ васеътар шуда, ҳақиқат муайян карда шавад, аммо бо вуҷуди ин, ҳамаи парвандаҳо ба суд ирсол гардида, айбдоршавандаҳо ба муҳлатҳои гуногун аз озодӣ маҳрум шуданд.

Эксперименти тафтишӣ аз он ҷиҳат муҳим аст, ки имкон медиҳад ба бисёр саволҳои тафтишоти пешакӣ, ки ҷавоб ба онҳо дар шакли иттилооти судӣ – нишондодҳо вуҷуд доранд ё умуман вуҷуд надоранд, посуххои экспременталӣ дода шавад. Эксперименти тафтишӣ бо мақсади санҷиши боэътимоднокии нишондоди ронанда, шоҳидон ва шахсони дигар дар бораи бисёр ҳолатҳои садамаи нақлиётӣ, аз ҷумла дар бораи қобили мушоҳида ва намоён будани ин қитъаи роҳ дар вақти СН, вазъи роҳ дар ҳамин лаҳза гузаронида мешавад. Баъзан тавассути ин амали тафтишӣ қобилияти ҷабрдидаҳо ва шоҳидонро ҷиҳати «бо чашм» дуруст муайян кардани суръати ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва пиёдагардон санҷидан лозим мешавад. Бо амалӣ кардани эксперименти тафтишӣ аксар вақт масъалаи бартараф кардани ихтилофот дар нишондоди шахсони мазкур ҳал мешавад. «Амалан ба вуҷуд овардани вазъият ва шароити ҳодиса дар асл ду амали мустақили тафтиширо дар бар мегирад: санҷиши нишондоди айбдоршаванда, гумонбаршуда, ҷабрдида, шоҳид дар ҷойи ҳодиса бо мақсади дақиқ ва пурратар кардани ин нишондодҳо дар ҳузури шахсони холис ва санҷиши экспериментии дурустии нишондоди ин ашхос ва дигар ҳолатҳо» [75, с. 87]

Аммо, гузаронидани эксперименти тафтишӣ дар шароити мувофиқ на ҳамеша аз лиҳози техникӣ имконпазир аст, ҳатто агар он мувофиқи мақсад ё зарур ҳам бошад, бино бар ин ҳангоми омодагӣ ба он масоили зерин бояд ҳал карда шаванд:

– ба вуҷуд овардани шароити наздик ба ҳолате, ки садамаи нақлиётӣ рух додааст, ва дар чунин шароит бехатар гузаронидани эксперименти тафтишӣ имконпазир ҳаст ё не;

– барои омодасозии он амалӣ кардани кадом тадбирҳо заруранд;

– оё аз ҷиҳати ташкилӣ ё техникӣ ба даст овардани маълумоти барои тафтиш зарурӣ имконпазир аст.

Бо такя ба таҳлили парвандаҳои ҷиноятии омӯхташуда ва амалияи тафтиши садамаҳои нақлиётӣ, ҳолатҳои нисбатан маъмули тафтишӣ, ки ҳалли онҳо тавассути эксперименти тафтишӣ имконпазир аст, инҳоянд:

«– аз дохили воситаи нақлиёт қобилияти дидани ҷабрдида, монеа ё воситаи ташкили ҳаракатро доштани ронанда, инчунин имконияти воситаи нақлиёти наздикшаванда ва садамаро аз ҷойи худ дидани шоҳид (шоҳиди айнӣ);

– муайян кардани вақти ҳаракати воситаи нақлиёт ё убури пиёдагард миёни нуқтаҳои муайян;

– муайян кардани суръати ҳаракати пиёдагарде, ки аз кӯча ё роҳ бевосита аз пеши воситаи нақлиёти ҳаракаткунанда мегузарад;

– санҷиши қобилияти воситаи нақлиёт ҷиҳати ҳаракат аз рӯйи суръати муайян дар қитъаи муайяни роҳ ё дар муҳлати муқарраркардаи тафтишот;

– ошкор кардани имкони қобилияти биноиро муваққатан аз даст додани ронанда дар шароити мазкур;

– муайян кардани минтақаи қобили мушоҳида дар паси мошин, инчунин қобилияти дидани воситаҳои нақлиёти ҳаракаткунанда бо истифода аз оинаҳои берунӣ ё дохилӣ барои дидани ақиб» [48, с. 27];

– муайян кардани эҳтимоли худ ба худ кушода шудани дари кабина ё ҳаракат кардани воситаи нақлиёт ҳангоми дар боздории таваққуфӣ қарор доштани он ва баъзе ҳолатҳои дигар.

Дар баробари ин, муҳим аст, ки шароити гузаронидани эксперименти тафтишӣ (вақти рӯз, равшанӣ, дидашавӣ, ҳолати роҳ, шароит обу ҳаво ва ғ.) ба шароите, ки садамаи нақлиётӣ рух додааст, то ҳадди ниҳоии имкон мувофиқат кунад, ҳангоми гузаронидани он ҳамон воситаи нақлиёт бо ҳамон бору вазне,

ки ҳангоми садама дошт, истифода шаванд, то хусусиятҳои ҷисмонӣ ва равонӣ ва дигар хусусиятҳои инфиродии ронанда ва ҷабрдида ба назар гирифта шаванд.

Барои иҷрои вазифаҳои муқарраршуда дар эксперименти тафтишӣ, ба ғайр аз мутахассиси техникаи автомобилӣ, метавон мутахассисони дигарро низ ҷалб кард. Масалан, равоншиносон ва физиологҳо барои муайян кардани таъсири омилҳои алоҳидаи шароити роҳ ба узвҳои ҳиссиёт (бинӣ, шунавоӣ ва ғайра); механикҳо ва агрономҳо барои таҳлили хусусиятҳои кори техникаи кишоварзӣ; инчунин мутахассисони соҳаи роҳсозӣ барои санҷидани мувофиқат ба шартҳои роҳ.

Тавсия дода мешавад, ки пешакӣ методикаи гузаронидани эксперименти тафтиширо бо мутахассисони дахлдор, ки дар он иштирок мекунанд, баррасӣ кунанд. Агар баъдан иштирокашон зарур набошад, метавон бо тавсияҳои онҳо маҳдуд шуд.

Эксперименти тафтишӣ амали ниҳоят мураккаб ва масъулиятноки тафтишотӣ буда, на танҳо иштироки шумораи зиёди шахсон, балки истифодаи воситаҳои нақлиётӣ, инчунин омезиши чорабиниҳо барои танзими ҳаракат ва дигар омилҳоро талаб мекунад. Мувофиқи моддаи 188-и Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаронидани эксперименти тафтишӣ танҳо дар ҳолате иҷозат дода мешавад, ки ба саломатии иштирокчиён хатаре таҳдид накунад. Аз ин рӯ, пеш аз анҷоми кор бояд нақшаи муфассал тартиб дода шавад ва дар он чунин ҷанбаҳо инъикос ёбанд:

- доираи шахсоне, ки дар эксперимент иштирок мекунанд (айбдоршаванда, ҷабрдида, шоҳид, мутахассис ва ғайра);
- воситаҳои техникии зарурӣ барои иҷрои амалҳои таҷрибавӣ (воситаҳои нақлиётӣ, асбобҳои ченкунӣ, таҷҳизоти сабт ва алоқа ва ғайра);
- вақти баргузории эксперимент, ҷой ва шароити он (соати рӯз, ҳолати обу ҳаво, шиддати ҳаракат ва дигар омилҳо);
- омода кардани шароит дар макони садамаи нақлиётӣ (таъмиру барқарор кардани халалҳо, таъмин намудани равшании шабеҳ ва ғайра);

• тадбирҳои амниятӣ (муҳосира кардани маҳалл, ташкили гузаргоҳ аз наздикии макони таҳқиқ, додани дастур ба иштирокчиён ва дигар чораҳо).

Ҳангоми омодагӣ ба гузаронидани эксперименти тафтишӣ ба муфаттиш тавсия дода мешавад, ки аввал ба макони баргузории он ташриф оварад ва муайян намояд, ки иҷрои ин чорабинӣ зарур аст ё не. Бо расидан ба ҷойи баргузорӣ, муфаттиш бояд вазъиятро бозсозӣ карда, тафтиш кунад, ки оё дар муҳити маҳаллӣ тағйироте ворид гардидааст ё не; ҳамзамон вазъиятро пеш аз барқароркунӣ ва пас аз он дар шакли акси тасвирӣ сабт намояд ва ҳуқуқу масъулиятҳои иштирокчиёнро дар раванд фаҳмонда диҳад.

Эксперименти тафтишӣ вобаста ба ҳадафҳои таҳқиқ барои гирифтани маълумотҳои зерин амалӣ мешавад:

- суръати ҳаракати воситаи нақлиёт ва пиёдагардон;
- дараҷаи мушоҳида ва аёният дар ҷойи ҳодиса;
- таъсири номусоидии қисмҳои алоҳида ба фаъолияти техникаи нақлиёт;
- сифати кори унсурҳои идоракунии ҳаракат дар роҳ;
- қобилияти ҷисмонӣ барои дидан, шунидан ва шинохтани нишонаҳои техникӣ дар ҳолатҳои садамаҳои нақлиётӣ ва дигар ҷанбаҳои дахлдор.

Бо назардошти он ки аксарияти садамаҳои нақлиётӣ дар минтақаҳои деҳот рух медиҳанд, таҷрибаҳо бештар барои муайян кардани суръати ҳаракати воситаи нақлиёт ва пиёдагардон, ҳамчунин барои арзёбии фазои дидан ва равшанӣ гузаронида мешаванд, мо тартиби иҷрои ин таҷрибаҳоро бо тафсилот баррасӣ мекунем.

Пеш аз оғози назарсанҷӣ, барои ҳисобкунии дақиқи суръати ҳаракат тавсия мешавад, ки барои роҳнамоии ронанда сигналҳои махсуси иттилоотӣ, мисли ишораҳо, равшанӣ ё алоқаи радиоӣ таъсис дода шавад. Барои аниқии бештар ва объективӣ кардани натиҷаҳо, беҳтар аст нақшофари махсус, яъне шахсе, ки нақши ронандаро мебозад, ба кор гирифта шавад.

Ҳолатҳое низ вомехӯранд, ки воситаи нақлиёте, ки дар садама иштирок кардааст, дигар корношоям аст ё барқарор кардани он вақти зиёдро талаб мекунад. Дар чунин мавридҳо ба ҷойи он мошинеро истифода мебаранд, ки аз ҷиҳати шакл, соли истеҳсол, масофаи тайкарда ва вазъи техникӣ ба мошини аслӣ шабеҳ бошад. Вале дар ин сурат натиҷаҳои бадастомада метавонанд тахминӣ шаванд, зеро мошинҳои гуногун бо як тамға бо сабабҳои гуногуни техникиву синну сол ва сохтори муҳаррик ва системаи подвеска овоз ва садоҳои гуногун доранд. Аз ҷумла, садои ҳаракати воситаи нақлиёт метавонад барои муайян кардани суръат истифода шавад, махсусан вақте ки шоҳид дар дохили мошин қарор дорад.

Воситаи нақлиёте, ки барои гузаронидани эксперимент истифода мешавад, бояд пурра ба мошини аслӣ, ки ҳангоми садама буд, монанд бошад, зеро ҳатто ранги нақлиёт низ метавонад дар муайян кардани суръати ҳаракати он таъсири муҳим дошта бошад.

Ҳангоми иҷрои таҷриба дар шароити шабона, дараҷаи равшании воситаи нақлиёт аҳаммияти хосса пайдо мекунад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҷойгиршавӣ ва шиддати равшании дастгоҳҳои равшанидиҳандаи беруна ва ҳамчунин равшании даруни нақлиёт бо он параметрҳое, ки ҳангоми садама ҳузур доштанд, мутобиқат намоянд.

Барои муайян кардани суръати ҳаракати пиёдагард бо ҳамон нафари ба садама дучоршуда гузаронидани эксперимент беҳтар аст. Аммо, бояд дар назар дошт, ки ҷабрдида аз натиҷаи парванда манфиатдор аст ва метавонад амалҳои худро ба самти дилхоҳаш дуруст кунад. Илова бар ин, дар аксар ҳолатҳо баргузор кардани эксперименти тафтишӣ бо иштироки ҷабрдида имконнопазир аст, зеро барқароршавӣ, табобат ё ҳатто фавти ӯ метавонад тул кашад. Аз ин рӯ, барои иштирок дар эксперимент шахсе интихоб мешавад, ки аз ҷиҳати ҷинс, синну сол, хусусиятҳои ҷисмонӣ ва вазъи саломатӣ ба пиёдагарде, ки дар садама ҷабр дидааст, монанд бошад.

Пеш аз гузаронидани эксперименти тафтишӣ аз пурсиши ронанда ва шоҳидони садама суръат, дараҷа ва масири ҳаракати пиёдагард; ҷойи бархӯрд;

тавақкуфҳо дар роҳ ва ғайра муайян карда мешаванд. Ғайр аз ин, аз ҳамаи пурсидашавандаҳо фаҳмидан лозим аст, ки оё онҳо суръати ҳаракати пиёдагардро ба тариқи экспериментӣ муайян карда метавонанд.

Пас аз ҷамъ омадани иштирокчиёни эксперименти тафтишӣ дар маҳалли ҳодиса, шахсе, ки мувофиқи гуфтаҳои ӯ суръати ҳаракати пиёдагард муайян карда мешавад, ба нуқтае даъват мегардад, ки аз он ҷо садамаро дидааст. Ин макон ба ягон объекти беҳаракат (статикӣ), ки маъмулан дар нақши ҳангоми азназаргузаронии ҷойи садамаи нақлиётӣ тартибдодашуда муайян шудааст, «баста» шуда, дар протокол сабт карда мешавад. Сипас, мувофиқи нишондодҳо роҳе муайян карда мешавад, ки ҷабрдида пеш аз ҳодиса дар он ҳаракат мекард. Масофае, ки пиёдагард дар доираи назари шоҳиди мазкур тай кардааст, чен карда мешавад. Аз иштирокчии ба эксперимент даъватшуда, ки амалҳои пиёдагардро иҷро мекунад, дархост мешавад, ки аз қисмати зикршуда бо суръат ва хусусияти таъйиншудаи ҳаракат якчанд маротиба гузарад ё давад (вобаста ба ҳолатҳои парванда). Ҳамчунин шоҳиде, ки мувофиқи нишондоди ӯ суръати ҳаракати пиёдагард муайян карда мешавад, муайян мекунад, ки маҳз кадом суръат ба ҳаракати пиёдагард пеш аз рух додани садама бештар мувофиқат мекунад. Бо дарназардошти маълумоти ӯ, бояд кӯшиш ба он шавад, ки суръати ҳаракати пиёдагард дар вақти эксперимент ба суръате, ки ӯ ҳангоми садама ҳаракат кардааст, мувофиқат кунад. Пас аз муваффақ шудан ба ин кор аз шахсе, ки амалҳои пиёдагардро нақшофарӣ мекунад, дархост мешавад, ки қитъаи таъйиншудаи роҳро 3-4 маротиба бо суръати додашуда убур кунад. Ҳамзамон вақти тай кардани масофаи додашуда бо сониясанҷ сабт карда мешавад. Дар сурати ба амал омадани фарқият дар вақтҳо нишондодҳои аз ҳама баландтарин ва пасттарин ба қайд гирифта мешаванд.

Экспериментҳо барои муайян кардани қобилияти аёнӣ дар ҳолатҳое гузаронида мешаванд, ки зарурати дақиқ кардан пеш ояд, ки оё шахси муайян ҳодисаи тавсифнамудаи худро метавонад аз ҷойи таъйиншуда бубинад, инчунин ҳангоми ба амал омадани зарурати муайян кардани қобилияти

дидашавӣ аз ҷойи нишасти ронандаи воситаи нақлиёт, ки барои ҳалли масъалаи лаҳзаи ба вуҷуд омадани хатар муҳим аст.

Яке аз талаботи асосӣ ҳангоми гузаронидани эксперимент барои муайян кардани имкони дидашавӣ аз ҷойи нишасти ронанда истифодаи ҳамон воситаи нақлиёте мебошад, ки дар садамаи нақлиётӣ иштирок кардааст. Ғайр аз ин, ҳолати шишаҳои кабинаи мошин (хусусан шишаи пеш) бояд айнан ҳамон гуна бошанд (масалан, мавҷуд будани осебҳо, сиёҳиҳо, лой ва ғайра). Агар садама дар торикӣ рух дода бошад, ҳолати дастгоҳҳои рӯшноидиҳанда (мавҷуд будани ифлосӣ, осебҳо дар онҳо, фурӯзонакҳои гуногуни тафсанда, танзимкунандаҳо ва ғ.) низ бояд ба шароити рух додани садамаи нақлиётӣ мувофиқ бошанд. Ба ҳолати нишастгоҳи ронанда, баландӣ, мавқеи пуштак ва масофаи он аз панели идоракунӣ низ таваҷҷуҳ карда мешавад.

Бар асоси қоидаҳо, гузаронидани чунин экспериментҳо зарурат пайдо мекунад, агар садамаи нақлиётӣ дар ҷойҳои ноҳамвор, роҳҳои ҷангалӣ, шабона, ё дар ҳолатҳои мeғ (туман) ва дигар шароити маҳдуди намоиш рух дода бошад.

Албатта, фароҳам овардани ҳамаи ин шароитҳо хеле душвор аст, аз ҳамин сабаб беҳтар аст, ки эксперимент барои муайян кардани доираи намоиш аз нуқтаи нишастгоҳи ронанда фавран баъд аз садама гузаронида шавад.

85% аз пурсидашудагон дар ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса тарафдори гузаронидани чунин эксперимент буданд.

Эксперимент бо тартиби зерин гузаронида мешавад: воситаи нақлиёт дар маконе ҷойгир карда мешавад, ки аз он ҷо имкони дидашавӣ ва фазои мушоҳида муайян карда шавад. Дар курсии ронанда шахсе (статист) менишинад, ки бо натиҷаҳои парванда манфиатдор нест ва ашёеро, ки аз он ҷо ба ӯ намоёнанд, нишон медиҳад. Пас аз ин, масофа аз пеши мошин то он ашё чен карда мешавад.

Вақте ки статист интихоб мешавад, бояд дар назар дошт, ки қобилияти ронандае, ки ба садама дучор шудааст, дар муайян кардани монеаҳо метавонад фарқ кунад, зеро он вобаста ба омилҳои субъективӣ мисли биноӣ, синну сол, хастагӣ ва ғайра мебошад.

Ду намуди намоёнӣ вуҷуд дорад – мушаххас ва умумӣ. «Намоёнии мушаххас масофа аз қисми пеши мошинест, ки монеаро аз ҷойи нишасти ронандаи он бо аломатҳои хоси он муайян кардан мумкин аст. Намоёнии умумӣ масофа аз қисми пеши воситаи нақлиёт дар самти ҳаракати он мебошад, ки дар он унсурҳои вазъияти роҳ (сарҳади қисми мошингард, хатҳо, ишораҳо ва ғ.) ва монеаҳое, ки бо дастгоҳҳои рӯшноидиҳанда ишора шудаанд, намудор мешаванд» [86, с. 232-233].

Баъзе муаллифон мафҳуми намоёниро ба се қисм ҷудо мекунанд. Инҳо доираи умумии дид, хатти аввал дидашавӣ ва хатти бевосита ошкор кардани монеаҳо мебошанд [65, с. 48]. Аз хатти намоёнии аввал имкони объективии иштирокчиёни ҳодиса дар ошкор кардани монеа муайян карда мешавад. Ба андешаи мо аз нуқтаи назари амалӣ дидашавӣ (намоёнӣ)-и мушаххас ва умумиро баррасӣ кардан беҳтар аст.

Дар адабиёти махсуси ҳуқуқӣ кайҳо эътироф шудааст, ки «маълумоте, ки барои муайян кардани моҳияти ҳодисаи ҷиноятӣ, пешниҳоди фарзияҳо ва муайян кардани самти тафтишот мусоидат мекунанд, бо роҳи амсиласозии тарзи амали ҷинояткор, таҳлили экспериментии оқибатҳои баамаломада, аз ҷумла бо роҳи ба таври сунъӣ ба вуҷуд овардани шароити расонидани зарар ва ҳолатҳои фаро расидани марги инсон ба даст оварда мешавад» [69, с. 467]. Эксперименти тафтишӣ низ ҳамчун амали тафтишии мурофиавӣ, ки дар тафтиши садамаҳои нақлиётӣ хеле васеъ истифода мешавад, барои расидан ба ин ҳадаф хидмат мекунад.

Ба андешаи мо, ҳамаи шаклҳои зикршудаи муқобилият низ барои эксперименти тафтишӣ хосанд. Андешаи Волинский А.Ф. қобили ҷонибдорист, ки изҳор медорад: «восита ва усулҳои нисбатан маъмул ва хавфноки ҷамъиятии муқобилият ба тафтиши ҷиноятҳо ба таъсири равонӣ (психологӣ) ва ҷисмонӣ алоқаманданд» [113, с. 27-36]. Дар эксперименти тафтишӣ усули омехта ва мураккаби муқобилият дида мешавад, ки ҳам амалҳои ошкор ва ҳам пинҳониро дар бар мегирад (масалан, таҳдиди ошкоро ба шоҳид ҳангоми гузаронидани

амалҳои таҷрибавӣ). Дар асоси таҳлили гузарондашудаи тарзу воситаҳои муқобилият ба тафтишот, нуктаҳои зеринро ҷудо мекунем:

1) монеъ шудан ба гузаронидани эксперименти тафтишӣ бо роҳи саркашӣ аз ҳозиршавӣ, ба таъхир гузоштани он, пешниҳод накардани ашё, ҳуҷҷатҳо, инчунин дигар объектҳое, ки истифодаи он ҳангоми гузаронидани эксперименти тафтишӣ зарурат дорад;

2) даст кашидан аз иштирок дар эксперименти тафтишӣ, ки ба рад кардани додани нишондод алоқаманд аст;

3) қасдан намоиш додани амалҳои сохта ҳангоми гузаронидани амалҳои таҷрибавӣ, ки ба қасдан додани нишондоди бардурӯғ алоқаманд мебошанд;

4) пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои ташкил ва гузаронидани амалҳои таҷрибавӣ;

5) моил кунондани шоҳидон ё ҷабрдидаҳо ба саркашӣ аз иштирок дар эксперименти тафтишӣ ё нишон додани кирдорҳои сохта ҳангоми гузаронидани амалҳои таҷрибавӣ. Ҷудо кардани тарзу воситаҳои муқобилият дар гузаронидани эксперименти тафтишӣ ба муфаттиш имкон медиҳад, ки онҳоро дар марҳилаи аввали тафтиши ҷиноят муайян кунад ва ба амалҳои ғайриқонунии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ саривақт вокуниш нишон диҳад.

## 3.2. Таъйин намудани экспертизаи судӣ дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт

Ба кор бурдани донишҳои махсус яке аз масъалаҳои муҳимтарини тафтиши ҷиноятҳо мебошад. Зеро мавридҳое ҳастанд, ки ошкор кардани онҳо барои таҳқиқи ҷиноят муҳим аст, вале бо роҳҳои одии ҳуқуқӣ муайян карданашон ғайриимкон мебошад. Аз ин рӯ, муфаттиш (таҳқиқбаранда) маҷбур аст, ки ба донишҳои махсус такя кунад. Зеро имконияти истифодаи донишҳои махсус, заминаи асосӣ, масъалаи аввалиндараҷа, манбаи бадастоварии далелҳои шайъӣ, асоси бандубасти ҷиноят, сарчашмаи ошкоршавии ҳодисаҳои ҷиноят ё

тарзи содиршавии онҳо шуда метавонад. Донишҳои махсус – дониш ва малакаҳои касбӣ дар соҳаи илм, техника, санъат ё ҳунармандӣ мебошанд, ки барои ҳалли масъалаҳое, ки ҳангоми тафтиш ва баррасии парвандаҳои мушаххас дар суд ба миён омадаанд, заруранд [9, с. 217]. «Истифодаи донишҳои махсус дар тафтиши ҷиноятҳои категорияҳои гуногун нақши хос доранд» [127, с. 20].

***Таъйини экспертиза дар ҳолатҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаи нақлиёт.*** Масъалаҳои муосири илми криминалистика гуногунҷабҳа мебошанд. Барои ҳар яке аз бахшҳои ташаккулёфтаи илми криминалистика масоили гуногуни дорои хусусияти ташкилӣ, тактикӣ ва мурофиавӣ ба миён меоянд. Ғайр аз ин, тактикаи амалҳои тафтишӣ, мисли азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, азназаргузаронии воситаи нақлиёт, санҷиши ҷасад, шоҳидёбӣ, гузаронидани эксперименти тафтишӣ ва пурсишҳо таҳлил мегарданд.

Экспертизаи судӣ метавонад дар муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатии судӣ-экспертӣ, аз ҷониби кормандони муассисаҳои ғайриэкспертӣ ва экспертҳои алоҳида (хусусӣ) гузаронида шавад. Афзалият дар интихоби муассисаи экспертӣ дар тафтиши вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт дар ихтиёри муассисаҳои давлатии экспертӣ боқӣ мемонад. Айни замон, дар ҶТ муассисаҳои экспертии давлатӣ дар сохтори ниҳодҳои зерин мавҷуданд: Вазорати корҳои дохилии ҶТ; Вазорати адлияи ҶТ; Кумитаи давлатии амнияти миллии ҶТ; Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии ҶТ; Вазорати мудофиаи ҶТ; Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ.

Дар байни муассисаҳои зикршуда, бештар ба фаъолияти муассисаҳои экспертии давлатии Вазорати корҳои дохилӣ ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ зарурат вуҷуд дорад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, тақсимоти намудҳои маъмулии экспертизаи судӣ, ки ҳангоми тафтиши намуди ҷинояти таҳқиқшаванда таъйин карда шудаанд, вобаста ба макони гузаронидани онҳо чунин сурат мегирад:

– муассисаҳои давлатии экспертии ВКД ҶТ (дактилоскопӣ; трасологӣ; автотехникӣ; экспертизаи биологии бофтаҳо ва тарашшуҳоти одам ва ҳайвонот; экспертизаи мавод, ашё ва маснуот);

– муассисаҳои экспертии давлатии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ (экспертизаи тиббии далелҳои шайъии биологӣ; экспертизаи тиббии шахси зинда; экспертизаи тиббии ҷасад).

Чунин мавод дар ҷиноятҳои баррасишаванда вобаста ба намуди экспертиза, маъмулан нусхаҳои маводу санадҳои зерин дохил мешаванд:

– протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса;

– нақша-тарҳи макони садамаи нақлиётӣ;

– аксҳо (ҷадвалҳо) аз макони садамаи нақлиётӣ;

– тавзеҳоти шоҳидони садамаи нақлиётӣ, кормандони БДА;

– сабти видеоӣ аз дастгоҳҳои сабткунандаи воситаҳои нақлиёт, ки ҳодисаи ҷиноятӣ дар онҳо инъикос шудааст, инчунин амали ҷабрдида ва ҷинояткор пеш аз садама, ҳангоми он ва пас аз он;

– пурсиши шоҳидон, ҷабрдидаҳо, гумонбаршудагон;

– эксперименти тафтишӣ.

Дар мавриди таҳияи саволҳо барои экспертиза, бояд ба чанд талаботи муҳим диққат дод:

«– саволҳо бояд маҳдуд ба доираи донишҳои махсуси экспертизакунандаи судӣ бошанд ва аз қобилияти касбии ӯ берун нараванд;

– ба эксперт додани саволҳои ҳуқуқӣ ё масъалаҳои ҳуқуқӣ манъ аст ва қабул карда намешаванд;

– тарзи гузоштани саволҳо бояд мухтасар ва мушаххас бошад ва тафсири чандмазмунӣ надошта бошад;

– шумораи саволҳо аз тағйирёбии вазъияти судӣ-тафтишӣ муайян карда мешавад;

– саволҳо бо пайдарпайии қатъии мантиқӣ бояд номбар карда шаванд (яъне ҳалли саволи минбаъдӣ аз ҳалли саволи қаблӣ вобаста аст)» [67, с. 74].

Ҳангоми муайян кардани маводе, ки ба эксперт барои таҳқиқ фиристода мешаванд, бояд инро ба асос гирифт, ки кадом намуди экспертизаи судӣ барои иҷро таъйин карда шуда ва кадом масъалаҳо бояд ҳал карда шаванд.

***Масъалаҳои ҳалталаби тактикаи таъйини экспертизаи судии автотехникӣ.***

Теъдоди ҷиноятҳои марбут ба роҳу нақлиёт, ки боиси захмӣ ё ҳалок шудани одамон мешаванд, ҳамеша баланд боқӣ мемонад. Гарчанде ки дар соли 2023 ҷазо барои содир намудани чунин ҷиноятҳо сахттар шудааст, кам шудани шумораи ин гуна ҷиноятҳо танҳо тақрибан 7%-ро ташкил додааст [188; 194].

Экспертизаи судӣ-автотехникӣ ҳамчун амали мурофиавӣ шинохта мешавад. Ҳадафи асосии чунин экспертиза муайян кардани вазъи техникии воситаҳои нақлиёт, механизми рух додани садама ва шароити маҳалли ҳодиса мебошад, ки ин кор ба уҳдаи суд, муфаттиш ё дигар масъулини тафтиши пешакӣ гузошта мешавад.

Экспертизаи «ҳисобӣ» шакли маъмул ва анъанавии экспертизаи автотехникӣ буда, дар он ба эксперт тамоми маводи парванда супорида мешавад ва ӯ дар асоси андозагириҳои анҷомдодааш дар ҷойи ҳодиса ба саволҳои муфаттиш ҷавоб медиҳад. Аз тарафи дигар, экспертизаи вазъиятӣ дар ҳолате таъйин карда мешавад, ки сабти видеоие мусодира шуда бошад, ки дар он воқеаҳои садамаи нақлиётӣ сабт шудаанд.

Ҳамин тавр, таърифи экспертизаи автотехникӣ, ки бо сабти видеоӣ дастрас мешавад, ҳамчун экспертизаи вазъиятӣ қабул карда мешавад. Дар доираи экспертизаи судии автотехникӣ барои таҳлили ҳолатҳои садамаи нақлиёт ду намуди асосӣ ҷудо карда мешаванд: анъанавӣ ва вазъиятӣ.

Тактикаи муайян кардани экспертизаи судии автотехникӣ аз силсилаи қадамҳои зерин иборат аст:

«1. Ҷамъоварии маълумоти ибтидоӣ барои гузаронидани экспертизаи судии автотехникӣ, ки ин маълумот ҳангоми таҳқиқи ҷойи ҳодиса, ҳамчунин тавассути пурсиши иштирокчиён ва шоҳидон ба даст оварда мешавад;

2. Қабули қарор оид ба таъйини экспертизаи судии автотехникӣ ва амалӣ

кардани он бо мақсади таҳлили экспертии маълумоти ҷамъшуда дар бораи механизми рух додани садамаи нақлиётӣ» [114, с. 223-226].

3. Муфаттиш натиҷаҳои экспертизаи судии автотехникиро таҳлил намуда, онҳоро дар раванди исботи парванда истифода мебарад.

Нишондодҳои иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ бо сабаби нақш ва хусусиятҳои шахсӣ, аз қабили синну сол ва ҳолати равонӣ, маъмулан субъективӣ мебошанд. Санҷиши дурустии ин нишондодҳо танҳо тавассути гузаронидани эксперименти тафтишӣ имконпазир аст. Бо вуҷуди ин, дар амал чунин таҷрибаҳои тафтишӣ хеле кам ба иҷро мерасанд, ки ин бо якчанд сабабҳои зерин алоқаманд аст:

– татбиқи мураккабии он, ҳам аз ҷиҳати тактикӣ ва ҳам аз ҷиҳати ташкилӣ;

– зарурати таъйини фаврии экспертизаи судии автотехникӣ ҳангоми марҳилаи аввали тафтиши хабар дар бораи ҷиноят, ки дар он вақт гузаронидани эксперименти тафтишӣ бо сабаби маҳдудиятҳои қонунгузорӣ ғайриимкон аст (гарчанде муфаттишони масъулиятшинос баъзан ин амалро анҷом дода, протоколҳои иловагӣ ё такрории азназаргузаронии ҷойи ҳодисаро тартиб медиҳанд).

Ба назари мо, эксперименти тафтиширо бояд пеш аз таъйини экспертизаи судии автотехникӣ анҷом дод, махсусан дар ҳолатҳое, ки маълумоти ибтидоӣ асосан аз нишондодҳои иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ ташкил ёфтааст.

Ҳангоми қабули қарор дар бораи таъйини экспертизаи судии автотехникӣ муфаттишон (масъули тафтиши пешакӣ) аксар вақт хатоҳои тактикӣ мекунанд, ки инҳо метавонанд чунин бошанд:

1. Маводи парвандаи ҷиноятиро пурра ба эксперт мефиристанд ва ба ӯ иҷозат медиҳанд, ки мустақилона маълумоти заруриро дар онҳо ҷустуҷӯ кунад, ки бо талаботи Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ мувофиқ нест.

2. Дар таҳияи саволҳо барои эксперт тамоюли «айбдоркунанда» ҷой дорад, яъне муфаттишон танҳо як фарзияро тафтиш мекунанд - содир шудани ҷиноят бо айби ронанда, дар ҳоле ки фарзияҳои дигар, монанди бегуноҳии ӯ ё таъсири амали дигар иштирокчиёни ҳаракат ба оқибатҳои садама, ё ба дархости

тарафҳои ҳимоя санҷида намешаванд.

3. Саволҳое пешниҳод мешаванд, ки ба аниқ кардани он ки кадом қоидаҳои ҳаракат ронанда вайрон кардааст равона шудаанд, мисли: «Оё амалҳои иштирокчиён ба қоидаҳои бехатарии ҳаракат мувофиқат мекунанд?» ё «Оё муносибати сабабӣ-натиҷавӣ байни амалҳои иштирокчиён ва садама вуҷуд дорад?»

4. Шумораи зиёди саволҳо, ки вақти экспертро мегиранд, вале маълумоти муфид ба парванда намеафзоянд.

Барои пешгирӣ аз чунин хатогиҳо ва камбудиҳо, муфаттиш бояд пеш аз таъйини экспертиза бо эксперт-автотехник машварат кунад.

Ин вазъият, мутаассифона, хеле зиёд рух медиҳад; дар аксар парвандаҳои ҷиноятӣ дар суд ҳимоятгарон одатан эксперти мустақилро даъват мекунанд, ки ин исботи боварнок набудани хулосаи эксперт-автотехник мебошад. Роҳи ягонаи рафъи ин мушкилот ин такмили ихтисоси доимии эксперт-автотехникҳое аст, ки дар муассисаҳои экспертӣ кор мекунанд ва ё таҳсилро дар магистратура дар самти «Автомобилсозӣ» идома медиҳанд.

Масъалаи дигар ин баҳодиҳии хулосаи шартии эксперт-автотехник мебошад. Гунаҳкор дар шартӣ гаштани хулоса комилан худи муфаттише аст, ки нишондоди иштирокчиёни ҳаракат дар роҳро тавассути гузаронидани эксперименти тафтишӣ насанҷида, ба эксперт-автотехник маълумоти дорои ихтилофро пешниҳод кардааст. Бо вуҷуди ин, эътирофи чунин хулоса ҳамчун далел дар парвандаи ҷиноятӣ номумкин аст, вале муфаттишон роҳи дигареро интихоб мекунанд. Онҳо нишондоди нодурусти ронандаро ҳамчун талоши эмин мондан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ мешуморанд ва қисми аввали хулосаи экспертро ҳамчун далели аслӣ қабул намуда, парвандаро ба суд ирсол мекунанд, ки ин, ба андешаи мо, пурра халалдор кардани принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ мебошад.

Барои рафъи камбудиҳои зикршуда дар раванди таъйини экспертизаи судии автотехникӣ, ба назари мо зарур аст, ки малака ва тахассуси экспертҳои автотехник такмил ёбад ва ҳамаи ихтилофҳо дар маводи парванда бо

роҳандозии эксперименти тафтишӣ ҳалли худро ёбанд.

Ин ягона роҳи эътирофи хулосаи экспертизаи судии автотехникӣ аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ мебошад [114, с. 223-226].

Экспертизаҳои судӣ дар ҳал намудани бисёр масъалаҳое, ки дар ҷараёни тафтиши ҳодисаҳои нақлиётии роҳ ба миён меоянд нақши муҳимро мебозад. Чи хеле ки амалияи тафтишотӣ, судӣ ва экспертӣ нишон медиҳад, аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ асосан экспертизаҳои судӣ-автотехиникӣ, судӣ-тиббӣ, судӣ-криминалистӣ ва судӣ-пайшиносӣ вобаста ба пайҳои воситаҳои нақлиётӣ гузаронида мешавад [62, с. 464].

**Экспертизаи автотехникӣ.** Ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт муфаттиш бояд ба саволҳое посух гирад, ки бе дониши шахсони огоҳ ҳал кардани онҳо номумкин аст. «Шакли асосии мурофиавии истифодаи донишҳои махсус ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо татбиқи экспертизаҳои судӣ мебошад» [83, с. 117]. Таҳлили ин категорияи парвандаҳои ҷиноятӣ нишон дод, ки экспертизаҳои автотехникӣ ва судӣ-тиббӣ дар 100% ҳолатҳо таъйин карда мешаванд. Ин шаклҳо дар истифодаи донишҳои махсус барои тафтиши ҷиноятҳо мавҷуданд, ки дар байни онҳо ҳангоми тафтиши ин категорияи парвандаҳои ҷиноятӣ иштироки мутахассис дар татбиқи амалҳои тафтишотӣ ва намудҳои гуногуни экспертизаҳо аҳаммияти махсус дорад.

Пояи илмии экспертизаи автотехникӣ аз донишҳои махсус дар соҳаи назарияи автомобил ва қонунҳои ҳаракати ҷисмҳо ташкил ёфтааст. Бо вуҷуди ин, асоси назариявӣ маҳдуд нест. Дар адабиёт таъкид мегардад, ки «назарияи автомобил равандҳои ҳаракат, манёвр ва боздории воситаҳои нақлиётро омӯзиш медиҳад, то роҳҳои бехтарсозӣ ва баланд бардоштани самаранокии кории онҳоро муайян намояд. Вазифаи асосии он на танҳо таҳияи усулҳо ва воситаҳо барои барқароркунии ретроспективии ҳолатҳои идоракунии нақлиёт ва ҳаракати онҳо, инчунин ҳисоб кардани вақт ва масофаи боздории манёвр барои пешгирии садамаҳои нақлиётӣ мебошад» [133, с. 359].

Ин масъалаҳо дар назарияи экспертизаи судии автотехникӣ бо муваффақият мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Тавсияҳои методӣ оид ба тафтиши вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо маълумоти аз экспертиза бадастомадаро ҳамчун маълумоти зарурӣ тасниф мекунанд.

Ҳангоми тафтиши садамаҳои нақлиётӣ, аксар вақт бо масъалаҳое дучор меоем, ки донишҳои махсусро дар соҳаи техникаи автомобилӣ талаб мекунанд. Аз ин рӯ, муфаттиш бисёр вақт маҷбур мешавад, ки экспертизаи автотехникиро таъйин кунад, ки санади он баъзан манбаи асосии далелҳо дар парванда мебошад.

Экспертизаи судӣ-автотехникӣ амали мурофиавие мебошад, ки моҳияти он таҳқиқи ҳолатҳои садамаи нақлиётӣ ифода меёбад ва тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун аз ҷониби шахсони дар бораи нақлиёти автомобилӣ огоҳ бо дастури муфаттишон ва судҳо бо мақсади муайян намудани маълумоти воқеӣ, дар шакли хулосаи экспертӣ, далелҳои судӣ барои тасдиқи ҳақиқат дар парванда гузаронида мешавад [90, с. 4].

Ин таҳқиқ бар асоси маводи парванда ва натиҷаҳои тафтиши ҷойи ҳодиса, воситаҳои нақлиёт (аз ҷумла қисмҳо, маҷмуаҳо, асбобҳо ва системаҳо) ва ронанда сурат мегирад [89, с. 2].

Вазифаҳои экспертизаи автотехникӣ хеле гуногунанд, аз ин рӯ беҳтар аст, ки онҳо вобаста ба ҳолатҳои садамаи нақлиётӣ дар шакли гурӯҳӣ дар таносуб ба намудҳои мавҷудаи экспертизаи автотехникӣ баррасӣ шаванд.

Таҳқиқи экспертии ҳолати техникии воситаҳои нақлиёт вазифаҳои марбут ба муайян кардани гурӯҳи зерини масъалаҳоро ҳал мекунад: мавҷуд будани нуқсонҳо дар воситаи нақлиёт ва вақти пайдо шудани онҳо (пеш аз садама, ҳангоми он, пас аз он); таъсири нуқсонҳо ба пайдоиш ва шаклгирии садамаи нақлиётии автомобилӣ; мувофиқати ҳолати воситаи нақлиёт ба меъёрҳо ва талаботи бехатарии ҳаракат; муносибати сабабӣ-натиҷавӣ байни корношоямии қисмҳои автомобил ва ҳодиса; ҳолати қисмҳои автомобил дар асоси таҳқиқоти кимиёвӣ ва металлографии онҳо; муайян кардани масир ва хусусияти ҳаракати

воситаҳои нақлиёт ва пиёдагардон пеш аз ва баъд аз зарба; муайян кардани мавқеи воситаи нақлиёт ва пиёдагардон нисбат ба ҳамдигар, муайян кардани ҷойи садамаи нақлиётӣ; муайян кардани суръати ҳаракати воситаи нақлиёт пеш аз зарба (бархӯрд) ва режими ҳаракат (боздорӣ, лағжиш, кашолакунӣ ва ғ.);

Дар амалия хеле кам ҳолате пеш меояд, ки аз эксперт бевосита механизми ҳодиса пурсида шавад. Дар бештари мавридҳо масъалаҳои алоҳидаи марбут ба механизми ҳодисаи рухдода, мисли муайян намудани суръати ҳаракати воситаи нақлиёт, роҳҳои боздорӣ ва ҷойгиршавии таваққуф, ҳамчунин мувофиқати рафтори ронанда бо имкониятҳои техникии восита, ки бехатарии ҳаракатро таъмин мекунанд, ба таври муассир ҳал мегарданд. Бо вуҷуди ин, ба вуҷуд омадани чунин ҳолатҳо ҳам мумкин аст, ки воситаи нақлиёт дар ҷойи худ қарор дорад, аммо мустақилона муайян кардани чӣ гуна рух додани ин ҳодиса барои муфаттиш душвор аст.

Амалияи таъйин кардани экспертизаҳои автотехникӣ ва нақлиётӣ-трасологӣ нишон медиҳад, ки муфаттишон на ҳамеша ба пайҳои пас аз садама боқимонда дуруст баҳо медиҳанд. Ин пеш аз ҳама, ба гуногунии пайҳо, ки аз бисёр ҷиҳатҳо ба ҳам монанданд, алоқаманд аст. Дуюм, сари вақт анҷом надодани азназаргузаронии макони садама ва мошинҳо, ки дар пайи он баъзе пайҳо нобуд (гум) мешаванд. Сеюм, нокифоя будани тахассуси шахсони дар азназаргузаронӣ ширкаткунанда, хунукназарии онҳо, вайрон кардани қоидаҳои татбиқи азназаргузаронӣ. Чорум, набудан ё истифода нашудани дастгоҳҳо ва асбобҳои махсуси техникӣ, ки имкон медиҳанд, пайҳо ошкор, андозагирӣ, сабт ва мусодира шаванд [119, с. 79-81].

Хулоса, ҳаллу фасли ин масъала бояд бар дӯши эксперт гузошта шавад, зеро «мушкилоти муайян кардани робитаи сабабӣ дар баъзе ҷиноятҳои техникии нақлиётӣ на танҳо аз нуқтаи назари назариявӣ, балки аз ҷиҳати амалӣ аҳаммияти калон дорад. Масалан, дар парвандаҳои марбут ба нақлиёт ва роҳ, таъйини робитаи сабабӣ байни вайронкунии қоидаҳои ҳаракат ва оқибатҳои онҳо хеле мураккаб аст. Аз ин рӯ, бисёр хатогиҳои судӣ дар чунин парвандаҳо

ба нодуруст муайян кардани ин робитаҳо вобаста мебошанд» [47, с. 21; 135, с. 54-60].

Робитаи сабабӣ байни амалҳои иштирокчиёни садамаи нақлиётӣ ва оқибатҳои рухдода аз лаҳзае муайян карда мешавад, ки иштирокчии садама метавонист барои пешгирии он чораҳо андешад.

Масалан, пиёдагард қисми мошингарди роҳро аз гузаргоҳи таъйишудаи танзимнашаванда убур мекард, ки воситаи нақлиёт ӯро пахш кард. Мувофиқи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, пиёдагард пеш аз убур аз роҳи мошингард бояд масофаро то нақлиёти наздикшаванда ҳисоб карда, ба бехатарии ҳаракати худ боварӣ ҳосил кунад. Тибқи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ронандаи воситаи нақлиёт вазифадор аст, ки ба пиёдагард роҳ диҳад. Дар назари аввал бархӯрд дар чунин гузаргоҳ аз он шаҳодат медиҳад, ки амали ронанда ба талаботи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ҷавобгӯ нест ва бо оқибатҳои зараровари рухдода робитаи сабабӣ дорад ва амали пиёдагард бо он робитаи сабабӣ надорад.

Аз ҳамин сабаб, арзёбии фаъолияти иштирокчии садамаи нақлиётӣ аз тарафи муфаттиш дар раванди таҳқиқи робитаи сабабӣ бо ҳодиса, бояд масъалаҳои зеринро фаро гирад:

– дар шароити баамаломадаи вазъияти марбут ба роҳу нақлиёт ӯ бояд тибқи кадом талаботи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ амал кунад?

– дар амали ӯ номувофиқӣ бо қоидаҳои ҳаракат дар роҳ вуҷуд дорад?

– оё амали ба қоидаҳои ҳаракат номувофиқи ӯ бо ҳодиса робитаи мустақими сабабӣ дорад?

Бо вуҷуди ин, барои муайян кардани робитаи сабабӣ байни амалҳои пиёдагард ва садамаи нақлиётӣ дониши махсуси техникаи автомобилӣ зарур нест ва ҳалли ин масъалаҳо аз салоҳияти чунин экспертҳо берун аст.

Эксперт-автотехник механизми садамаро таҳлил намуда, имкони техникии пешгирии он дар шароити мушаххасро баррасӣ мекунад. Аммо дар амал ҳангоми таҳлили механизми садамаи нақлиётӣ масъалаи мувофиқ будан ё набудани рафтори ронанда бо талаботи техникӣ ва қоидаҳои бехатарии ҳаракат, инчунин муайян кардани робитаи сабабӣ байни ин амалҳо ва садама, метавонад

ба натиҷаҳои таҳқиқи имкони техникии пешгирии садама вобаста бошад. Дар ин замина, аз нақшаи таҳқиқи экспертӣ оид ба ҳолатҳои садама бояд ёдовар шуд. Дар он нишон дода шудааст ронанда дар шароите маҷбур буд амал кунад, ки барои ҳаракат хатар эҷод менамояд.

Ҳангоми муайян карда шавад, ки нуқсони техникии воситаи нақлиёт пеш аз садама вуҷуд дошта, байни он ва садама робитаи сабабӣ вуҷуд дорад, таҳқиқоти экспертӣ бояд идома ёбад. Дар ин марҳила зарур аст сабаби пайдоиши нуқсон муайян гардад – масалан, нуқсонҳои истеҳсолӣ, сифати пасти таъмир ё нодуруст ва сари вақт набудани хидматрасониҳои техникӣ. Пас, коршинос вазифадор аст арзёбӣ кунад, ки оё ронанда имконияти ошкор кардани ин камбудиро дар вақти мувофиқ дошт ё на. Ин талабот шарти ҳатмӣ барои таҳқиқи ҳамаҷониба, пурра ва боэътимоди ҳолатҳои парванда ба шумор меравад.

Ошкор кардани сабабҳои корношоямӣ дар техникаи нақлиётӣ нақши муҳим дар пешгирии садамаҳои нақлиётӣ дорад. Мукаммал ва эътимоднок будани сохтори воситаҳои нақлиёт бевосита ба сатҳи бехатарии ҳаракат таъсир мерасонад. Бо роҳандозии ин равиш имконият фароҳам меояд, ки сабабҳои аслии корношоямии воситаҳои нақлиёт муайян гардида, чораҳои самаранок барои беҳтар намудани сифати онҳо ва пешгирии садамаҳои оянда андешида шаванд.

Муфаттишон дар ҳолатҳои камтар рухдода масъалаи пайванди сабабиро байни камбудиҳои сохтории автомобилҳо ва садамаҳои нақлиётӣ ба мутахассисони экспертизаи техникӣ вогузор менамоянд. Дар ҳамин ҳол, қонунҳои маъмурии ҶТ ба ин коршиносон ҳуқуқ медиҳад, ки дар масъалаҳое, ки барои ҳалли парванда аҳаммият доранд ва қарор дар бораи онҳо қабул нашудааст, хулоса пешниҳод кунанд (моддаи 208). Аммо дар амал чунин ҳолатҳо ба вуқуъ мепайванданд, ки мутахассисон бояд муфаттишонро оид ба зарурати баррасии масъалаҳои иловагӣ, ки онҳо метавонанд баррасӣ намоянд, огоҳ созанд. Ин рафтор нишон медиҳад, ки муассисаҳои экспертӣ ба таври давлатӣ вазифаҳои худро дар ҷараёни мубориза бо ҷиноятқорӣ иҷро мекунанд.

Вақте ки робитаи сабабиро байни нуқсонҳои техникӣ дар воситаи нақлиёт ва садамаи нақлиётӣ таҳқиқ мекунанд, эксперт на танҳо вазифадор аст муайян намояд, ки оё ин омилҳо барои рух додани ҳодиса зарур буданд ё не, балки метавонад муайян созад, ки онҳо сабаби асосӣ ва аслии ин ҳодиса ба маънои маҳдуди калима мебошанд. Вазифаи касбии ӯ дар ин замина огоҳ кардани муфаттиш ё суд дар бораи натиҷаҳои таҳқиқот мебошад.

Мутахассиси эксперт-автотехникӣ ҳуқуқ дорад, ки масъалаҳои марбут ба робитаи сабабиро на танҳо байни нуқсонҳо ё корношоямии воситаи нақлиёт ва садамаҳои нақлиётӣ баррасӣ намояд, балки ҳамчунин байни садамаҳои нақлиётӣ ва омилҳои зерин низ таҳлил кунад:

- рафтори ронандагон (амал ё беамалии онҳо);
- камбудиҳо дар тарҳи ва сохтмони воситаҳои нақлиёт;
- шароити муҳити роҳ.

***Хатарнокии ҳаракат ва муайян кардани лаҳзаи пайдоиши он.*** Масъалаи муайян кардани лаҳзае, ки ронанда дар раванди ташаккули вазъи ҳаракати роҳ ба хатар дучор шудааст, дар баъзе ҳолатҳо барои таҳлили парвандаҳои ҷиноятии вобаста ба роҳу нақлиёт аҳаммияти калидӣ дорад [138, с. 47-53].

Хатари ҳаракат инчунин ҳангоми афзоиши суръати қатъии воситаи нақлиёт ба миён меояд. Ин ҳолат метавонад бо кашидани ядак бе платформаи гардишӣ, лағжиши роҳ, гардиши тез ё баландии роҳ (лағжиши чархҳо) иртибот дошта бошад. Дар ҳолати лағжиши роҳ, ки бо нокифоя часпидани чархҳо ба сатҳи роҳ алоқаманд аст, ҳаракат метавонад комилан қатъ шуда, воситаи нақлиёт аз идоракунӣ хориҷ гардад.

Манбаи хатар ба ҳаракати нақлиёт дар қаламрави шаҳри Душанбе ва дигар шаҳрҳои сераҳолӣ халалҳое мебошанд, ки ба қобилияти дидашавӣ тавассути микроавтобусҳо, мошинҳои боркаши хурд, фургонҳо, мошинҳои кӯҳгард (внедорожник), мошинҳои сиёҳшиша ба вуҷуд оварда мешаванд. Инчунин хатар ҳангоми маҳдуд будани имкони дидашавӣ низ ба амал меояд (борон, туман, ях кардани шишаҳои мошинҳо, боридани барф ва ғ.).

Ҳангоми бархӯрд ва пахшкунӣ дар шароити маҳдуд будани дидашавӣ, эксперт вазифадор аст мавқеи ронандаро дар воситаи нақлиёт ба ҳисоб гирад. Координатҳои курсии ронанда барои намудҳои гуногуни воситаҳои нақлиёт дар тадқиқоти олим Илларионов В.А., ки яке аз роҳнамои асосӣ барои экспертҳои техникаи автомобилӣ дар раванди экспертиза мебошад, мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди ин, чунин роҳнамоҳо барои мошинҳои хориҷии чанбаракашон ва самтҳои рост вуҷуд надоранд. Барои кам кардани таъсири омилҳои субъективӣ дар муайян кардани ин координатҳо, зарур аст ҷадвалҳои махсуси маълумотдиҳандаро барои мутахассисони эксперт-автотехник таҳия намоянд.

Пеш аз ҳама, на ҳама вақт дар хулосаи экспертизаи автотехникӣ хулосаҳои қатъӣ баровардан мумкин аст. Дараҷаи қатъият ва эътимоднокии хулосаҳо ҳам ба хусусият ва ҳолати объектҳои таҳқиқшаванда ва ҳам ба сатҳи дониши эксперт вобаста аст. Одатан, дар қарори муфаттиш танҳо ду саволи асосӣ ба миён гузошта мешавад: вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ҷой доранд ё не ва оё пешгирии он имконпазир буд ё не?

Ҳолати дигар рух медиҳад, вақте коршинос масъалаҳоро бо дарназардошти омилҳо, ҳолатҳо ва хусусиятҳои тағирёбандаи ба ҳолати воситаҳои нақлиёт, шароити роҳ ва ғайра вобаста ҳал мекунад. Дар чунин мавридҳо эътимоднокии хулосаҳо аз дақиқият ва мутобиқати ин омилҳо, ҳолатҳо ва хусусиятҳо ба шароит ва механизми ҳодиса вобаста мешаванд. Тағйири бузургии як хусусият ҳам баъзан метавонад ба хулосаи комилан муқобил оварад.

Муфаттиш хулосаи эксперт-автотехникиро баҳо дода, бояд ба нуктаҳои асосии зерин диққат диҳад: оё ҳамаи масъалаҳои гузоштаи ӯ ҳал шудаанд ё не ва оё ӯ аз доираи салоҳияти худ берун набаромадааст; хулосаҳо асосҳои кофии илмӣ-техникӣ доранд ё не, оё байни онҳо ихтилофе вуҷуд дорад; эксперт бо ташаббуси худ кадом масъалаҳоро ҳал кардааст; оё хулосаҳо бо далелҳои дигари парванда мувофиқанд ҳастанд; ҳисобҳо чӣ тавр анҷом дода шудаанд.

Эксперт, ҳатман бояд ба ҳама саволҳои ба доираи салоҳияташ гузошташуда ҷавоб диҳад. Ин вазифаи пешбинишудаи ӯ дар қонунгузорӣ аст.

Дар навбати худ, муфаттиш бояд танҳо он хулосаҳои экспертро истифода барад, ки дар доираи салоҳияти дувумӣ бароварда шудаанд. Аммо, кори экспертро танҳо бо посух додан ба саволҳои марбут ба ҳодиса маҳдуд кардан дуруст нест.

Аммо дар асл, қаблан суҳбатҳои озод оид ба ҳисоб кардани масофаи роҳи ҷойи ҳодиса бо эксперт бояд гузаронида шаванд, ки онҳоро дар хулосаҳо алоҳида инъикос кардан лозим аст. Масалан, ҳисоб кардани суръати ҳаракати воситаи нақлиёт, тули роҳи таваққуф ва боздорӣ, масофаи бехатарӣ, масофае, ки хатар ба вуҷуд омадааст ё ошкор кардани он имконпазир аст ва ғ.

Ҳангоми азназаргузаронии воситаҳои нақлиёт қисмҳо ва механизмҳои корношоям ва харобшуда пайдо мешаванд, бояд ба он диққат дода шавад, ки оё эксперт байни онҳо ва ҳодиса робитаи сабабиро ошкор кардааст, инчунин сабаби бевоситаи он ва нисбати он мавҷуд будан ё набудани маълумоти алоҳида дар хулоса ҷой дорад ё на. Ин хеле муҳим аст, зеро на ҳар як корношоямӣ ё вайронии қисмҳои воситаи нақлиёт метавонад ба ҳодиса робитаи сабабӣ дошта бошад ва ё сабаби бевоситаи ҳодиса бошад. Набудани чунин хулосаҳо эътимоднокии хулосаи экспертизаи автотехникиро дар маҷмуъ коҳиш медиҳад.

Муфаттиш бояд хулосаи экспертро баҳо дода, ба асос гирад, ки ҳар як хулосаи эксперт бояд аз ҷиҳати назариявӣ асоснок шуда, бо ҳисобҳо ё экспериментҳои мувофиқ тасдиқ карда шавад ва дар баъзе ҳолатҳо ба манбаъҳои он ишора шавад. Ҳамаи ин бояд дар қисми таҳқиқотии хулоса бо пуррагӣ ва содагие, ки имкон диҳад, объективӣ ва эътимоднок будани хулосаҳо тафтиш карда шаванд, оварда шавад. Дар сурати иҷро нашудани ин талабот онҳо наметавонанд боэътимод ҳисобида шаванд.

Мавҷудияти ихтилофот дар хулосаҳои эксперт аввалан, ҳангоми ҳалли масъалаҳои бо ҳам алоқаманд набуда дар қарори муфаттиш, дуюм, ҳангоми гузаронидани экспертиза дар якчанд намуд ва сеюм, ба сабаби нокифоя будани ихтисоси эксперт метавонад ҷой дошта бошад.

Гузашта аз ин, дар ҳолати охир ин хулосаҳо танҳо дар сурате эътимоднок хоҳанд буд, ки агар бо дарназардошти имконнопазир будан ё набудани пешгирии садама бароварда шаванд.

Хулосаи эксперт метавонад реалӣ ва боэътимод эътироф карда шавад, агар дар байни хулосаҳо вобаста ба ҳолатҳо ва масъалаҳои алоҳида ихтилоф вуҷуд надошта бошад.

Дар сурати мавҷуд будан ихтилоф дар хулосаҳои экспертон, муфаттиш бояд пеш аз ҳама барои бартарафсозии онҳо чораандешӣ кунад. Агар ин кор имконнопазир бошад, ӯ танҳо он хулосаҳоеро истифода мебарад, ки ба ҳолатҳои боқимондаи парванда мувофиқат доранд.

Хулосаҳое, ки эксперт ҳангоми ҳалли масъалаҳо бо ташаббуси худ баровардааст, метавонанд барои муайян кардани сабабҳои ҷиноят аҳаммияти калон дошта бошанд. Онҳо низ бояд аз назари эътимоднокӣ баҳо дода шаванд. Талаботи дар боло зикршуда ба онҳо низ дахл доранд. Танҳо ба он диққати махсус додан лозим аст, ки эксперт кадом маълумоти ибтидоиро истифода кардааст ва эътимоднокии онҳоро дар навбати аввал пешниҳод кардан лозим аст.

Муқаррароти асосии ҷамъбастӣ, ки муфаттиш ҳангоми баҳодиҳии хулосаҳои экспертӣ бояд тибқи онҳо амал кунад инҳо мебошанд:

1. Агар хулосаҳо дар хусуси имконпазир будан ё набудани ошкор кардани садамаи нақлиётӣ мувофиқат кунад ё номувофиқии амалҳои иштирокчиёни он ба талаботи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва қоидаҳои техникии истифода ва дигар санадҳои меъёрӣ дар асоси ҳисобҳои тахминии бузургиҳо (аз ҷумла, нишондодҳои миёнаи онҳо) ва худсарона гирифта шуда бошанд, пас онҳо боэътимод ҳисобида намешаванд. Хулосаҳо бояд бо ҳисобҳои тибқи истифодаи бузургиҳои воқеӣ гирифташуда асоснок карда шаванд.

2. Дар сурати мавҷуд набудани бузургиҳои воқеӣ, хулосаҳо бояд тибқи ҳисобгириҳо дар якчанд тариқа (вариант) бо истифода аз нишондодҳои поёнӣ ва болоии хусусиятҳо асоснок карда шаванд. Дар чунин ҳолат, хулосаҳои он

тариқа (вариант)-ҳое боэътимод дониста мешаванд, ки ба ҳам ихтилоф надоранд ва ба боқимондаи далелҳои парванда мувофиқат мекунанд.

3. Танҳо он хулосаҳои эксперт дуруст ва боэътимод дониста мешаванд, ки дар асоси таҳқиқи пурраи илмӣ ва муҳандисии тамоми ҳолатҳои садама бароварда шудаанд, аз ҷумла онҳое, ки ба хусусиятҳои ҳисобкунии марбут ба шароити роҳ, воситаи нақлиёт, ронанда ва ғайра алоқамананданд. Дар ин ҳолат, ба тариқаҳое, ки аз гуногунии ҳолатҳои садамаи нақлиётӣ бармеоянд, онҳое низ илова мешаванд, ки дар натиҷаи истифодаи нишондодҳои поёнӣ ва болоии сабабҳои садамаҳо ба вуҷуд омадаанд.

4. Хулосаҳои қатъӣ дар бораи имконпазир будан ё набудани пешгирӣ аз пиёдагардро пахш кардани воситаи нақлиёт, ки ба ҳисобкуниҳо асос ёфтаанд, дар ду ҳолати боэътимод буда метавонанд:

а) вақте ки барои муайян кардани суръати воқеии ҳаракати пиёдагард ё вақти воқеии пайдоиши ӯ дар назари ронанда эксперимени тафтишӣ гузаронида шудааст ва ин маълумот барои экспертиза пешниҳод карда шудааст;

б) агар ҳам дар пасттарин ва ҳам дар баландтарин суръати ҳаракати пиёдагард, ки дар тадқиқоти техникӣ маълум аст, дар бораи имконпазир будан ё набудани пешгирӣ аз бархӯрд хулосаҳои якхела ба даст оварда мешаванд.

Дар охир чунин қайд мекунем, ки барои таъйини экспертизаи автотехникӣ ва татбиқи он, инчунин барои эътироф ва баҳодиҳии эътимоднокӣ ва объективӣ будани хулосаҳои эксперт аз ҷониби муфаттиш дуруст муайян кардани лаҳза ва макони мавҷудияти хатар ё шаклгирии вазъияти хатарноки роҳ бисёр муҳим аст, аммо ин ҳолат таҳқиқ ва баррасии ҷудогонаро талаб мекунад.

**Таъйини намудҳои дигари экспертиза дар парвандаҳои ҷиноятии марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт**

Дар парвандаҳои баррасишаванда, экспертизаҳои криминалистӣ метавонанд шаклҳои гуногуни таҳқиқотро дар бар гиранд, ки аз ҷумла таҳлили трасологии пайҳои воситаҳои нақлиёт, пайҳои пойи одамон ва ҳайвонот, таҳқиқи дактилоскопӣ — пайи ангушт ва дастхат, инчунин таҳқиқоти техникӣ-

криминалистии ҳуҷҷатҳо мебошанд. Ғайр аз ин, таҳқиқоти ҷузъӣ, мисли омӯзиши қисми шикастаи шишаҳои шамолдаро ва чароғҳои воситаи нақлиёт низ ба назар гирифта мешаванд. Ин намуд таҳқиқотҳо бо мақсади муайян кардани ашё ва ба даст овардани маълумоти муфид барои парванда анҷом дода мешаванд.

Бештар аз ҳама таҳқиқи трасологии пайҳои мухталиф маъмул аст. Муайян кардани нақлиёт аз рӯйи ду намуди пай аҳаммияти бештар дорад:

а) Пайҳои бархӯрд ва пахшкунӣ, ки ҳангоми таъсири зарба ба бампер, қанот, бадана ё радиатори воситаи нақлиёт ба ашёҳои гуногун (масалан, мошинҳои дигар, дарахтон, деворҳо ва ғайра) ба вуҷуд меоянд. Дар ин пайҳо метавонанд сохтор ва хусусиятҳое инъикос шаванд, ки натиҷаи тамос бо объекти бархӯрдаанд, мисли сохтори матои либоси ҷабрдида ва дигар аломатҳо.

б) Пайҳои протектори шина, ки дар ҳолати мавҷуд будани нуқсонҳо ё хусусиятҳои дигари хос дар онҳо инъикос ёфтаанд.

Дар аксар ҳолатҳо, гурӯҳи охирин пайҳо барои муайян кардани мансубияти умумии воситаи нақлиёт (аз ҷиҳати намуд, тамға ва модел) истифода мешавад. Ин маълумот, ҳатто дар сурате ки хулосаи экспертӣ эҳтимолӣ бошад, аҳаммияти бузург дорад, зеро он майдони ҷустуҷӯи воситаи нақлиёти пинҳоншуда ё дигар воситаҳоро маҳдуд мекунад.

Таҳлили пайҳои бархӯрд аксаран барои барқарор намудани механизми рух додани садамаи нақлиётӣ кумак мерасонад ва дар бисёр мавридҳо ягона роҳи муайян кардани шароити садама мебошад. Ин таҳқиқот метавонад маълумот диҳад, ки:

– кадом воситаи нақлиёт дар ҳолати ҳаракат қарор дошт;

– самти ҳаракати восита чӣ буд;

– мавқеи нисбии воситаи нақлиёт ва объекти бархӯрд дар лаҳзаи таъсир чӣ гуна буд;

– зарба бо кадом қисми воситаи нақлиёт сурат гирифтааст ва дигар маълумоти муҳим.

Экспертизаи трасологӣ дар ҳолати садамаи нақлиётӣ. Трасология (аз фаронсавии la trace – «trace») илм дар бораи пайҳо мебошад. Экспертизаи мустақили трасологӣ пайҳои дар ҷойи ҳодиса ё ҷиноят боқимондаро таҳқиқ мекунад. Чор намуди экспертизаи трасологӣ мавҷуд аст: экспертизаи пайҳои воситаи нақлиёт, экспертизаи механоскопӣ, экспертизаи гомеоскопӣ, экспертизаи пайҳои ҳайвонот. Намуди аз ҳама серталаби экспертизаи трасологӣ экспертизаи мустақили пайшиносӣ вобаста ба пайҳои воситаҳои нақлиётӣ (минбаъд экспертизаи трасологӣ-нақлиётӣ) дар ҳолати садамаи нақлиётӣ (экспертизаи пайҳои нақлиёт) мебошад. Экспертизаи нақлиётӣ-трасологӣ дар ҳолатҳои зерин зарур аст: Ҳангоми баҳс барои муайян кардани гунаҳгори садама. Агар шахсро беасос ва ғайриқонунӣ ба садамае айбдор кунанд, ки воқеан гунаҳгор нест, хулосаи экспертизаи трасологӣ имкон медиҳад, ки баҳс тибқи тартиби судӣ ҳал карда шавад.

Экспертизаи нақлиётӣ-трасологӣ метавонад инҳоро муайян кунад: макони дақиқи садамаи нақлиётӣ; самти ҳаракат, мавқеи нисбии воситаи нақлиёт дар лаҳзаи бархӯрд; кинематикаи ҳаракат, суръат ва хусусияти ҳаракати воситаи нақлиёт, ки ба садама дучор шудааст; ҳаракатнокӣ статикӣ будани воситаи нақлиёт ё пиёдагард дар лаҳзаи садама; механизми бархӯрд бо воситаи нақлиёт; хусусият ва андозаи осебҳои воситаи нақлиёт; механизми пайдоиши пайҳои шина; муносибати осебҳои алоҳидаи воситаи нақлиёт ба ин садама; таҳқиқи сабабҳо ва механизми садамаҳои нақлиётиро экспертизаи автотехникӣ низ анҷом медиҳад.

Экспертизаи нақлиётӣ-трасологии садамаи нақлиётӣ таҳқиқи пайҳои алоқа байни воситаҳои нақлиётӣ ва маҳалли ҳодиса дар садамаи накдиётӣ мебошад. Мақсади таҳқиқи трасологӣ муайян кардани сабабҳо ва ҳолатҳои садамаи нақлиётӣ мебошад. Экспертизаи трасологӣ дар асоси пайҳои мавҷудбуда дар воситаи нақлиёт ва дар сатҳи роҳ метавонад манзараи пурраи садама, аз ҷумла сабаби рух додани он, раванди таъсири мутақобили воситаҳои нақлиёт, механизми рушд оқибатҳои бархӯрд бо воситаи нақлиёти дигар ё ба ягон монеаро муайян кунад ва ба саволҳои баҳсталаб посух диҳад. Барои муайян

кардани ҳолати техникии мошин, ҳолатҳо ва механизми садамаи нақлиётӣ аз экспертизаи автотехникӣ истифода мекунанд. Хатти марзии байни ин экспертизаҳо бениҳоят тира аст. Масъулияти арзёбии осебҳои мошинро пас аз садама экспертизаи молшиносӣ-автомобилӣ ба ухда дорад. Агар кадом навъи экспертизаро интихоб кардан маълум набошад, мутахассисони касбӣ дар бораи намуди экспертиза ва саволҳои нисбатан мувофиқ маслиҳат медиҳанд.

Экспертизаи трасологӣ-нақлиётӣ ба таҳлили ҳамаи намудҳои пайҳои гуногун машғул аст, ки метавонанд аз воситаҳои нақлиёти мухталиф – аз ҷумла мошинҳои сабукрав, боркаш, нақлиёти роҳи оҳан ё обӣ  боқӣ монда бошанд.

Мувофиқи механизми ташаккул предмети экспертизаи трасологӣ метавонанд пайҳои мошинҳои чархдор ва тасмачархдор, нақлиёти яхгард ва чанаҳо, қисмҳои баромадаи ҳама гуна воситаи нақлиёт, қисмҳои аз нақлиёт ҷудошуда (зарраҳои сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, лой, пораҳои шиша, зарраҳои ранг ва ғ.) бошанд.

Объектҳои экспертизаи трасологӣ дар доираи нақлиёти автомобилӣ сатҳи роҳ, аломатҳои роҳ, воситаҳои нақлиёт ва қисмҳои онҳо, монеаҳои роҳ, пайҳои сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, қолаби пайҳо, бадани инсон ва ашёи либос, аксҳо, протоколҳои азназаргузаронӣ ва ғ. мебошанд.

Масъалаҳое, ки дар назди экспертизаи нақлиётӣ-трасологӣ гузошта ва ҳал карда мешаванд, инҳоянд: дар куҷо ҷойгир будани ҷойи бархӯрди воситаҳои нақлиёт; оё осебҳои таҳқиқшаванда (аз ҷумла ҳаҷми осеб)-и воситаи нақлиёт ба ҳолатҳои садама мувофиқат мекунад? пеш аз бархӯрд воситаҳои нақлиёт чӣ гуна ҷойгир буданд?, воситаҳои нақлиёт ба кадом самт ҳаракат мекарданд?, воситаҳои нақлиёт таҳти кадом кунҷ ба ҳам бархӯрдаанд?, оё дар макони садамаи нақлиётӣ тавассути нақлиёти мушаххас пайҳое боқӣ гузошта шудаанд?, пайҳои таҳқиқшаванда тавассути кадом намуди нақлиёт, тамға, навъи воситаи нақлиёт (трактор, велосипед ва ғайра), инчунин тавассути кадом қисмҳои он боқӣ гузошта шудаанд?, пайҳои таҳқиқшаванда бо кадом чархи воситаи нақлиёт (чап, рост, пеш, қафо) боқӣ гузошта шудаанд?, пайҳои таҳқиқшаванда тавассути кадом тамға шина гузошта шудаанд?, муайян кардани

механизми пайдоиши пайҳои таҳқиқшаванда?, механизми бархӯрд ё пахшкунии пиёдагардон ва монеаҳои беҳаракат?, муайян кардани он ки оё дар объекти таҳқиқшаванда (девори роҳ, бадан, либоси ҷабрдида ва ғайра) пайҳои воситаи нақлиёт вуҷуд дорад ё не?, муайян кардани он ки оё пайҳои дар воситаи нақлиёт мавҷудбуда тавассути қисмҳои нақлиёти дигар ба вуҷуд оварда шудаанд?, муайян кардани он ки оё воситаи нақлиёт ҳангоми бархӯрд (пахшкунӣ) ҳаракат мекард ё не?, муайян кардани он ки оё предмети таҳқиқшаванда қисми воситаи нақлиёти мазкур аст?

Бо сабаби зиёд шудани шумораи воситаҳои нақлиёт дар кишвар, дониши махсуси трасологияи нақлиётӣ низ дар тафтиши садамаҳои нақлиётӣ васеъ истифода мешавад. Ҳангоми татбиқи ин экспертиза доираи васеи масъалаҳои ташхисӣ, муайянкунӣ ва таснифотӣ ҳал карда мешаванд [108, с. 9-12].

Вазифаҳои мушаххаскунӣ ба муайян кардани унсурҳои пайдокунандаи пайҳои воситаи нақлиёт аз рӯйи пайҳои онҳо алоқамананд. Ба ин унсур, вақте ки масъалаи муайян кардани мансубияти қисмҳо ба як чизи томи ягона ҳал карда мешаванд пеш аз ҳама, сатҳҳои пайро бавуҷудорандаи чархҳои автомобил, дигар унсурҳои барҷастаи қисми ҳаракатдиҳандаи он, инчунин пораҳои қисмҳои ҷудошуда дохил мешаванд [117, с. 98-111].

Вазифаҳои таснифотӣ ҳангоми татбиқи экспертизаҳои нақлиётӣ-трасологӣ, чун қоида, дар доираи таҳқиқоти муайянкунӣ (идентификатсионӣ) ё ташхисӣ хусусияти мобайнӣ доранд. Азбаски вазифаи асосии ҳама гуна таҳқиқоти таснифотӣ ин ё он навъ гурӯҳбандӣ аст, комилан аён аст, ки чунин экспертизаҳо хеле кам гузаронида мешаванд. Масалан, ҳангоми муайян кардани намуди бархӯрди воситаҳои нақлиёт ё намуд, тамға, модели воситаи нақлиётии дар садамаи нақлиётӣ иштирокдошта.

Вазифаҳои ташхисӣ пеш аз ҳама ба муайян кардани шароити ташаккули пайҳои воситаи нақлиёт нигаронида шудаанд. Рӯйхати онҳо то андозае васеъ аст.

Бо ёрии тасвирҳои бадастомада аз сабти видеоӣ, мутахассисон метавонанд ҷойи бархӯрдҳои воситаҳои нақлиёт, мавқеи ҷойгиршавии пиёдагард ва

мошинҳоро дар лаҳзаи садама, инчунин муносибати онҳо нисбат ба унсурҳои роҳ ва дигар масъалаҳои марбутро бо дақиқии баланд муайян намоянд.

Бояд зикр кард, ки ҳам маълумоти бадастомада аз сабти видеоӣ ва ҳам аз камераҳои статсионарӣ вобаста ба шароити мушаххаси роҳ ва хусусиятҳои сабти видео мебошанд, ки дар бар мегиранд:

• оё дастгоҳи сабти видеоӣ дар ҳолати беҳаракатӣ насб гардидааст;

• масофа миёни дастгоҳи сабткунанда ва макони ҳодиса;

• хусусиятҳои техникии сабти видеоӣ, аз ҷумла андоза ва суръати наворгирӣ (шумораи кадрҳо дар як сония).

• кунҷи дидашавӣ ва мавқеи сабт.

Маълумоте, ҳам ки аз камераҳои статсионарӣ, аз системаҳои гуногуни техникӣ ва коммуникатсионии ба маводи парвандаи ҷиноятӣ замимашуда ба даст оварда шудаанд, дорои аҳаммияти кам нестанд.

Намунаи равшани истифодаи ин васоити электронӣ дар татбиқи экспертизаи ҳамаҷониба бо иштироки мутахассисони таҳқиқоти автотехникӣ ва видеотехникӣ экспертизаест, ки экспертони Вазорати адлия ва ВКД ҶТ гузаронидаанд. Барои экспертиза сабти видеоии камераи статсионарӣ, ки бархӯрди ду мошинро дар чорроҳа сабт кардааст, пешниҳод карда шуд.

Трасология воқеан як шохаи муҳимми илми криминалистика аст, ки ба омӯзиши пайҳо ва изоҳҳои боқимонда аз одамон, ҳайвонот, воситаҳои нақлиёт ва ашёҳои гуногун дар ҷойи ҳодиса машғул аст. Ҳадафи асосии трасология – дастрас намудани маълумоти объективӣ ва пурра дар бораи тартибу ҷараёни ҳодисаҳои гуногун, махсусан садамаҳои нақлиётӣ ё ҷиноятҳо мебошад.

Экспертҳои трасологӣ тавассути таҳлили пайҳо ва аломатҳо метавонанд сабабу омилҳои рух додани ҳодисаро муайян кунанд, инчунин кумак расонанд ба барқарорсозии муҳити воқеии ҳодиса барои қонунисозии он дар доираи тафтиши судӣ. Ин раванд талаб мекунад, ки мутахассисон дониши амиқ дар соҳаи илми криминалистика, техникӣ ва технологияи муосир дошта бошанд.

Трасологияи нақлиётӣ дар асл як соҳаи махсуси трасология мебошад, ки ба омӯзиши пайҳо ва аломатҳои боқимонда аз воситаҳои нақлиёт дар ҷойи

садамаҳои нақлиётӣ тамаркуз мекунад. Ин бахш қонуниятҳо ва хусусиятҳои инъикоси маълумотро дар пайҳо меомӯзад, ки аз ҷониби воситаҳои нақлиёт ба вуҷуд меоянд ва чӣ гуна ин пайҳоро метавон ошкор, сабт ва таҳлил кард.

Ҳадафи коршиноси трасология ин аст, ки воситаи нақлиётро бо диққат ва пайдарпай таҳлил намояд, то ҳамаи нишонаҳо ошкор ва сабт шаванд ва дар сурате ки лозим бошад, барои таҳлили минбаъдаи механизми садама бозсозӣ шаванд [76, с. 123].

Вазифаи трасология дар он аст, ки тавассути таҳлили натиҷаҳои тамоси объект бо ашёи пайгирӣ маълумот дар бораи объекти офариданда ва механизми таъсири он дар пай ба даст оварда шавад. Барои ин мақсад аз усулҳои гуногуни ҷудо кардани маълумот, аз ҷумла методи андозагирӣ, усулҳои математикӣ, баҳисобгирӣ ва таҳрири аломатҳо истифода мешавад.

Воситаҳои нақлиёт таҷҳизоте ҳастанд, ки амалҳои онҳо (ва нишонаҳои боқимонда) бевосита ба амали инсон вобаста нестанд, балки бештар аз хусусиятҳои сохтан ва тамоси онҳо бо роҳ ва дигар объектҳо вобастаанд.

Қувваи механикӣ, ки ҳаракати мутақобилаи ҷисмҳоеро, ки дар ташаккули пай иштирок мекунанд, муайян менамояд, ҳамчун бавуҷудорандаи пай шинохта мешавад. Мутахассисон бо таҳқиқоти таҳлилӣ дар ҳар ҳолати мушаххас системаи қувваҳои таъсиркунанда дар раванди пайдоиши пайро муайян мекунанд. Бо ҷамъ кардани қувваҳо, онҳо онро ба як бавуҷудорандаи пай мутамарказ месозанд. Дар нақшаҳо ва аксҳои ашёи таҳқиқшуда ин бавуҷудоранда ҳамчун вектор нишон дода мешавад, ки самти он ба самти қувваи амалкунанда мувофиқ аст ва дарозии он ба андозаи қувва мутаносиб мебошад.

Воситаҳои нақлиёт бо фишор ё соиш ба ашё пайҳо боқӣ мегузоранд. Тасаввур кардан душвор аст, ки шароити ташаккули пай танҳо аз таъсири фишор ё танҳо аз таъсири соиш ҳосил гардад.

Дар баъзе ҳолатҳо, масалан ҳангоми инъикоси нуқтагии аломатҳо, вақте ки қувваи бавуҷудорандаи пай ба сатҳи қабулкунандаи пай равона мегардад, таъсири фишор бештар мешавад. Дар ҳолатҳои дигар, ки аломатҳо хаттӣ

инъикос мешаванд ва қувваи бавуҷудорандаи пай самти тангенсиалӣ дорад, соиш қувват мегирад. Қувваҳои фишор асосан бинобар деформатсияи ду ҷисм, ки дар тамоси пайҳо қарор доранд, ба вуҷуд меоянд [46, с. 149].

Трасологияи нақлиётӣ ба таҳлили пайҳо дар як миқёси маҳдуд, ки аз ҷиҳати навъҳо гуногунанд ва ба гурӯҳҳои калони ашёҳои бавуҷудорандаи пай тақсим мешаванд, машғул аст. Асосҳои таснифи трасологӣ ба хусусиятҳои сохтори берунии ин ашёҳо, монанди чархҳо, чароғҳои равшанидиҳанда, бампер ва ғайра асос ёфтааст. Ин хусусиятҳо дар шакли умумӣ ва бо андозаи худ, ҳамчунин вобаста ба макро ва микросохтори сатҳҳо таҷассум меёбанд.

Экспертизаи нақлиётӣ-трасологӣ метавонад дар ҳар марҳилаи тафтишот зарур бошад, аммо бештар мувофиқ аст, ки он дар аввалин марҳилаи тафтишот, вақте ки масъалаҳои муайянкунӣ ва айбдоркунӣ нисбати шахси муттаҳам ҳал мешаванд, анҷом дода шавад. Таҳқиқоти экспертӣ метавонад аз ҷониби суд, муфаттиши БДА ё адвокати айбдоршаванда таъйин гардад. Ба қоидаҳои умумии тафтишот мувофиқ, экспертизаи трасологӣ одатан ҳамчун қисми экспертизаи комплексии автотехникӣ гузаронида мешавад [118, с. 362-366].

Сабабҳои маъмултарини гузаронидани экспертизаи трасологӣ чунинанд:

1. Зоҳиран баҳсҳо дар масъалаи маблағи ҷуброни суғурта, ки пас аз садама аз ҷониби ширкатҳои суғурта пардохт мешавад. Дар аксари ҳолатҳо ширкатҳои суғурта мекӯшанд ҳаҷми ҷубронро кам нишон диҳанд, бинобар ин хулосаи мустақили экспертӣ метавонад дар арзёбии ҳақиқии зарар нақши ҳалкунанда дошта бошад.

2. Дар мавриди пайдоиши баҳсҳо барои муайян кардани гунаҳкори садамаи нақлиётӣ. Суд барои ҳалли ин баҳсҳо экспертиза таъйин намуда, бо истифода аз натиҷаҳои он шахси гунаҳгорро бо роҳи объективӣ муайян мекунад.

3. Баҳсҳо дар масъалаи ҷуброни моддӣ, ки гунаҳкори садама бояд ба тарафҳои зарардидаро пардохт кунад. Гоҳҳо ҷабрдидагон бо истифода аз вазъият зарари пештараи худашонро, ки қаблан дар натиҷаи дигар ҳодисаҳо бардоштанд, ба зарари садама илова менамоянд ва мехоҳанд онро аз ҳисоби

гунаҳкори охирин ҷуброн кунанд. Барои фарқ кардани зарари кухна ва нав гузаронидани экспертизаи нақлиётӣ-трасологӣ кумак мерасонад.

4. Муҳофизат аз айбдоркунии бардурӯғ дар мурофиаи судӣ. Бо доштани хулосаи экспертӣ, ронандаи айбдоршаванда метавонад талаботи ғайриқонунии дигар иштирокчиёни садамаро рад намояд [76, с. 123].

Садамаи нақлиётӣ одатан натиҷаи ҳамкароршавии якчанд омил ва шароити номусоид дар ҷое ва вақти муайян мебошад. Ин омилҳо метавонанд шароити обу ҳаво, хусусиятҳои сатҳи роҳ, маҳдудияти намуди дидан, ҳолати протекторҳои чархҳо, вазъи техникии воситаҳои нақлиёт ва таҷрибаи ронандагон, ҳамчунин дурустии амалкарди онҳо ҳангоми ташаккули садама бошанд. Илова бар ин, худи ҳодиса дар муддати хеле кӯтоҳ рӯй медиҳад.

Экспертизаи трасологӣ таъсири ҳар як омилро дар раванди садама таҳлил карда, онҳоро аз ҷиҳати вақт ва масофа ҷудо менамояд. Масоили ҳалли он, ки тавассути экспертиза муайян мешаванд, васеъ ва гуногунҷанба мебошанд [118, с. 362-366].

•Пешниҳод мешавад, ки тамоми масъалаҳои ҳалшаванда бо назардошти хусусиятҳои зерин тақсим карда шаванд:

•Аввалан, ҳалли масъала дар робита ба муайян кардани тааллуқоти пайҳои нақлиётӣ, яъне муайян кардани доираи масъалаҳои марбут ба:

• Пайҳо дар макони ҳодиса ба кадом воситаи нақлиёт дахл доранд?

• Кадом шина дар роҳе, ки бархӯрди нақлиётӣ рух додааст, пай боқӣ гузоштааст?

• Оё пайҳои ҳосилшуда дар ҷойи ҳодиса ба навъи мошинҳои иштирокдор дар садама мувофиқат мекунанд?

• Оё ҷойгиршавӣ, шакл, намуд ва андозаи пайҳо, ки дар мошинҳо боқӣ мондаанд, бо хусусияти бархӯрди тавсифшуда мувофиқат мекунанд? Пораҳои қисмҳое, ки дар ҷойи садама боқӣ мондаанд, аз кадом автомошинаҳо мебошанд?

•Оё пораҳои пластик, шиша ва рангҳои дар ҷойи ҳодиса дарёфтшуда ба воситаи нақлиёти мавриди назар тааллуқ доранд?

•Кадом пайҳое, ки дар роҳ ё дигар ашё пайдо шудаанд, ба воситаи нақлиёти мавриди назар тааллуқ дорад?

•Оё пайҳои боздорӣ, ки аз макони садама гирифта шудаанд, метавонанд ба намуди протектори ин автомобил тааллуқ дошта бошанд?

Дуюм, ҳалли масъалаи барқарор кардани сохтори ягона аз рӯйи унсурҳои алоҳида.

Ҳамин тариқ, ҳангоми гузаронидани экспертизаи трасологӣ зарур аст принсипҳои мустақилият, объективӣ ва эътимоднокӣ қатъиян риоя шаванд. Дар ҳамин замина бояд мансубияти гурӯҳӣ ва ташхиси ашёҳои мухталиф бо истифода аз пайҳои инъикосшуда муайян гардад. Ҳамчунин, барои муайян кардани тааллуқияти қисмҳо ба як объекти томи муайян, ки барои таҳлили механизм ва шароити ба вуҷуд омадани зарар зарур аст, таҳқиқот анҷом дода мешавад. Инчунин, ҳангоми муайян кардани мансубияти пайҳо ба ҳодисаи рухдода, аломатҳо ва хусусиятҳои ашёе, ки пайҳо боқӣ мондаанд, таҳлил карда мешаванд, то ҳолатҳое, ки пай дар онҳо ба вуҷуд омадааст, дақиқ карда шаванд.

**Экспертизаи дактилоскопӣ** дар ҳолатҳое гузаронида мешавад, ки зарурат пеш меояд шахсе муайян гардад, ки мошинро дуздида бошад, ё ҳалли масъала дар он аст, ки кадоме аз нафарони дар воситаи нақлиёт ҳузурдошта дар замони бархӯрд, пахшкунӣ ва дигар ҳолатҳо онро идора мекард. Инчунин, экспертиза барои тасдиқи далели пахши ҷабрдида бо ҳамин воситаи нақлиёт анҷом дода мешавад, зеро пайҳои ангушт ё кафҳои ҷабрдида метавонанд дар қанотҳо, кабина, шишаҳои паҳлуӣ ва дигар қисматҳои берунии бадани воситаи нақлиёт боқӣ монанд. Гарчанде ки дар замони бархӯрд ё пахшкунӣ ин пайҳо имкон намедиҳанд, ки шинохти инфиродӣ пурра анҷом шавад, зеро онҳо хусусиятҳои нақшҳои папиллярии ангуштро инъикос намекунанд, механизми пайдоиши онҳо ва аломатҳои иловагӣ аксар вақт аҳаммияти далелҳои ғайримустақимро доранд.

Хусусан дар ду ҳолати аввал, вақте ки пайи ангуштҳо дар дохили салони воситаи нақлиёт пайдо мешаванд (ки он ҷо муддати дароз боқӣ мемонанд), имкони муайян кардани ҷинояткор вуҷуд дорад.

**Экспертизаи хатшиносӣ ва техникӣ-криминалистии ҳуҷҷатҳо.** Вақте ки шаҳодатномаҳои ронандагӣ, талонҳо барои онҳо, инчунин талонҳои техникӣ ва роҳхатҳо тақаллуб мешаванд, барои санҷиши дурустӣ ва аслӣ будани онҳо чунин намуди экспертизаҳо гузаронида мешаванд.

Имкони гузаронидани ин навъи экспертизаҳо бо сабаби дигар низ истисно намешавад.

Сохтакории ин ҳуҷҷатҳо одатан бо пур кардани варақаҳои холии роҳхатҳои ғайриқонунӣ бадастомада, нест кардан, тарошидан, ва тағйир додани аломатҳои рақамии дар шаҳодатномаи ронандагӣ, талони огоҳкунанда барои сабтҳо, часпонидани аксҳо ва ғайра, сохтакоронаи имзоҳои мансабдорон ё чопи қалбакии муҳр тасдиқ карда мешавад.

**Экспертизаи судӣ-тиббӣ** ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои марбут ба роҳу нақлиёт барои муайян кардани сабабҳои марг ва дараҷаи вазнинии зарарҳои ҷисмонӣ ҳатмӣ мебошад (м.209 КМҶ ҶТ).

Дар ҳолати талафоти одамон дар садамаи нақлиётӣ, муфаттиш вазифадор аст, ки таҳқиқи судӣ-тиббии ҷасадҳои ҷабрдидагон (ронанда)-ро ташкил кунад ва ҳуқуқ дорад ҳангоми ташхиси онҳо дар муассисаи экспертӣ иштирок дошта бошад. Дар ҳама ҳолатҳо ӯ вазифадор аст, ки дар бораи ҳолатҳои парванда ба эксперти тиббӣ хабар диҳад.

Чунин ба назар мерасад, ки ҳузур доштан дар кушодани ҷасад бояд на ҳуқуқ, балки уҳдадории муфаттише бошад, ки ба ҷойи ҳодиса рафта онро аз назар гузаронидааст. Ин пешниҳодро мулоҳизаҳои зерин асоснок мекунанд.

Муфаттише, ки қаблан тасвири ҳодисаро сабт кардааст, имкон дорад ба эксперти тиббии суд ҳолатҳои воқеаро, ки барои ӯ аҳаммияти калон доранд, бо касбияти баланд фаҳмонад ва инчунин диққати ӯро ҳангоми кушодани ҷасад ба мушаххас кардани масъалаҳои муҳим равона созад, на масоили дуюмдараҷа.

Ҳангоми ташхиси тиббӣ-судии ҷасад мумкин аст ҳолатҳои ғайричашмдоште рӯшан шаванд, ки қаблан маълум набуданд, аз нигоҳи эксперти тиббӣ-судӣ барои парванда аҳаммият надошта бошанд ва дар сурати набудани муфаттиш ошкорнашуда боқӣ монанд. Дар парвандаҳои

баррасишаванда чунин ҳолатҳо аксар вақт замоне ошкор карда мешаванд ва хеле муҳим хоҳанд буд, ки воситаи нақлиёти аз ҷойи садама фироркарда дар ҷустуҷӯ қарор дошта бошад, агар фавран бо ин мақсад истифода бурда шаванд. Аз ин рӯ, ҳузури муфаттиш ҳангоми кушодани ҷасад бояд ҳатмӣ дониста шавад. Пеш аз ҳама, дар ҳолатҳое, ки воситаи нақлиёт ва ронандаи он аз ҷойи ҳодиса фирор карда бошанд, ё вақте ки дувумӣ муайян карда нашуда бошад.

Ба гуфтаҳои боло инро ҳам илова кардан лозим аст, ки қобили қабул будани иштироки ҳатмии муфаттиш дар ташхиси тиббӣ-судии ҷасад инчунин бо баъзе вазифаҳои «назоратӣ» асоснок шуда метавонад: муфаттише, ки дар кушодани ҷасад ҳузур дорад, бояд инро таъмин кунад, ҳатто агар сабабҳои марг аён ҳам бошанд, ҳар се ковокии бадан (сина, шикам ва косахонаи сар) бе иштибоҳ кушода шаванд ва дар ҳолати зарурӣ таҳқиқоти ҷудогонаи биологӣ, гистологӣ ва дигар таҳқиқоти лабораторӣ гузаронида шаванд.

2. Осебҳое, ки ба шахс дар давраи ҳаёт ё пас аз марг расонида шудаанд, инчунин маълумот дар бораи вақти пайдоиши онҳо (дар вақти зинда будан ё пас аз марг бардоштан) баррасӣ мегардад. Ҳолатҳои дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ, масалан карӣ, кӯрӣ ва ғайра, инчунин истеъмоли машруботи спиртӣ, аз ҷумла миқдори истифодашуда то оғози марг ва сатҳи мастии шахс дар вақти ҳодиса, низ мавриди таҳлил қарор мегиранд.

Экспертизаи судӣ-тиббии далелҳои шайъӣ ашёи биологӣ, аксар вақт хун, мӯй, зарраҳои устухонҳо, бофтаҳо ва узвҳои бадани инсонро, ки ҳангоми азназаргузаронии макони ҳодиса пайдо шудаанд, таҳқиқ мекунад. Масъалаҳои зерин ба эксперт пешниҳод карда мешаванд: оё хуни ошкоршуда аз инсон аст, агар чунин бошад, оё он аз рӯйи гурӯҳ ва намуд бо гурӯҳ ва навъи хуни ҷабрдида мувофиқат мекунад; оё мӯйе, ки ҳангоми азназаргузаронии воситаи нақлиёт пайдо шудааст, ба инсон тааллуқ дорад ва он ба мӯйи ҷабрдида монанд аст ё не ва ғайра.

Имрӯзҳо ҳар як иштирокчии ҳаракат дар роҳ, хоҳ ронанда бошад, хоҳ пиёдагард ё мусофир аз хатари эҳтимолии ба охир расидани ҳаёти худ дар роҳ ё

бардоштани ҷароҳатҳои гуногун эмин нест, ки ин раванд ҳамасола бо омори садамаҳои нақлиётӣ тасдиқ карда мешавад.

Вобаста ба компютеркунонӣ ва рушди илм шумораи экспертизаҳои судӣ хеле гуногунанд ва зиёд шудаанд. Аммо дар ин зербоб мо муфассалтар дар бораи экспертизаи судӣ-тиббӣ (минбаъд ЭСТ), аз ҷумла нақши он дар садамаҳои нақлиётӣ таваҷҷуҳ мекунем. ЭСТ ҳамчун яке аз намудҳои экспертизаи судӣ таҳқиқоти илмию амалӣ мебошад, ки бо тартиби муқарраршуда аз ҷониби эксперти судӣ-тиббӣ дар асоси қарори мақомоти таъқиби ҷиноятӣ (прокурор, муфаттиш ё таҳқиқбаранда), инчунин шахсе, ки парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро баррасӣ мекунад, барои додани хулоса дар бораи ҳалли масъалаҳои тиббӣ ва баъзе масъалаҳои биологие, ки дар рафти тафтиши ҷиноятӣ, баррасии парвандаи маданӣ, парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё дар рафти мурофиаи судӣ амалӣ карда мешавад [6, с. 46]. Ташкил ва тартиби гузаронидани экспертиза, хусусиятҳои экспертизаи шахсони зинда ва ҷасадҳо тибқи фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии ҶТ аз 11 марти 2016 № 346 ба танзим даровардa мешавад.

ЭСТ дар садамаҳои нақлиётӣ вазнинии ҷароҳатҳои гирифтаи иштирокчиёни садамаро муайян мекунад [144, с. 52]. Арзёбии ҳуқуқии вазъи мавҷуда аз хулосаи экспертиза вобаста аст ва он ба дараҷаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ё маъмурии шахси гунаҳкор дар садамаи нақлиётӣ бевосита таъсир мерасонад. Тибқи моддаи 209 КМҶ ҶТ, агар зарурати муайян кардани «сабаби марг; хусусият ва дараҷаи вазнинии зарари ҷисмонӣ; синну соли гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, ба шарте, ки ин барои парванда аҳамият дошта бошад ва ҳуҷҷатҳо доир ба синну сол вуҷуд надошта ё шубҳаовар бошанд; ҳолати рӯҳӣ ё ҷисмонии гумонбаршуда, айбдоршаванда, вақте ки дар масъалаи мукаллафӣ ё қобилияти онҳо дар бобати ҳимояи мустақилонаи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ дар мурофиаи ҷиноятӣ шубҳа ба миён меояд; ҳолати рӯҳӣ ва ҷисмонии ҷабрдида, шоҳид дар ҳолатҳое, ки қобилияти онҳо дар бораи дуруст дарк кардани ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта ва додани нишондод доир ба онҳо таҳти шубҳа қарор мегирад» [187], экспертизаи тиббӣ-

судӣ ба таври ҳатмӣ гузаронида мешавад. Ҳалли масъалаҳои судӣ-тиббӣ, ки ба экспертизаи аз лиҳози методӣ ва ташкилӣ дуруст анҷомшудаи вазъи саломатии ронанда асос ёфтааст, имкон медиҳад, ки роҳҳои робитаи сабабӣ-натиҷавӣ миёни ҳодиса ва беморӣ ё дигар нуқсони саломатӣ муайян карда шаванд [96, с. 193]. Дар асоси арзёбии илмии маълумоте, ки ҳангоми таҳқиқи ҷасад ё шаҳодатикунонии ҷабрдида ба даст оварда шудааст, ЭСТ метавонад далелҳои муайянеро ҳам дар бораи механизми садамаи нақлиётӣ дар маҷмуъ ва ҳам дар бораи марҳилаҳои алоҳидаи он мушаххас кунад [68, с. 26]. Ин барои шахсони мансабдоре, ки ҷиноятро тафтиш мекунанд, муҳим аст, зеро ба онҳо имкон медиҳад дар асоси маълумоти илмӣ манзараи садамаи нақлиётиро бо тамоми ҷузъиёташ барқарор кунанд [15, с. 33].

Аммо пеш аз ҳама, экспертиза ва шаҳодатикунониро фарқ кардан лозим аст. Агар ЭСТ ҳангоми садамаи нақлиётӣ танҳо дар асоси қарори суд ё мақомоти тафтишӣ амалӣ мешуда бошад, пас тартиби гузаронидани шаҳодатикунонии судӣ-тиббӣ ҳам хеле соддатар мешавад. Барои татбиқи шаҳодатикунонӣ роҳхати кормандони БДА ё ҳузури мустақилонаи ҷабрдида дар идораи ЭСТ кифоя аст, аммо дар ҳолати дувум шаҳодатикунонӣ пулакӣ гузаронида мешавад. Натиҷаи шаҳодатикунонӣ санади шаҳодатикунонии судӣ-тиббӣ мешавад. Агар дар натиҷаи шаҳодатикунонӣ осебҳои ҷисмонӣ ошкор карда шаванд, дар асоси он ЭСТ таъйин карда мешавад [6, с. 990].

Вазифаҳои ЭСТ хеле васеанд. Дар рафти ЭСТ ҳангоми садамаҳои нақлиётӣ, масъалаҳои зерин бояд ҳал карда шаванд: мавҷуд будан ё набудани ҷароҳати ҷисмонӣ дар иштирокчиёни садама, механизми пайдоиш, шумора, дараҷаи маҳалли ҷойгиршавӣ ва пайдарпайии гирифтани онҳо; вазнинии осеби ба саломатии иштирокчӣ дар натиҷаи зарари ҷисмонӣ расонидашуда; сабаби марги фавтида ва ғайра.

Агар дар натиҷаи азназаргузаронӣ ва таҳқиқи ҷабрдида эксперт хулоса диҳад, ки ба саломатии ӯ зарари сабук расонида шудааст, гунаҳкори садамаи нақлиётӣ тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ ба ҷазои маъмурӣ дар шакли ҷарима, маҳрум сохтан аз ҳуқуқи ронандагӣ, ҳабси маъмурӣ ё корҳои

маҷбурӣ ҷалб карда мешавад. Дар сурати зарари ҷиддӣ расонидан ба саломатӣ, аз ҷумла аз беэҳтиётӣ ба марг расонидани ҷабрдида, гунаҳкор тибқи м. 212 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Инчунин хулосаи эксперт ба ҷабрдида ё намояндагони ӯ имкон медиҳад, ки ҷуброни зарари моддиро тибқи Кодекси мадании ҶТ ё зарари моддӣ ва маънавиро дар суд талаб кунанд.

**Экспертизаи судӣ-равоншиносӣ (психиатрӣ).** Дар ҳолатҳое, ки амали ронандаи айбдоршаванда (ё гумонбаршуда) ҷабрдида вобаста ба садамаи нақлиётӣ, бархӯрд ва ғайра дар вақти садамаи нақлиёти автомобилӣ ё пас аз он солимии ӯро зери шубҳа мегузорад, экспертизаи судӣ-равоншиносӣ (амбулаторӣ ё статсионарӣ) таъйин карда мешавад. Хулосаи он бешубҳа ҳангоми ҳалли масъалаи солимии инсон дар суд арзиши муҳим дорад. Аммо, имкониятҳои ин экспертиза набояд аз ҳадди воқеӣ зиёд арзёбӣ карда шаванд [152, с. 127].

Ҳангоми таъйин ва гузаронидани ин навъи экспертиза масоили марбут ба муайян кардани ҷароҳатҳои мушаххас дар бадани ҷабрдидагон, ки хосиятҳои қисмҳо ва ҷузъҳои воситаи нақлиётро инъикос мекунанд берун аз салоҳияти эксперти тиббии суд боқӣ мемонанд. Ҳангоми экспертизаи судӣ-тиббӣ, – ба андешаи А.А. Коссович, – танҳо осебҳои хоснабуда ба садамаи нақлиётиро, ки «метавонад аз таъсири дилхоҳ ашёи кунд ё тез дар ҳолатҳои мушаххаси садамаи нақлиётӣ (пахш кардани пиёдагард, бархӯрди воситаҳои нақлиёт, афтидан аз воситаи нақлиёт) ба амал ояд, яъне онҳое ки бо ташхиси ҳодисаи ҷиноятӣ алоқаманд аст, муайян кардан мумкин аст» [163, с. 239].

Метавон хулоса намуд, ки, татбиқи экспертизаи комплексӣ ҳангоми тафтиши парвандаҳои ҷиноятии марбут ба роҳу нақлиёт бояд ҳамчун натиҷаи объективии ба ҳамгироии донишҳои соҳаҳои гуногуни илм, техника, санъат ё ҳунар асосёфта баррасӣ шаванд, ки ҳангоми омӯзиши равандҳо ва падидаҳое, ки қобилияти маърифатии мутахассис, муфаттиш ва судҳоро ба таври назаррас васеъ мекунанд, истифода шаванд. Ғайр аз ин, омили муҳимми ташаккул ва рушди экспертизаи комплексӣ дар он аст, ки имкон медиҳад ба масъалаҳое

посух дода шавад, ки ҳангоми гузаронидани баъзе намудҳои алоҳидаи экспертизаи судӣ беҷавоб мондаанд.

## ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқ ва баррасии мавзуи мазкур, яъне усули тафтиши ҷиноятҳое, ки бо вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт вобастаанд, диссертант ба хулосаҳои ниҳоии зерин омадааст:

1. Бехатарии ҳаракат ҳамчун категорияи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дар натиҷаи иштироки инсон ва воситаҳои нақлиёт дар раванди ҳаракат ташаккул ёфта, дараҷаи ҳифзи онҳо аз ҳолатҳои садамавӣ ва зарари аз онҳо баамаломадаро инъикос мекунад. Ба сатҳи он сифати роҳҳои автомобилгард, ташкили ҳаракат ва интизоми иштирокчиёни ҳаракат таъсири мустақим мерасонанд [4-М].

2. Вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо танҳо ҳуқуқвайронкунии маъмуриро ба миён меорад. Маҳз таҳдид ба ҳаёт ва саломатии инсон, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба вуҷуд меояд, чунин кирдорро ба ҷиноят табдил медиҳад. Аз ин рӯ, қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҷиноятҳои вобаста ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳоро ба гурӯҳи ҷиноятҳое мансуб донад, ки ба ҳаёт ва саломатии инсон таҳдид мекунанд [2-М].

3. Тавсифи криминалистии ҷиноятҳо дар соҳаи ҳаракат дар роҳ дорои хусусиятҳои фарқкунанда мебошад, ки пеш аз ҳама дар хусусияти механизми кирдори ҷиноятӣ, ки аз сохтори воқеаҳои роҳу нақлиётӣ бармеояд, ифода меёбад [1-М].

4. Механизми содир намудани ҷиноятҳое, ки бо вайрон намудани қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳҳо алоқаманданд, дар ташаккули тавсифи криминалистӣ нақши калидӣ дорад, зеро маҳз тавассути он қонуниятҳои ба вуҷуд омадани изҳо, рафтори иштирокчиён ва рушди ҳодиса ошкор мегарданд.

Механизми пайдоиши чунин ҳодисаҳо низоми динамикии амали якҷояи воситаҳои нақлиёт ва шаҳрвандон дар олами моддӣ (физикӣ, биологӣ ва ғайра) мебошад [5-М].

5. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки вазъияти содиршавии ҷиноят маҷмуи шароитҳоест, ки дар ҷойи ҳодиса ташаккул ёфта, сабаби асосии ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ мегарданд. Он вақт ва макони содиршавии ҷиноятро дар лаҳзаи

мушаххас фаро гирифта, на ҳамеша аз иродаи иштирокчиёни ҳаракат вобаста мебошад.

Шахсияти ҷинояткор дар чунин ҷиноятҳо бо назардошти ҳолати равонӣ, синну сол, ҷинс, ҳолати мастӣ ё ҳушёрӣ, сатҳи касбият (таҷрибаи ронандагӣ), мавҷудияти шуури ахлоқӣ ё донишҳои ҳуқуқӣ ва дигар омилҳо муайян карда мешавад [2-М].

6. Сабабҳои асосии зиёд содир гардидани ҷиноятҳои таҳлилшаванда дар худбоварӣ ё майл ба намоишкорӣ, набудани донишҳои ҳуқуқӣ ё шуури баланди ахлоқӣ, истеъмоли машрубот ё дигар моводи масткунанда, тамоюлҳои номуносиб (махсусан дар байни ноболиғон), набудани таҷрибаи ронандагӣ, истифодаи воситаҳои нақлиёти номувофиқ ба талабот, идора намудани нақлиёт бидуни ҳуқуқи ронандагӣ, инчунин дидаю дониста вайронкунии қоидаҳои ҳаракат (манёвр ё пешгузарӣ, зиёд кардани суръат, боздошти нақлиёт дар ҷойҳои манъшуда, сарфи назар аз чароғаки роҳ, беэътиноӣ ба аломатҳои роҳ ва ғайра) ифода меёбанд [3-М].

7. Қабули қарор дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ вобаста ба ҷинояти роҳу нақлиётӣ мавҷудияти маълумоти объективӣ дар бораи шахсе, ки воситаи нақлиётро идора кардааст, талаб менамояд. Ин маълумот бояд вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ  ё истифодаи нақлиёт, ба амал омадани оқибатҳои вазнин аз рӯйи беэҳтиётӣ дар шакли зарар ба саломатӣ ё марг, маълумот дар бораи ҷабрдидагон ва ҳолати ҷисмонии онҳо, инчунин робитаи сабабӣ байни амалҳои ронанда ва оқибати бавуҷудомадаро тасдиқ намояд [4-М].

8. Дар амал тафтиши ҷиноятҳои ин гурӯҳ аксаран бо пурра анҷом надодани амалҳои тафтишӣ, ба таври дахлдор анҷом надодани азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, омодагии нокифоя ба пурсиш ва истифодаи маҳдуди воситаҳои техникии сабт тавсиф меёбад, ки ин самаранокии муайян намудани ҳолатҳои воқеа ва шахсияти гунаҳгорро ба таври ҷиддӣ коҳиш медиҳад.

Пешниҳод мегардад, ки тамоми маҷмуи вазифаҳо ба самтҳои зерин ҷудо карда шавад:

– аввал, ҳалли масъалаи муайян кардани тааллуқоти пайҳои автомобил;

– дуюм, барқарор намудани сохтори ягонаи ҳодиса аз рӯйи унсурҳои алоҳидаи он [4-М].

9. Истифодаи усулҳои тактикии ба намоиш гузоштани огоҳии муфаттиш метавонад ба гирифтани нишондодҳои боэътимод мусоидат намояд. Дар ҳолатҳое, ки гумонбар иддао мекунад идоракунии воситаи нақлиётро шахси дигар анҷом додааст, нишондодҳои ӯ бояд ба таври муфассал аниқ карда шуда, бо дигар далелҳои парванда муқоиса гарданд [5-М].

10. Ҳангоми гузаронидани экспертизаи трасологӣ риояи принсипҳои мустақилият, объективӣ ва эътимоднокӣ зарур мебошад.

Ҳамзамон бояд мансубияти гурӯҳӣ ва шиносоии объектҳои гуногун аз рӯйи изҳои боқимонда муайян карда шавад. Инчунин муайян намудани тааллуқ доштани қисмҳои алоҳида ба як объекти ягона барои ташхиси механизми ба вуҷуд омадани осеб ва шароити ташаккули он аҳаммияти калон дорад, хусусан дар ҳолатҳое, ки мансубияти изҳо ба ҳодиса, нишонаҳо ва хусусиятҳои объекти изгузор барои муайян намудани ҳолатҳои воқеаи ҷиноят истифода мешаванд [3-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Масъалаи таъмини бехатарии ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт аҳаммияти махсус дошта, бо ҷанбаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳаёти ҷомеа зич алоқаманд мебошад. Садамаҳои нақлиётӣ дар баробари талафот дар ҳаёт ва саломатии одамон, ба иқтисодиёт, давлат ва шаҳрвандон зарари моддӣ мерасонанд. Бо дарназардошти ин, пешниҳод мегардад, ки «Консепсияи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад [2-М].

2. Бо назардошти хусусиятҳои субъекти ҷиноят ва навъи воситаи нақлиёт, тавсифи криминалистии ҷиноятҳо дар соҳаи ҳаракат дар роҳ мумкин аст аз рӯи самтҳои зерин фарқгузорӣ карда шавад, аз ҷумла:

– ҷиноятҳои ҳаракати роҳ, ки аз ҷониби ронандагон дар ҳолати мастӣ содир мегарданд;

– ҷиноятҳои нақлиёти автомобилӣ, ки тавассути автобусҳои мусофирбар ва микроавтобусҳо содир шудаанд;

– ҷиноятҳои ҳаракати роҳ, ки тавассути мототсиклҳо содир мешаванд;

– ҷиноятҳои вобаста ба вайронкунии қоидаҳои ҳаракати роҳ, ки аз ҷониби ноболиғон содир мешаванд [3-М].

3. Механизми содир намудани ҷиноятҳои вобаста ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт шартан метавонад ба чор марҳилаи мустақил ҷудо карда шавад:

– марҳилаи пеш аз садама (лаҳзаи ба вуҷуд омадани хавф барои иштирокчиёни ҳаракат);

– марҳилаи ба амал омадани садама (дарки воқеа аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни ҳаракат ва низоми идоракунии воситаи нақлиёт);

– марҳилаи рушди садама (муносибати иштирокчиён бо воситаи нақлиёт, ҳаракати он пас аз бархӯрд, расонидани ҷароҳат ба иштирокчиён ва осеб дидани воситаи нақлиёт);

– марҳилаи ниҳоӣ (ҷойгиршавии мутақобили иштирокчиёни ҳодиса пас аз пурра қатъ гардидани ҳама гуна ҳаракат) [6-М].

4. Низомноксозии маводҳои тафтиши ҷиноятҳои роҳу нақлиётӣ имкон медиҳад маҷмуи сабабҳо ва шароитҳои содиршавии онҳоро муайян намуда, онҳоро ба гурӯҳҳои зерин муттаҳид созем:

– вайрон намудани талабот нисбат ба ҳолат ва нигоҳдории объектҳои инфрасохтори роҳ;

– истифодаи воситаҳои нақлиёт дар ҳаракат, ки ба меъёрҳои муқарраршуда ҷавобгӯ нестанд;

– амалҳои беэҳтиётона ё хавфноки ҷабрдидагон;

– ҳолати мастии ҷабрдида ё ронанда;

– ташаккули худбоварии аз ҳад зиёд дар ронанда нисбат ба қобилияти идоракунии воситаи нақлиёт;

– камбудиҳои ташкили меҳнат ва истироҳати ронандагон;

– назорати нокифоя аз болои ҳолати техникӣ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт [4-М].

5. Вобаста ба мавҷуд ё набудани иштирокчиён ва объектҳои калидии ҳодиса дар марҳилаи ибтидоии тафтиш чор гурӯҳи ҳолатҳои маъмулии тафтишии ибтидоӣ фарқ карда мешавад:

– ҳолати якум: муайян будани шахсияти ронанда, мавҷудияти воситаи нақлиёт ва ҷабрдида ё маълумоти боэътимод дар бораи онҳо;

– ҳолати дуюм: мавҷуд будани ҷабрдида ва набудани маълумот дар бораи ронанда ва воситаи нақлиёт;

– ҳолати сеюм: ошкор гардидани воситаи нақлиёт ва ҷабрдида ҳангоми набудани ронанда;

– ҳолати чорум: сатҳи баланди номуайянии иттилоотӣ, зеро дар ҷойи ҳодиса ҳамаи унсурҳои асосии воқеа мавҷуд нестанд [1-М].

6. Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои роҳу нақлиётӣ ба ҳалли маҷмӯи вазифаҳои тафтишӣ равона гардида, бояд бо истифодаи васеи воситаҳои техникии сабт ва ҷалби мутахассисон анҷом дода шавад [4-М].

7. Вобаста ба манзараи изӣ вобаста ба парвандаҳои мазкур намудҳои дахлдори экспертизаҳои судӣ таъйин карда мешавад: (автотехникӣ, трасологӣ, тиббӣ ва ғайра) ки онҳо барои барқарор намудани механизми ҳодиса ва бандубасти дурусти кирдор аҳаммияти муҳим доранд [2-М].

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ:

[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137 с.

[2]. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳаракат дар роҳ" аз 17 майи соли 2018 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content_(санаи муроҷиат: 12.06.2024).

[3]. Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 октябри соли 2013 №864, бо тағирот аз 6 ноябри соли 2014. Барномаи мақсадноки «Беҳтар намудани бехатарии ҳаракат дар роҳ дар солҳои 2013-2020»

